**АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН**
**ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВ**

**ТКБ:** 343.2/.7+343.1+343.9(575.3)
**ТДУ:** 67.998+67.99(2)93+67.99(2)94(2тадж)
**С** –21

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**САЙДАЛИЗОДА ОРЗУ ИЛҲОМ**

# СУБЪЕКТИ МАХСУСИ ҶИНОЯТ

**ДИССЕРТАТСИЯ**
**барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030300–Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (6D030301–Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ)**

**РОҲБАРИ ИЛМӢ**:
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессор **ШАРИПОВ Т.Ш.**

**ДУШАНБЕ – 2025**

# МУНДАРИҶА

**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО..........................................................................3-4**

**МУҚАДДИМА...................................................................................................4-22**

**БОБИ 1. МАФҲУМ ВА МОҲИЯТИ СУБЪЕКТИ ҶИНОЯТ................23-54**

1.1. Мафҳум ва аломатҳои субъекти ҷиноят..........................................22-41

1.2. Робитаи субъекти ҷиноят бо дигар аломатҳои таркиби ҷиноят......41-54

**БОБИ 2. ТАЪРИХИ ПАЙДОИШ, МАФҲУМ ВА НАМУДҲОИ СУБЪЕКТИ МАХСУСИ ҶИНОЯТ.....................................................54-99**

2.1. Таърихи пайдоиш ва инкишофи субъекти махсуси ҷиноят…………55-74

2.2. Мафҳум ва моҳияти субъекти махсуси ҷиноят................................74-86

2.3. Таснифи аломатҳои субъекти махсуси ҷиноят.................................86-99

**БОБИ 3. ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТИИ СУБЪЕКТИ МАХСУСИ ҶИНОЯТ...........................................................................................100-151**

3.1. Ҷавобгарии ҷиноятии субъекти махсус мутобиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон...............................................100-115

3.2. Ҷавобгарӣ барои шарикӣ дар ҷиноятҳои дорои субъекти махсус.........................................................................................................115-131

3.3. Ҷавобгарии ҷиноятии субъекти махсус мутобиқи қонунгузории давлатҳои пасошӯравӣ........................................................................132-151

**ХУЛОСА...........................................................................................152-154**

**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ ......................................................................................155-157**

**НОМГӮЙИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)..............................................158-185**

**ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ....................................................................186-188**

# НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО

**ҶТ** – Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КҶ** – Кодекси ҷиноятӣ

**ИДМ** – Иттиҳоди давлатҳои мустақил

**ИҶШС** – Иттиҳоди Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистӣ

**ҶШС Тоҷикистон** – Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон

**ғ.** – ғайра

**с.** – саҳифа

**С.** – саҳифа

**қ.** – қисм

**м.** – модда

**м.м.** – моддаҳо

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар вазъияти кунунии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд ҶТ) масъалаҳои ҷиноят ва ҷиноятко̄рӣ торафт мубрам мегарданд. Зеро ки аз як тараф раванди босуръати ҷаҳонишавӣ ва аз тарафи дигар иқтисоди бозоргонӣ ба сатҳи ҷиноятко̄рӣ таъсир расонида истодааст. Бинобар ин, чунин шароит ҳалли масъалаҳои пешгирии ҷиноятко̄рӣ, омӯзиш ва таҳқиқи масъалаҳои назариявию амалии ҳуқуқи ҷиноятиро ба миён мегузорад. Алалхусус, масъалаи омӯзиши субъекти ҷиноят рӯз то рӯз аҳамияти калони назарию амалӣ пайдо кардааст. Зеро ки дар содир кардани ҷиноят нақши субъект аввалиндараҷа мебошад. Аммо, агар ҷиноят аз ҷониби категорияи шахсони дорои аломати махсус содир карда шавад, он гоҳ ҷиноят дорои субъекти махсус гардида, нисбат ба дигар кирдорҳо ба ҷамъият хавфноктар ба ҳисоб меравад. Бо назардошти ин, омӯзиши субъекти махсус ҳамчун унсури таркиби ҷиноят мубрамияти муҳимро барои назария ва ҳам амалия  касб менамояд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки субъекти махсуси ҷиноят ҳамчун падидаи ҳуқуқи ҷиноятӣ мафҳуми хеле мураккаб ва бисёрҷанба буда, омӯзишу таҳқиқи илмию амалии алоҳидаро тақозо менамояд. Ин хусусият гузаронидани таҳқиқоти муфассали илмӣ ва омӯзиши ҳамаҷонибаи амалӣ бо мақсади дарки амиқтари моҳият ва нақши он дар низоми ҳуқуқиро талаб мекунад.

Новобаста аз он, ки дар қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аломатҳои махсуси субъекти ҷиноят ба таври васеъ инъикос ёфтаанд, хоҳ дар диспозитсияи моддаҳои қисми махсуси Кодекси ҷиноятии ҶТ ва хоҳ ҳамчун ҳолати вазнинкунандаи ҷазо, то кунун дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятии Тоҷикистон ягон таҳқиқоте, ки бевостиа ба ин мавзуъ бахшида шуда бошад, мавҷуд нест.

Дар натиҷа, дар назарияи ҳуқуқ, қонунгузории ҷиноятӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ шумораи зиёди масъалаҳои норавшан вобаста ба

субъекти махсуси ҷиноят боқӣ мемонанд. Барои бартараф намудани ин камбудиҳо гузаронидани таҳқиқоти минбаъдаи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ зарур мебошад.

Аз ин лиҳоз, омӯзиш ва таҳлили масъалаҳои марбут ба субъекти махсуси ҷиноят, асоснокии мавҷудияти чунин таркибҳо дар КҶ ҶТ ва имконияти тавсеаи минбаъдаи онҳо бо назардошти вазъи криминогении кишвар аҳамияти калони илмӣ ва амалӣ дорад.

Лозим ба ёдоварист, ки субъекти махсуси ҷиноят падидаи нав набуда, ҳанӯз, аз низомҳои таърихӣ-ҳуқуқии кишвар сарчашма мегирад. Дар сарчашмаҳои одатию динӣ ва ҳуқуқии низомҳои ҳуқуқи зардуштӣ, мусулмонӣ ва шӯравӣ масъалаи субъекти махсуси ҷиноят то андозае танзими худро ёфта буд. Дар марҳилаи ташаккули ҳуқуқи шӯравӣ, қонунгузории ҷиноятӣ ба вуҷуд омада, субъекти махсусро мавриди танзими меъёрии ҳуқуқӣ қарор дод. Дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ субъекти махсуси ҷиноят фарогири чунин аломатҳои махсус буд: ҷинсият (марду зан), мансубияти динӣ (тобеи таълимоти зардуштӣ, мусулмонӣ ва ғ.), синну сол (аз 15 боло), мансабӣ (амирон, вазирон, ходимони давлатӣ ва ғ.), ҳарбӣ (сарбозон, фармондеҳон ва ғ.), касбият, иқтисодиёт, қасос, синфӣ ва ғайра.

Масъалаи ҷиноят у ҷинояткорӣ, бахусус кирдорҳои содирнамудаи шахсони мансабдор дар маркази таваҷҷуҳи ҳамешагии Президент ва Ҳукумати ҶТ қарор дорад. Дар робита ба ин, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке вохуриҳои худ бо кормандони мақомоти судӣ изҳор доштанд, ки: «...таъкид месозам, ки ҳолатҳои ба ҳуқуқвайронкунӣ, бахусус, ба кирдорҳои ҷиноятӣ даст задани баъзе судяҳо ва кормандони дастгоҳи судҳо ҳоло ҳам ҷой доранд, ки чунин вазъ моро ба нигарониву ташвиши ҷиддӣ овардааст. Дар даҳ соли охир, яъне аз соли 2014 то соли 2024 нисбат ба 107 нафар, аз ҷумла 45 нафар судяҳо, муовинон ва раисони судҳои шаҳру

ноҳияҳо парвандаҳои ҷиноятӣ оғоз ва тафтиш карда шуда, бо ҳукми суд ба муҳлатҳои гуногун аз озодӣ маҳрум ва аз саффи мақомоти судӣ хориҷ гардидаанд. Боиси нигаронист, ки содиршавии ҷиноят аз ҷониби кормандони мақомоти судӣ сол то сол зиёд шуда истодааст. Дар 10 моҳи соли 2024 26 ҷиноят нисбат ба 16 нафар ба қайд гирифта шудааст» [253]. Воқеан ҳам андешаи мазкур бори дигар аз мубрамияти таҳқиқу омӯзиши масъалаи падидаи субъекти махсус дарак медиҳад.

Ҳанӯз аз солҳои аввали ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ, ки ҷинояту ҷинояткорӣ ба дараҷаи баланди худ расида буд, роҳбарияти мамлакат ба ин масъала таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамуд. Аммо дар ин давра, қонунгузории ҷиноятии амалкунанда вазифаи худро иҷро карда натавонист.

Бинобар ин, қабули қонуни нави ҷиноятӣ масъалагузорӣ гардид. Ҳамин тавр, санаи 21-уми майи соли 1998 [1] нахустин қонуни ҷиноятии замони соҳибистиқлолии кишвар – Кодекси ҷиноятии ҶТ (минбаъд КҶ ҶТ) қабул карда шуд. Аммо, мисли санадҳои қаблии қонунгузорӣ, дар КҶ ҶТ аз соли 1998 низ меъёрҳое, ки мафҳуми субъекти махсуси ҷиноятро муайян менамоянд, вуҷуд надоранд. Дар баробари ин, шумораи зиёди моддаҳои қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ барои эътирофи шахс ҳамчун субъекти ҷиноят мавҷудияти аломатҳои иловагиро талаб мекунанд, яъне мавҷудияти субъекти махсуси ҷиноят пешбинӣ шудааст.

Ин ҳолат, бори дигар аз мубрамияти таҳқиқи масъалаи баррасишаванда ва мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор нагирифтани он дар муҳити илмии ватанӣ гувоҳӣ медиҳад.

Мубрамияти таҳқиқи масъалаи мазкурро ҳамзамон санадҳои алоҳида муайян кардаанд. Масалан, дар Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ барои солҳои 2018-2028 зикр шудааст, ки «Дар замони муосир қонунгузории ҷиноятӣ ба сифати яке аз воситаҳои муҳими танзимсозандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ баромад намуда, манфиатҳои шахс, ҷомеа ва давлатро аз

таҷовузҳои ҷинояткорона ҳифз менамояд. Ҷаҳонишавӣ, ба вуқӯъ омадани шаклҳои нави ҷинояткорӣ, аз қабили терроризм, экстремизм, коррупсия, гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар ва киберҷиноятҳо аз давлат талаб менамояд, ки қонунгузории ҷиноятиро давра ба давра такмил диҳад» [3]. Консепсияи пешгӯйии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 феврали соли 2011, № 1021 тасдиқ шудааст, талаб месозад, ки бо мақсади такмили минбаъдаи инсондӯстона гардонидани қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабули таҳрири нави КҶ ҶТ мувофиқи мақсад мебошад [2].

Андешаҳо ва меъёрҳои зикршуда гувоҳи онанд, ки, воқеан, ҳам дар кишвар дар самти пешгирии ҷинояткорӣ ва паҳлуҳои алоҳидаи он, аз ҷумла, субъекти махсуси ҷиноят, ҳанӯз, масъалаҳои зиёди ҳалталаб ҷой дошта, таҳқиқу баррасии онҳо аз нуқтаи назари илми ҳуқуқи ҷиноятӣ мубрам ба ҳисоб мераванд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Масъалаи субъекти махсуси ҷиноят дар ҶТ то кунун ҳамчун мавзуи таҳқиқоти илмии ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ дар сатҳи диссертатсионӣ қарор нагирифтааст. Баъзе паҳлуҳои алоҳидаи масъалаи баррасишаванда, қисман, аз ҷониби муҳаққиқони ватанӣ таҳқиқ гардидаанд. Дар ин миён таҳқиқоти Т.Ш. Шарипов [251, с. 563], А.И. Сафарзода [92, с. 416], У.А. Азиззода [224, с. 414], Н.Б. Азимов [21, с. 145], З.А. Камолов [41, с. 193], Ф.А. Мирзоахмедов [237, с. 194], Э.Б. Миралиев [238, с. 219], С.Т. Мирзоев [239, с. 199], М.М. Муллоев [241, с. 66], А.Қ. Назаров [72, с. 207], О.Э. Раҳмонова [243, с. 187], Ф.Т. Тоҳиров [206, с. 492], А.Ғ. Холиқзода [120, с. 488], Ш.Л. Холиқзода [249, с. 178], Х.Ғ. Ҷалолов [227, с. 179], Г. Шокирзода [252, с. 183] ва дигаронро метавон номбар намуд.

Бояд тазаккур дод, ки саҳми олимони ватанӣ дар таҳқиқи масъалаи субъекти махсус бузург аст. Зеро баъзе аз паҳлуҳои масъаларо, мушаххасан, таҳқиқ ва равшан намудаанд. Бо вуҷуди ин, метавон гуфт, ки ҷиҳатҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ ва назариявӣ-ҳуқуқии субъекти махсуси ҷиноят ҳамчун

падида дар шакли мавзуи мукаммали монографӣ дар Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст.

Масъалаи субъекти махсуси ҷиноят ба таври васеъ аз ҷониби муҳаққиқони хориҷӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Як қатор муҳаққиқони хориҷӣ ҷанбаҳои алоҳидаи субъекти махсусро дар умум таҳлилу таҳқиқ намудаанд. Аз ҷумла, В.Ю. Артёмов [225, с. 181], Э.А. Бачурий [226, с. 228], Д.С. Дядкин [228, с. 231], В.И. Жуковский [229, с. 168], Д.А. Зияуддин [230, с. 26], М.В. Кочкина [233, с. 199], Т.Г. Макарова [234, с. 23], С.А. Маркунсов [235, с. 237], А.М. Мартиросян [236, с. 28], Р.И. Михеев [66, с. 300], В.С. Орлов [75, с. 260], Р. Оримбаев [76, с. 153], Н.В. Павлова [242, с. 24], С.А. Семёнов [244, с. 209], И.В.Ситковский [245, с. 30], Ю.В. Тарасова [246, с. 195], В.В. Татаркин [247, с. 28], В.В. Устименко [118, с.104], Т.А. Хмелевская [248, с. 169], Е.В. Червонних [250, с. 23] ва дигарон.

Дар таҳқиқоти олимони номбурда масъалаи субъекти махсуси ҷиноят то андозае таҳлили хуби худро ёфтааст. Аз ҷумла, масъалаҳои мафҳум ва моҳияти субъекти махсуси ҷиноят, аломатҳои он, бандубасти ҷиноят тибқи қонунгузории ҷиноятӣ, ҷавобгарии ҷиноятии субъекти махсус дар қонунгузории кишварҳои хориҷӣ, ҷавобгарии субъекти махсус дар ҷиноятҳои шарикӣ ва монанди инҳо. Аммо, таҳқиқоти анҷомдодашуда ва таҳлили масъалаҳои номбурда дар илми ҳуқуқи ҷиноятии кишварҳои хориҷӣ ба роҳ монда шудаанд. Дар илми ҳуқуқи ҷиноятии ватанӣ бошад, тамоми масъалаҳои номбурда ҳанӯз таҳқиқ нашудаанд ва дар самти субъекти махсус, ҳанӯз, масъалаҳои ҳалталаби зиёд ҷой доранд, ки таҳқиқи илмӣ ва такмили қонунгузории ҷиноятиро тақозо менамоянд. Бинобар ин, таҳқиқоти диссертатсионии мазкур нахустин таҳқиқоти маҷмӯӣ дар илми ватанӣ ба ҳисоб рафта, мубрам мебошад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар доираи лоиҳаҳои илмии шуъбаи ҳуқуқи давлатии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.М. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар мавзуи:

«Ҳуқуқи ҷиноятии муосири Тоҷикистон (қисми умумӣ) барои солҳои 2022-2026» таҳия гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ анҷом додани таҳлили ҳамаҷонибаи субъекти махсуси ҷиноят бо истифода аз равишҳои таърихию ҳуқуқӣ, назариявию ҳуқуқӣ ва системавӣ, ошкор сохтани моҳият ва хусусиятҳои хоси ин мафҳум, муайян ва таҳқиқ намудани аломатҳои он, муқаррар намудани робитаи субъекти махсус бо унсурҳои дигари таркиби ҷиноят, инчунин баррасии масъалаҳои ҷавобгарии ҷиноятии субъекти махсус мутобиқи меъёрҳои қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои хориҷӣ, инчунин ҷавобгарии субъекти махсус барои шарикӣ дар ҷиноятҳо мебошад.

Тавассути таҳлили мавқеъҳои назариявие, ки дар адабиёти ҳуқуқӣ баён шудаанд, моҳият, аломатҳо ва намудҳои субъекти махсуси ҷиноят арзёбӣ мегарданд, муҳтавои онҳо муайян карда шуда, таърифи муаллифии субъекти махсус пешниҳод мегардад ва нақши субъекти махсус дар масъалаҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ ва бандубасти ҷиноят муайян карда мешавад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Таҳлилу омӯзши як қатор вазифаҳо баҳри ба иҷро расидани мақсадҳои таҳқиқоти диссертатсионии мазкур зарур мебошанд:

– кушодани мафҳумҳо ва дар ин замина муайян намудани аломатҳои муҳиме, ки барои эътирофи шахс ҳамчун субъекти ҷиноят заруранд;

– муайян кардани нақш ва ҷойгоҳи субъекти ҷиноят дар байни унсурҳои дигари таркиби ҷиноят;

– арзёбӣ намудани назарҳо ва мавқеи олимон дар мавриди мафҳуми субъекти махсуси ҷиноят, аломатҳои хос ва муҳтавои онҳо;

– омӯзиши давраҳои рушди меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ оид ба субъекти махсус дар санадҳои гуногуни қонунгузорӣ аз нигоҳи таърихӣ;

– таҳлили хусусиятҳои ҷавобгарӣ барои шарикӣ дар ҷиноятҳо бо иштироки субъекти махсус ва муайян кардани мушкилоти хоси дар фаъолияти ҳуқуқтатбиқнамоӣ пайдошаванда;

– баррасии масъалаҳои баҳсталаб ва мураккабе, ки ҳангоми бандубасти ҷиноятҳо бо иштироки субъекти махсус, аз ҷумла масъалаҳои шарикӣ дар ҷиноятҳо, ба вуҷуд меоянд;

– омӯхтани хусусиятҳои ҷавобгарии ҷиноятии субъекти махсус тибқи қонунгузории кишварҳои пасошӯравӣ;

– дар асоси тадқиқоти гузаронидашуда таҳия ва пешниҳод намудани тавсияҳо оид ба такмил додани Кодекси ҷиноятии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қисмати меъёрҳое, ки ҷавобгарии ҷиноятии субъектҳои махсуси ҷиноятро танзим менамоянд.

**Объекти таҳқиқот.** Объекти таҳқиқоти диссертатсиониро муносибати ҷамъиятӣ дар самти таҳқиқи маҷмӯӣ, илмӣ-амалӣ ва ҳуқуқӣ-ҷиноятии субъекти махсуси ҷиноят ташкил медиҳад.

**Мавзуи таҳқиқот.** Мавзуи таҳқиқоти диссертатсиониро омӯзиш ва таҳқиқи ҳамаҷонибаи субъекти махсуси ҷиноят ташкил медиҳад. Ҳамзамон, ба мавзуи таҳқиқот асосҳои методологӣ ва назариявӣ-ҳуқуқии субъекти махсуси ҷиноят ва ҷавобгарии ҷиноятии он мутобиқи қонунгузории ҷиноятии ҶТ ва кишварҳои хориҷӣ, инчунин ҷавобгарии субъекти махсус дар ҷиноятҳои шарикӣ дохил мешаванд.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ фарогири ду марҳилаи инкишофи қонунгузории ҷиноятӣ оид ба субъекти махсуси ҷиноят мебошад: 1) ташаккули субъекти махсуси ҷиноят дар низомҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ: ҳуқуқи зардуштӣ, ҳуқуқи мусулмонӣ, ҳуқуқи шӯравӣ; 2) инкишофи субъекти махсуси ҷиноят дар Тоҷикистони соҳибистиқлол.

Диссертатсияи мазкур дар шуъбаи ҳуқуқи давлатии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.М. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон омода гардидааст. Давраи таҳқиқоти диссертатсионӣ фарогири солҳои 2021-2024 мебошад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асоси назариявии диссертатсияро сарчашмаҳои таърихии ҳуқуқ, ғоя ва андешаҳои намояндагони афкори сиёсиву ҳуқуқӣ, арзишҳои умумибашарӣ, осори олимони ватанию хориҷӣ, ки ба масъалаи субъекти махсуси ҷиноят бахшида шудаанд, ташкил медиҳанд. Дар таҳияи диссертатсияи мазкур муаллиф ба осори илмии У.А. Азиззода, Н.Б. Азимзода, С.А. Андреев, Э.А. Бачурии, П.П. Балик, З.А. Камолов, Т.Г. Макарова, Ф.А. Мирзоахмедов, Э.Б. Миралиев, Р.И. Михеев, М.М. Муллоев, А.Қ. Назаров, В.С. Орлов, Р. Оримбаев, О.Э. Раҳмонова, А.А. Рогожкин, Л.А. Рябсева, А.И. Сафарзода, С.А. Семёнов, Ю.В. Тарасова, В.И. Терентйев, М.В. Тишкина, Ф.Т. Тоҳиров, В.В. Устименко, А.Ғ. Холиқзода, Ш.Л. Холиқов, Х.Ғ. Ҷалолов, Т.Ш. Шарипов, Г. Шокирзода ва дигарон такя кардааст.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Асосҳои методологии рисоларо усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ, ба монанди диалектикӣ, мантиқӣ-ҳуқуқӣ, мантиқӣ-забонӣ, оморӣ, шаклӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ ва дигар усулҳо ташкил медиҳанд.

Тавассути усули диалектикӣ қонуниятҳои ташаккул ва инкишофи институти субъекти махсуси ҷиноят мутобиқи сарчашмаҳои ҳуқуқӣ ва қонунгузории ҷиноятии низоми ҳуқуқи зардуштӣ, мусулмонӣ, шӯравӣ ва Тоҷикистони муосир муайян карда шудааст. Бо истифода аз усули мантиқӣ-ҳуқуқӣ маводи амалӣ вобаста ба институти субъекти махсуси ҷиноят таҳқиқ шуда, пешниҳодҳо ҷиҳати такмили қонунгузории ҷиноятии ватанию хориҷӣ ва таҷрибаи амалияи судӣ манзур карда шудааст. Дар заминаи усули мантиқӣ-забонӣ истилоҳ ва ибораҳои мавҷуда оид ба танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятии мафҳуми субъекти махсуси ҷиноят ва дигар ибораю мафҳумҳои ба он робитадошта таҳлил гардида, истифодаи

истилоҳи аз нигоҳи мантиқӣ ва забонӣ дуруст, пешниҳод карда шудааст. Дар раванди таҳқиқи институти субъекти махсуси ҷиноят бо истифода аз усули оморӣ сатҳи татбиқи институти мазкур дар амалияи судӣ, аз ҷумла, бо нишондиҳандаҳои оморӣ муайян гардидааст. Бо истифода аз усули шаклӣ-ҳуқуқӣ таҳлили қонунгузории ҷиноятии амалкунандаи ватанию хориҷӣ ва назарияҳои мавҷуда оид ба падидаи баррасишаванда анҷом дода шудааст.

Тавассути усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ қонунгузории ҶТ бо қонунгузории ҷиноятии давлатҳои пасошӯравӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст. Истифодаи усули таърихӣ-ҳуқуқӣ имконият дод, ки ташаккул ва инкишофи институти субъекти махсуси ҷиноят дар марҳилаҳои гуногуни рушди ҳуқуқи ҷиноятии Тоҷикистон, аз ҷумла, давраи амали ҳуқуқи зардуштӣ, мусулмонӣ ва шӯравӣ таҳқиқ гардад. Дар умум, усулҳои номбурда имконият фароҳам оварданд, ки мавзуи таҳқиқшаванда ҳамаҷониба, пурра ва объективона мавриди омӯзиш қарор дода шуда, вазифаҳои гузошташуда ҳалли худро пайдо намоянд.

**Заминаҳои эмпирикии таҳқиқот.** Ба сифати заминаҳои эмпирикии таҳқиқот амалияи тафтишоти мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишварамон вобаста ба ҷиноятҳои дорои субъекти махсус, ки дар судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шудаанд, асос ёфтааст. Ҳамчунин, дар раванди таҳқиқоти мазкур маълумоти оморӣ ва 26 парвандаи ҷиноятӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Навгонии илмии таҳқиқот аз мақсад ва вазифаҳои он бармеояд, ки бо омӯзиши таҷрибаи фаъолияти қонунгузорӣ ва ҳуқуқтатбиқкунии халқи тоҷик дар дурнамои таърихӣ, инчунин ба такмили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба масъалаҳои субъекти махсуси ҷиноят равона шудаанд. Ғайр аз ин, навоварии таҳқиқот бо истифодаи таҳлили таърихии рушди ин ниҳоди ҳуқуқӣ ва омӯзиши тағйироти охирини қонунгузории давлатҳои

пасошӯравӣ вобаста ба ҷавобгарии субъекти махсус ва хусусиятҳои инъикоси он дар кодексҳои ҷиноятии ин кишварҳо муайян карда мешавад. Навгонии илмии натиҷаҳои бадастомада дар он аст, ки диссертатсияи мазкур аввалин таҳқиқоти ҳамаҷонибаи илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки ба ошкор намудани нақши субъекти махсус ҳангоми муайян кардани асосҳои ҷавобгарии ҷиноятии шахсони алоҳида бахшида шудааст. Аз ҷумла:

– осори илмии вобаста ба мафҳум ва аломатҳои субъекти ҷиноят мавриди таҳлил қарор гирифтаанд;

– робитаи субъекти ҷиноят бо дигар унсурҳои таркиби ҷиноят мавриди таҳлил қарор дода шуда, хусусиятҳои ин робита муайян гардиданд;

– хусусиятҳои пайдоиш ва ташаккули танзими ҳуқуқии субъектҳои махсус дар давраҳои гуногуни таърихӣ таҳқиқ ва тавсиф гардида, муайян карда шуд, ки доираи ҷиноятҳои дорои субъекти махсус дар Кодекси ҷиноятии ҶТ мунтазам тағйир ёфта, тамоюли афзоиши шумораи чунин кирдорҳоро дорад;

– мавқеъ асоснок карда шуд, ки тибқи он субъекти махсус унсури ҳатмии таркиби ҷиноят бо аломатҳои субъекти махсус мебошад. Таъкид гардид, ки он на танҳо вазифаҳои дар таркиби мазкур гузошташударо иҷро мекунад, балки вазифаҳои махсуси худро низ амалӣ менамояд, ки тавассути онҳо ба муносибатҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ бевосита таъсир мерасонад;

– табиати ҳуқуқӣ- ҷиноятии ҷавобгарӣ барои шарикӣ дар ҷиноятҳои аз ҷониби субъекти махсус содиршуда мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, муайян гардид, ки меъёрҳои танзимкунандаи ин масъаларо метавон ҳам дар қонунгузории ҷиноятии миллӣ ва ҳам хориҷӣ дарёфт намуд;

– зарурати криминализатсия намудани кирдорҳои барои ҷомеа хавфнок бо иштироки субъекти махсус асоснок карда шуд, ки ҳам дар

таркибҳои оддӣ ва ҳам дар таркибҳои вазнинкунанда ё сабуккунандаи ҷиноят пешбинӣ мегарданд;

– таҳлили муқоисавии қонунгузории давлатҳои пасошӯравӣ оид ба масъалаҳои ҷавобгарии ҷиноятии субъекти махсус гузаронида шуд.

**Нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Навгонии назариявии таҳқиқоти диссертатсионии мазкур бо нуқтаҳои зерини ба ҳимоя пешниҳодшаванда асоснок карда мешаванд:

1. Дар ҳуқуқи ҷиноятӣ субъекти ҷиноят шахси воқеие ҳисобида мешавад, ки ба шартҳои муайян ҷавобгӯ буда, барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан имкон медиҳад. Ин шартҳо фарогири расидан ба синни муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ва қобилияти дарк кардани хусусияти кирдори худ (мукаллафӣ) мебошанд. Чунин шахс бояд кирдори барои ҷомеа хавфнокеро анҷом диҳад, ки бо муқаррароти қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ бевосита манъ гардидааст.

Бо вуҷуди ин, дар меъёрҳои Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон истилоҳи «субъекти ҷиноят» маъмулан истифода намешавад. Қонунгузор ин истилоҳро бевосита зикр намекунад, балки ба ҷои он ибораҳои гуногунро истифода мебарад, ба монанди: «шахси дар содир кардани ҷиноят гунаҳгор», «шахси ҷазоро адокунанда», «шахси ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидашуда» ва дигар ифодаҳои ба онҳо монанд.

Ғайр аз ин, дар санадҳои меъёрӣ истилоҳоти махсусе истифода мешаванд, ки нақши шахсро дар кирдори ҷиноятӣ муайян мекунанд, аз ҷумла: «иҷрокунанда», «ташкилкунанда», «таҳриккунанда», «шарик», «маҳкумшуда», «гунаҳгор». Ин мафҳумҳо нақши функсионалии субъектро дар доираи ҷинояти мушаххас таъкид мекунанд.

2. Субъекти махсуси ҷиноят падидаи нав набуда, сарчашмаи худро, ҳанӯз, аз низомҳои таърихӣ-ҳуқуқии Тоҷикистон мегирад. Заминаҳои нахустини меъёрӣ-ҳуқуқии институти мазкур, ҳанӯз, ҳазорсолаҳо пеш дар сарчашмаҳои низоми ҳуқуқии зардуштӣ ва мусулмонӣ ба назар мерасид.

Инкишофи андешаҳо оид ба субъекти махсуси ҷиноят панҷ марҳилаи таърихиро аз сар гузаронидааст: а) давраи зардуштӣ; б) давраи мусулмонӣ; в) давраи тоинқилобӣ (вақте ки Осиёи Миёна дар тобеи Россияи подшоҳӣ қарор дошт); г) давраи ҳокимияти шӯравӣ; ғ) давраи соҳибистиқлолӣ.

3. Дар натиҷаи таҳқиқи масъала ва омӯзиши ақидаҳои олимон субъекти махсуси ҷиноят ҳамчун шахсе муайян карда мешавад, ки илова бар аломатҳои ҳатмии хоси субъекти ҷиноят, инчунин дорои аломатҳои иловагӣ мебошад, ки бевосита дар қонунгузории ҷиноятӣ пешбинӣ шудаанд ё мантиқан аз таърифи ҳуқуқии таркиби мушаххаси ҷиноят бармеоянд. Бинобар гуногунӣ ва хусусияти махсуси аломатҳои субъектҳои махсуси ҷиноят, ки бо таркибҳои мушаххаси ҷиноят ва тасвири қонунгузории онҳо вобаста мебошанд, номбар намудани ҳамаи чунин аломатҳо дар умум дар сатҳи қонунгузории ҷиноятӣ ғайриимкон аст. Барои ҳамин, кофист қайд карда шавад, ки ба ҷуз аломатҳои умумӣ, субъект бояд дорои хусусиятҳои махсуси бевосита дар қонуни ҷиноятӣ пешбинишуда бошад. Таҳқиқот нишон медиҳанд, ки дар қисми умумии КҶ оид ба аломатҳои иловагии субъекти махсуси ҷиноят ягон мафҳум зикр нагардидааст ва таснифоти онҳо дар илми ҳуқуқи ҷиноятии мамлакат таҳқиқоти васеъро мехоҳад. Бинобар сабаби васеъ будани аломатҳои иловагии субъекти махсуси ҷиноят, онҳоро дар моддаи 22 КҶ ҶТ дохил кардан ғайриимкон мебошад, вале дар меъёр ва ё дар эзоҳи он метавон омилҳои таснифи аломатҳои субъекти махсуси ҷиноят (шаҳрвандӣ, демографӣ, мавқеи мансабӣ ва ғ.)-ро ишора кард. Таснифи аломатҳои субъекти махсуси ҷиноят дар ду навъ пешниҳод кардан мумкин аст: навъи маҳдуд ва навъи васеъ. Дар навъи маҳдуд танҳо асосҳои таснифи аломатҳои субъекти махсуси ҷиноят нишон дода мешаванд ва, баръакс, дар навъи васеъ бошад, дар ҳар як асоси таснифоти аломатҳо – навъҳои субъектҳои махсуси ҷиноят нишон дода мешаванд.

4. Инъикоси маҳдудияти доираи иҷрокунандагон (субъектҳои махсуси ҷиноят) аз тарзи тасвир ва ифодаи таркиби ҷиноят дар қонунгузорӣ вобаста аст. Дар натиҷа, вобаста ба тарзи ифодаи қонун, ин масъалаҳо дар доираи ҳуқуқи ҷиноятӣ аҳамияти гуногуни ҳуқуқиро касб менамоянд. Агар аломатҳои иловагии таркиби ҷиноят танҳо ба шахсияти субъекти ҷиноят тааллуқ дошта бошанд, иштироки шахсе, ки танҳо дорои аломатҳои умумии субъекти ҷиноят мебошад, дар чунин кирдор ҷоиз аст. Бо вуҷуди ин, танҳо шахсе иҷрокунандаи бевосита эътироф мегардад, ки илова бар аломатҳои умумӣ, дорои аломатҳои махсус бошад. Дар баробари ин, иштирокчиёни дигари ҷиноят, ки аломатҳои махсусро надоранд, метавонанд ҳамчун ташкилкунанда, таҳрикдиҳанда ё ёрдамчӣ амал кунанд.

**Тавсияҳои амалии** зеринро, ки дар натиҷаи анҷом додани таҳқиқоти диссертатсионӣ коркард шудаанд, пешниҳод менамоем:

1. Дар Қисми умумӣ ва махсуси КҶ ҶТ дар ивази ибораҳои гуногун истилоҳи «субъекти ҷиноят» истифода карда шавад.

2. Пешниҳод мегардад, ки меъёрҳои м. 22 КҶ ҶТ дар таҳрири нав таҳия гардида, номи он бо «таркиби ҷиноят» иваз карда шуда, қисми якуми он чунин муқаррар карда шавад: «шартҳои умумии ҷавобгарии ҷиноятиро мавҷудияти унсурҳои таркиби ҷиноят ташкил медиҳанд, ки аз инҳо иборат мебошанд: объект, субъект, тарафи объективӣ, тарафи субъективӣ». Дар қисми дуюми моддаи мазкур мафҳум ва аломатҳои объекти ҷиноят, дар қисми сеюм бошад мафҳум ва аломатҳои субъекти ҷиноят; баъдан дар қисми чорум мафҳум ва аломатҳои субъекти махсуси ҷиноят, дар қисми панҷуми моддаи зикргардида мафҳум ва аломатҳои тарафи объективии ҷиноят, дар қисми шашум мафҳум ва аломатҳои тарафи субъективии ҷиноят муқаррар карда шаванд.

3. Беҳтар мебуд, ки мафҳуми субъекти ҷиноят дар қ. 2 м. 22 КҶ ҶТ дар шакли зерин ворид карда шавад: «Субъекти ҷиноят – шахси

ҷиноятсодирнамудае мебошад, ки ба яке аз объектҳои муқаррарнамудаи Қисми махсуси Кодекси мазкур таҷовуз намуда, мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс дар вақти содир намудани ҷиноят дорои аломатҳои зерин мебошад: шахси воқеӣ, мукаллафӣ, расидан ба синну соли муайянгардидаи қонуни ҷиноятӣ».

4. Дар қ. 3 м. 22 КҶ ҶТ мафҳуми субъекти махсуси ҷиноят дар шакли зерин илова карда шавад: «Субъекти махсуси ҷиноят шахсе эътироф мегардад, ки илова бар аломатҳои ҳатмии дар моддаи 22 ҳамин Кодекс пешбинишуда, инчунин дорои аломатҳои иловагии бевосита дар қонуни ҷиноятӣ муқарраргардида ё мантиқан аз моҳияти ҳуқуқии таркиби мушаххаси ҷиноят бармеомада мебошад».

5. Дар м. 128 КҶ ҶТ қисми якум ибораи «мутобиқи қонун ё қоидаҳои махсус» нофаҳмо буда, шарҳи он дар эзоҳ оварда нашудааст. Зеро ибораи мазкур ҳангоми бандубасти ҷиноят аҳамияти калон дошта, субъекти махсуси ҷиноятро муайян мекунад. Аз ин рӯ, беҳтар мешуд, ки ибораи мазкур дар мазмуни модда ва ё дар эзоҳи он равшан карда мешуд. Ҳамзамон дар қисми якуми моддаи мазкур илова намудани меъёри зерин зарур мебошад: «...шахси дорои таҳсилоти миёна ё олии касбии тиббӣ ё дорусозӣ...».

6. Дар м.м. 23, 24 КҶ ҶТ дар хусуси синну сол ва мукаллафию номукаллафӣ сухан меравад, вале оид ба аломати якум - шахси воқеӣ дар ягон меъёри алоҳида дақиқ гуфта нашудааст. Бинобар ин, пешниҳод мегардад, ки ба масъалаи шахси воқеӣ як моддаи алоҳида ҷудо карда шавад. Дар моддаи мазкур метавон махсусиятҳои шахси воқеиро зикр намуд, ки чи гуна ашхос шахси воқеӣ буда, дар кадом ҳолат шахси воқеӣ субъект ба ҳисоб меравад.

7. Бо назардошти он, ки аломати субъекти ҷиноят на номукаллафӣ, балки мукаллафӣ ба шумор меравад ва аз мафҳуми номукаллафӣ баровардани мафҳуми мукаллафӣ нодуруст мебошад, беҳтар мешуд, ки

моддаи 24 КҶ ҶТ ба мукаллафӣ бахшида шуда, масъалаи номукаллафӣ дар қисмҳои ниҳоӣ ва ё дар моддаи алоҳида муқаррар карда шавад.

8. Ба андешаи мо, дар қонуни ҷиноятӣ фаъолияти равонпизишк ва равондармон ва ё равоншинос, ки боиси бад шудани ҳолати равонии шахс, гирифтори мушкилот ва ё бемориҳои психологӣ намудани ӯ ва монанди инҳо мегардад, муқаррар нашудааст. Бинобар ин, ба ақидаи мо, мафҳуми корманди тиб аз нигоҳи ҳуқуқӣ бояд дақиқу равшан зикр гардад. Зеро ки кадом корманди тиб (аз ҷумла, тибқи м. 129 КҶ ҶТ) ба ҷавобгарӣ ҷиноятӣ кашида мешавад, аз ҳамин масъала вобаста мебошад. Бо ин назардошт, пешниҳод менамоем, ки дар моддаи алоҳида ва ё дар бахши мафҳумҳои асосии КҶ ҶТ ҳолатҳои саломатии равонӣ низ муқаррар карда шаванд.

9. Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки дар қонунгузории ҷиноятии аксари кишварҳои пасошӯравӣ муқаррар намудани чораҳои баланд бардоштани ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳои ҷинсӣ дар байни хешовандони наздик (инсест) ё бо истифода аз нашъамандӣ содиршуда (нисбат ба васоят ё шахсе, ки барои тарбияи ҷабрдида ё нигоҳубини ӯ масъул аст) асоснок ба назар мерасад, зеро он ба ҷамъият ниҳоят хавфнок буда, ин гуна кирдорҳоро инъикос мекунад. Барои ҳамин, пешниҳод мегардад, ки дар КҶ ҶТ ба ҷинояти мазкур моддаи алоҳида ҷудо карда шавад, зеро аломати хешутаборӣ субъекти онро махсус мегардонад.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** мазкур дар он аст, ки хулосаҳо ва пешниҳодоти дар рафти тадқиқот бадастомада метавонанд дар ҳаллу фасли вазифаҳои назариявӣ ва амалии марбут ба масъалаҳои субъекти махсуси ҷиноят истифода шаванд. Ғайр аз ин, хулоса ва пешниҳодҳои баёншуда дар таҳияи адабиёти илмӣ оид ба ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва ҳуқуқи ҷазои ҷиноятӣ, инчунин дар тафсири меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ истифодаи васеъ пайдо мекунанд.

Аҳамияти амалии тадқиқот дар он аст, ки натиҷаҳои он метавонанд заминае барои такмил додани меъёрҳои амалкунандаи қонунгузории

ҷиноятӣ бошанд. Илова бар ин, хулосаҳо ва тавсияҳои дар ҷараёни таҳқиқот пешниҳодшуда метавонанд дар фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ истифода шаванд. Онҳо барои муайян намудани дурусти андозаи ҷавобгарии ҷиноятии субъекти махсус мусоидат намуда, метавонанд ҳангоми таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва дар амалияи судӣ ва фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мавриди истифода қарор гиранд.

Муқаррарот, хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ баён ва асоснок гардидаанд, дорои арзиши амалӣ буда, метавонанд дар бахшҳои зерини фаъолият мавриди истифода қарор гиранд: дар фаъолияти илмӣ – барои идомаи омӯзиш ва рушди назария дар бораи субъекти махсуси ҷиноят ва амиқ намудани тасаввурот дар бораи нақш ва аҳамияти он дар ҳуқуқи ҷиноятӣ; дар соҳаи қонунгузорӣ – ҳангоми таҳияи пешниҳодҳо ва ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии амалкунанда, ки барои такмили танзими ҳуқуқии ҷавобгарии субъектҳои махсуси ҷиноятҳо равона шудаанд; дар соҳаи ҳуқуқтатбиққунӣ – ҳамчун дастурҳои методӣ оид ба масъалаҳои бандубасти ҷиноятҳои содирнамудаи субъектҳои махсус, дуруст фарқ намудани таркибҳои наздик ва бартараф намудани рақобати меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ; дар фаъолияти таълимӣ – зимни гузаронидани дарсҳо ва семинарҳо аз фанни ҳуқуқи ҷиноятӣ (ҳам дар Қисми умумӣ ва ҳам дар Қисми махсус), таҳияи курсҳои махсуси таълимӣ, китобҳои дарсӣ ва маводи таълимию методӣ, инчунин дар корҳои илмӣ-тадқиқотии донишҷӯён ва аспирантони факултаҳои ҳуқуқшиносӣ; дар фаъолияти амалии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ – бо мақсади баланд бардоштани сатҳи омодагии касбии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар масъалаҳои бандубасти ҷиноятҳо ва татбиқи қонунгузории танзимкунандаи ҷавобгарии субъектҳои махсус.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Эътимоднокии таҳқиқоти диссертатсия тавассути истифодаи усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ, таҳлили қонунгузории миллӣ ва кишварҳои пасошӯравӣ,

омӯзиши адабиёти умумӣ ва махсус оид ба мавзуи таҳқиқот ва рисолаҳои як қатор олимон, ки нуқтаҳои назари илмии муосирро дар бораи масоили субъекти махсуси ҷиноят инъикос менамоянд ба даст оварда шудааст. Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳамзамон, ба таҳлили воқеъбинона ва ҳаматарафаи таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ оид ба паҳлуҳои мухталифи субъекти махсуси ҷиноят ва ҷавобгарии ҷиноятии он, таҳлили натиҷаҳо ва хулосаҳои дар илм пазируфташуда, мафҳумҳо, андешаҳо ва тавсияҳои назариявию амалии муаллиф, нуқтаҳои илмии таҳқиқот ва тавсияҳо, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории миллӣ бо қонунгузории кишварҳои хориҷӣ асос меёбад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқоти диссертатсионӣ ба шиносномаи ихтисоси шиносномаи ихтисоси 6D030300–Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (6D030301–Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ), ки бо қарори Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ.** Саҳми шахсии муаллиф бо ширкати бевоситаи ӯ дар таҳқиқоти диссертатсионӣ, пешбарии ақидаҳо, мафҳумҳо, хулосаҳо ва нуқтаҳои илмӣ, ба сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, нуқтаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ–амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ исбот карда мешаванд. Ҳамзамон, масъалагузорӣ ва сабки диссертатсия саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд. Ғайр аз ин, муаллиф дар таҳқиқоти диссертатсионӣ доир ба ҳалли масъалаҳо вобаста ба субъекти махсуси ҷиноят ва ҷавобгарии ҷиноятии он дар қонунгузории кишвар навгониҳои назаррасро пешниҳод намудааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот.** Диссертатсия дар шуъбаи ҳуқуқи давлатии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.М. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон омода

гардида, якчанд маротиба дар ҷаласаҳои шуъбаи мазкур муҳокима гардида, ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

Муҳимтарин натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шакли пешниҳоди маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявию байналмилалии зерин мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд:

**А) байналмилалӣ:**

–Теоретико-правовой анализ понятия специального субъекта преступления: международная научно-практическая конференция «Молодеж. Наука. Будущее» (Петрозаводск, 24.10.2022);

–Соотношение специального субъекта преступления с другими элементами состава преступления: II международная научно-практическая конференция «Человек, общество, технологии: актуалные вопросы взаимодействия». (Петрозаводск, 24.11.2022);

–Робитаи субъекти ҷиноят бо дигар аломатҳои таркиби ҷиноят: конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Рушди дизайн, санъат, технология ва илмҳои гуманитарӣ дар даврони истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Душанбе, 29.11.2023).

**Б) ҷумҳуриявӣ:**

–Субъекти махсус дар таркиби ҷиноятҳои мансабӣ: таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ: конференсияи илмӣ-назариявии устодон, кормандон ва донишҷӯёни ДОТ дар ноҳияи Рашт бахшида ба соли маърифати ҳуқуқӣ эълон шудани соли 2024, «27-солагии Ваҳдати миллӣ» ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)» (н. Рашт, 15-20 апрели соли 2024 – ҳафтаи илм).

–Ташаккули субъекти махсуси ҷиноят дар давраи ҳукмронии Россияи подшоҳӣ ва Ҳокимияти шӯравӣ: конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзуи «Маърифати ҳуқуқӣ – омили рушди давлатдории миллӣ» бахшида ба «Соли маърифати ҳуқуқӣ» (ш. Душанбе, 16 июни соли 2024).

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Доир ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ унвонҷӯ 14-то мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 8 адади он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ва 6-то мақола дар маҷаллаҳои дигар ба нашр расонидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулоса, тавсияҳо ва номгӯйи адабиёт (маъхазҳо) иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 188 саҳифаро ташкил медиҳад.

# БОБИ 1. МАФҲУМ ВА МОҲИЯТИ СУБЪЕКТИ ҶИНОЯТ

## 1.1. Мафҳум ва аломатҳои субъекти ҷиноят

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ вобаста ба мафҳум ва унсурҳои таркиби ҷиноят ҳамчун падидаи алоҳида фикру андешаҳои мухталиф ҷой дошта, вобаста ба масъалаи мазкур дар байни олимони соҳа ягонафикрӣ вуҷуд надорад. Бояд зикр кард, ки таркиби ҷиноят аз чор унсури асосӣ иборат мебошад, ки дарбаргирандаи моҳияти интститути мазкурро ташкил медиҳад.

Агар яке аз унсурҳои мазкур дар таркиби ҷиноят мавҷуд набошад, он гоҳ кирдори содиршуда ҷиноят ҳисобида намешавад. Дар ин миён субъекти ҷиноят нақши асосӣ дошта, он содиркунандаи ҷиноят ба ҳисоб меравад. Аз ин ҷост, ки таҳлили мафҳуму моҳият ва аломатҳои субъекти ҷиноят аҳаммияти калони ҳуқуқӣ дорад.

Доир ба мафҳуми субъекти ҷиноят дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ андешаҳои мухталиф мавҷуд мебошанд. Масалан, дар адабиётҳо қайд мегардад, ки «субъекти ҷиноят унсури асосии таркиби ҷиноят буда, мазмуни ин унсур субъективӣ мебошад ва ба шахсе тааллуқ дорад, ки кирдори барои ҷамъият хавфнок содир кардааст ва барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани ӯ тамоми аломатҳо мавҷуд мебошанд» [110, с. 180]. Субъекти ҷиноят яке аз унсурҳои ҳар як таркиби ҷиноят дар баробари объект, тарафи объективӣ ва субъективӣ ҳамеша ба шумор меравад. Бояд гуфт, ки дар қонунгузории ҷиноятии мамлакат истилоҳи «субъекти ҷиноят» истифода нашудааст.

Аслан субъекти ҷиноят будан ин содир кардани кирдори қасдан ва ё аз беэҳтиётии барои ба ҷамъият хавфноке мебошад, ки аз тарафи қонуни ҷиноятӣ муқаррар карда шудааст. Ҳуқуқи ҷиноятӣ аз бисёр аломатҳои хоси шахсияти ҷинояткор ҳамин хел аломатҳоеро ҷудо кардааст, ки барои ҳал кардани масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ бештар мубрамнок мебошанд. Ин аломатҳо синну сол ва мукаллафӣ мебошад. «Аломатҳои асосии субъекти

ҷиноят синну сол ва мукаллафӣ мебошанд, чунки онҳо дар ҳамаи таркиби ҷиноятҳо бояд ҷой дошта бошанд» [123, с. 112]. Р.И. Шарипов бар он назар аст, ки «мафҳуми субъекти ҷиноят, дарки хосият ё аломатҳои психофизикии он барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс ва таъини ҷазо барои содир намудани ҷиноят нақши муҳим мебозад. Субъекти ҷиноят шахсе мебошад, ки кирдори барои ҷамъият хавфнок содир кардааст ва мувофиқи қонун он ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад» [219, с. 136].

Мутобиқи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, субъекти ҷиноят шахси мукаллафе мебошад, ки дар вақти содир кардани ҷиноят ба синни муқаррарнамудаи қонуни ҷиноятӣ расидааст. Аз мафҳуми мазкур ду хулосаи муҳим баровардан мумкин аст. «Аввалан, танҳо шахсони ҷисмонӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд. Сонияи, на ҳама шахсони ҷисмонӣ субъекти ҷиноят ба ҳисоб мераванд, балки танҳо ҳамон шахсоне, ки дорои аломатҳои муайян, яъне, мукаллафӣ ва дорои синну соли муқаррарнамудаи қонуни ҷиноятӣ мебошанд. Ин аломатҳо барои субъекти ҷиноят ҳатмӣ мебошанд» [111, с. 272]. Олими дигар С.М. Кочои бар он андеша аст, ки «субъекти ҷиноят шахси воқеии мукаллаф мебошад, ки ҷиноят содир намуда, ба синни муқаррарнамудаи қонуни ҷиноятӣ расидааст. Он дорои аломатҳои ҳатмии зерин аст: шахси воқеӣ, мукаллаф будан, расидан ба синни қонунӣ» [48, с. 27]. Дар адабиёти дигар қайд шудааст, ки «субъекти ҷиноят шахси гунаҳгоре мебошад, ки кирдори барои ҷамъият хавфнокеро содир кардааст, ки бо яке аз меъёрҳои қисми махсуси қонунгузории ҷиноятӣ манъ гардидааст ва он дорои аломатҳои ҳатмии зикршуда мебошад. Тибқи қонунгузорӣ танҳо шахси воқеӣ субъекти ҷиноят буда метавонад. Шахсони ҳуқуқӣ, ашёи беҷон, ҳайвонот субъекти ҷиноят ҳисобида намешаванд» [110, с. 180].

Ҳамин тариқ, субъекти ҷиноят шахси дорои аломатҳои умумӣ ва дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунгузории ҷиноятӣ аломатҳои иловагӣ

мебошад, ки қасдан ё аз беэҳтиётӣ, кирдори барои ҷамъият хавфнокро содир намудааст. Мафҳуми субъекти ҷиноят набояд бо мафҳуми шахсияти ҷинояткор омехта карда шавад. Ин мафҳумҳо ба шахсе дахл доранд, ки ҷиноят содир кардааст, вале аз ҷиҳати мазмун фарқ мекунанд. Мавҷуд набудани субъекти ҷиноят маънои мавҷуд набудани таркиби ҷиноятро дошта, дар чунин сурат ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахси содирнамудаи ҷиноят имконнопазир мегардад, зеро масъалаи мазкурро м. 11 КҶ ҶТ муқаррар кардааст.

Субъекти ҷиноят дорои аломатҳои муайян мебошад, ки онҳо асоси ба вуҷуд омадани ҷавобгарии ҷиноятӣ ба ҳисоб мераванд. Аломатҳои субъекти ҷиноят ба хусусиятҳои шахс робитаи зич доранд. Дар адабиёти ҳуқуқӣ қайд мегардад, ки аз ҳамаи хусусиятҳои фардии шахсе, ки ҷиноят содир кардааст, бояд ҳамонҳоеро муайян кард, ки қобилияти ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани ӯро нишон медиҳанд. Маҳз ҳамин хусусиятҳо «субъекти ҷиноятро тавсиф мекунанд ва аломатҳои он ба ҳисоб мераванд» [112, с. 120]. Қонуни ҷиноятӣ аломат (шарт)-ҳои зарурии умумӣ ва махсусро муайян мекунад, ки имкон медиҳанд ин ё он шахс субъекти ҷиноят дониста шавад. Аломатҳои умумии субъекти ҷиноят: а) шахси воқеӣ; б) мукаллаф будан; в) расидан ба синни пешбининамудаи қонуни ҷиноятӣ (моддаи 22 КҶ ҶТ) мебошанд. «Субъекти ҷиноят дар баробари аломатҳои умумӣ дорои дигар аломатҳои аз нуқтаи назари қонуни ҷиноятӣ аҳамиятнок мебошад» [50, с. 131]. Дар адабиёти ҳуқуқӣ чунин қайд шудааст, ки мувофиқи қонунгузорӣ танҳо шахси воқеии мукаллаф, ки ба синни муқаррарнамудаи қонун расидааст, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад. Дар ин меъёри ҳуқуқи ҷиноятӣ чунин аломатҳои ба истилоҳ субъекти умумии ҷиноят оварда шудаанд: «шахси воқеӣ, мукаллафӣ, расидан ба синни ҷавобгарии ҷиноятӣ» [110, с. 180]. Аз андешаҳои боло бармеояд, ки субъекти ҷиноят дорои чунин аломатҳо мебошад: шахси

воқеӣ, мукаллафӣ, синну соли ҷавобгарии ҷиноятӣ. Барои дақиқ ва равшан кардани аломатҳои субъекти ҷиноят онҳоро шарҳ дода мегузарем.

**Шахси воқеӣ.** Лозим ба зикр аст, ки тибқи қонунгузории ҷиноятӣ танҳо шахси воқеӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад. Ба он ҳам шаҳрвандони кишвар ва ҳам шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дохил мешаванд. Дар ин хусус бояд қайд намуд, ки субъекти ҷиноят танҳо шахси воқеӣ буда метавонад. Қонунгузории ҷиноятии баъзе кишварҳои хориҷӣ ҳамзамон ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шудани шахсони ҳуқуқиро низ пешбинӣ мекунанд. Аммо, ин муқаррарот дар қонуни ҷиноятии амалкунанда мавҷуд намебошад. Ба назари В.Д. Иванов, яке аз аломатҳои субъекти ҷиноят шахси воқеӣ ба ҳисоб меравад. Барои он ки танҳо инсон метавонад субъекти ҷиноят бошад. Тибқи қонунгузорӣ «маълум аст, ки на ҳайвонот ва на ашёи беҷон субъекти ҷиноят эътироф карда намешаванд» [39, с. 88]. Ҳайвонҳое, ки ба саломатии одамон зарар расондаанд, ҳамчун воситаи ҷиноят баромад мекунанд, барои ин соҳиби ҳайвон ё шахси дигар ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад.

Дар сарчашмаҳои ҳуқуқӣ дар ин хусус сухан меравад, ки ҳайвонҳое, ки зарар расонидаанд ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешаванд. Барои зарар расонидаи онҳо соҳибони онҳо ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ кашида мешаванд. «Шахсони ҳуқуқӣ низ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешаванд ва дар сурати расонидани зарар аз ҷониби шахсони ҳуқуқӣ танҳо шахсони масъул (роҳбар)-и он ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад» [111, с. 272]. Дар ин масъала, Ю.В. Тарасова қайд мекунад, ки маҳдудияти қатъии доираи субъектҳои имконпазири ҷиноят бо шахсони сирф воқеӣ, инчунин маънои онро дорад, ки шахсони ҳуқуқӣ (корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо ва ғайра) низ субъекти ҷиноят шуда наметавонанд. Шахсони ҳуқуқӣ наметавонанд, ки худ аз худ ҳаракатҳои қонунӣ ва ғайриқонуниро анҷом диҳанд. Агар ҷиноятҳоро намояндагони алоҳидаи шахсони ҳуқуқӣ содир карда бошанд, пас на «шахсони ҳуқуқие,

ки аз номи онҳо амал мекунанд, балки маҳз ҳамон намояндагон ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд» [246, с. 17]. Атрофи масъалаи мазкур мо ба андешаҳои таҳлил шуда мувофиқ мебошем. Зеро ки ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани ҳайвоноту шахсони ҳуқуқӣ баҳсу мунозираҳо ва мушкилоти зиёдеро ба миён меоварад. Бо ин назардошт, мавқеи қонунгузории ҷиноятии ҶТ дуруст мебошад.

Ҳамин тавр, аз андешаҳои болозикр бармеояд, ки шахси воқеӣ яке аломатҳои субъекти ҷиноят буда, дар муайян кардани кирдори ҷиноятӣ ҳамчун таркиби ҷиноят нақши калон дорад. Тавре ки маълум гардид, танҳо шахсони воқеӣ метавонад субъекти ҷиноят бошад. Шахсони ҳуқуқӣ, ҳайвонот ва ашёи беҷон субъекти ҷиноят буда наметавонанд. Ҳарчанд дар хусуси шахсони ҳуқуқӣ ҳамчун субъекти ҷиноят баҳсҳои мухталиф ҷой дошта бошад ҳам, вале қонунгузорӣ ва аксари олимон субъекти ҷиноят будани шахсони ҳуқуқиро эътироф намекунанд. Зеро воқеан ҳам шахсони ҳуқуқӣ худ аз худ ҳаракат карда ва ё кирдореро содир карда наметавонанд. Шахсони воқеие, ки аз номи шахси ҳуқуқӣ ҷиноят содир мекунанд, шахсан худашон ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд. Барои ҳайвонот низ чунин тартибот муқаррар шудааст. Онҳо субъекти ҷиноят намебошанд, вале барои зарари расонидаи онҳо соҳибонашон ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд.

**Мукаллафӣ.** Аломати дигари субъекти ҷиноят мукаллафӣ ба ҳисоб меравад. Қонунгузор имконияти ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахсро танҳо дар сурате мепазирад, ки, агар ӯ моҳияти воқеӣ ва ба ҷамъият хавфнокии ҳаракат (беҳаракатӣ)-и худро дарк карда, қобилияти идора кардани онҳоро дошта бошад ин дар ҳуқуқи ҷиноятӣ мукаллафӣ эътироф карда мешавад. Дар адабиёт оид ба мафҳум ва моҳияти мукаллафӣ андешаҳои гуногун ҷой доранд. Мукаллафӣ дар баробари расидан ба синни муайян яке аз аломатҳои умумии субъекти ҷиноят мебошад. Дар қонунунгузорӣ мафҳуми мукаллафӣ вуҷуд надорад. Доктринаи ҳуқуқи

ҷиноятӣ дар мавриди мукаллафӣ чунин ҳолати равонии шахсро мефаҳмад, ки ӯ метавонад «аҳамияти ҳаркат (беҳаракатӣ)-и худро дарк намояд ва онҳоро дар вақти содир намудани ҷиноят идора кунад. Шахсе, ки дорои ин сифатҳо аст, қодир аст, ки барои кирдори худ дар назди давлат ҷавоб диҳад» [112, с. 128]. Қонуни ҷиноятӣ мукаллаф будан ва расидан ба синни ҷавобгарии ҷиноятиро ҳамчун аломатҳои умумӣ ва ҳатмии субъекти ҷиноят муқаррар мекунад.

Шахсоне, ки ҷиноят содир кардаанд, дар он сурат ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд, ки агар онҳо ҳангоми содир кардани кирдори ҷиноятӣ моҳияти воқеӣ ва ба ҷамъият хавфнокии ҳаракат (беҳаракатӣ)-и худро дарк карда, ба онҳо роҳбарӣ карда бошанд. Ин қобилият дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун мукаллафӣ номида мешавад. Дар адабиёт қайд мешавад, ки «мукаллафӣ ба синну соли шахсе, ки кирдори барои ҷамъият хавфнок содир кардааст, зич алоқаманд мебошад, зеро қобилияти идора кардани рафтори худ аз инкишофи синну сол вобаста аст» [106, с. 201]. Мо ба андешаи мазкур розӣ шуда наметавонем. Ба он хотир, ки қобилияти идора намудани рафтор ва, умуман, хусусиятҳои фардии шахс аз муҳит, тарбия ва дараҷаи маърифати шахс вобаста мебошад.

Бояд тазаккур дод, ки мукаллафӣ қобилияти танзим кардани рафтори шахс дар вақти содир кардани ҷиноят мебошад. Барои мукаллаф донистани шахсе, ки кирдори барои ҷамъият хавфнокро содир кардааст, муқаррар кардан лозим аст, ки ӯ дорои аломатҳои зарурии равонӣ мебошад, яъне: барои дарки ҳаракат (беҳаракатӣ)-и худ қодир аст ва онҳоро идора карда метавонад ё не. Дарки хусусияти воқеии ҷиноят маънои онро дорад, ки шахс робитаи байни кирдори содиркардааш ва оқибатҳои рухдодаро дарк мекунад. Дарки оқибати ба ҷамъият хафнокии кирдор маънои онро дорад, ки шахс кирдори ба ҷамъият хавфноки худ ва оқибати онро дарк мекунад. Қобилияти идора кардани кирдори худ

маънои онро дорад, ки ҳаракати шахс бо иродаи ӯ комилан идора карда мешавад.

Моҳияти мукаллаф будан дар он ифода меёбад, ки он шарти ҳатмии гуноҳ ва ҷавобгарии ҷиноятӣ мебошад. Дар раванди иродавӣ одатан якчанд марҳилаҳоро ҷудо мекунанд:

«1) бедорсозӣ, дарки мақсад ва хоҳиши расидан ба он;

2) даркнамоии як қатор имкониятҳо барои ноил шудан ба мақсад;

3) муборизаи ангезаҳо;

4) кабули яке аз қарорҳои имконпазир;

5) иҷрои қарори қабулшуда» [106, с. 203].

Таҳлили ҳамаҷонибаи таърифҳои мукаллафиро дар таҳқиқоти худ олим Р.И. Михеев намудааст. Ӯ қайд мекунад, ки «баъзе олимон онро қобилияти бо ҳолати солимии равонии шахс муайян намуда, аз кирдорҳои барои ҷамъияти хавфноки содиркардаи ӯ бохабар будан ва идора кардани онҳо муайян мекунанд (В.С. Трахтеров); баъзеи дигар дорои қобилияти гунаҳкорӣ ва масъул будан медонанд (П.С. Дагел); дигарон қобилияти шахс дар бораи рафтори худ ва идора кардани он, ба он вобаста будани гунаҳгорӣ ва ҷавобгар будани шахс барои кирдорҳои барои ҷамъият хавфноки содиршуда меҳисобанд (Н.П. Грабовская, Н.С. Лейкина)» [66, с. 48].

Мукаллаф будан яке аз аломатҳои ҳатмии субъекти ҷиноят мебошад. Дар қонунгузории ҷиноятӣ сарфи назар аз мавҷуд набудани ин мафҳум масъалаи таърифи қонунгузории он аз ҷониби олимон ба таври норавшан ҳал шудааст. Баъзе олимон дар қонуни ҷиноятӣ «муқаррар намудани меъёрҳоро оид ба мукаллафӣ ба мақсад мувофиқ мешуморанд» [96, с. 129, 155; 65, с. 75]. Дигарон бар ин назаранд, ки мафҳуми «мукаллафӣ» ба муқаррарнамоии қонунгузорӣ ниёз надорад, зеро субъекти ҷавобгарии ҷиноятӣ то исботи акси он мукаллаф ҳисобида мешавад. Аз ин рӯ, ба назари онҳо, кофист, ки «мафҳуми «номукаллафӣ» дар қонун муайян карда

шавад. Баъзе олимон нуқтаи назари охиринро асосноктар меҳисобанд» [106, с. 203]. Ба андешаи Н.А. Қудратов дар КҶ ҶТ мафҳуми мукаллафӣ мавҷуд нест. Ин мафҳумро илми ҳуқуқи ҷиноятӣ таҳия кардааст. Маънои «мукаллафӣ ҳолати рӯҳӣ мебошад, ки дар он шахс дорои озодии амал буда, метавонад маънои амали худро дарк кунад ва ба онҳо роҳнамоӣ кунад» [50, с. 132]. Р.И. Шарипов низ қайд мекунад, ки «субъекти ҳама гуна ҷиноят танҳо шахси мукаллаф буда метавонад. Аммо дар қонуни ҷиноятӣ мафҳуми мукаллафӣ вуҷуд надорад, балки мафҳуми номукаллафӣ муайян шудааст» [219, с. 137].

Мукаллафӣ қобилияти субъективии шахс ҷиҳати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани ӯ барои кирдори ҷиноятии содиркардааш ба ҳисоб меравад. Бинобар сабаби мавҷуд набудани мафҳуми мукаллафӣ дар қонуни ҷиноятӣ, мафҳуми он дар адабиёти ҳуқуқӣ ба таври гуногун шарҳ дода шудааст. Масалан, Ш.С. Рашковская «мукаллафиро қобилияти дар лаҳзаи содир кардани ҷиноят дарк намудани кирдорҳои худ ва идора кардани онҳо медонад» [86, с. 8]. В.С. Орлов қайд мекунад, ки «мукаллафӣ яке аз аломатҳои муҳими шахс мебошад, ки бидуни он шахсро ҳангоми содир кардани ягон кирдори барои ҷамъият хавфнок ҳамчун субъекти ҷиноят эътироф кардан мумкин нест» [75, с. 26]. Ба андешаи мо, мафҳуми мукаллафиро ҳамчун аломати субъекти ҷиноят пурра ва дақиқ Ю.М. Антонян ва С.В. Бородин пешниҳод намудаанд. Онҳо «мукаллафиро ҳолати рӯҳии шахс мешуморанд, ки аз қобилияти ӯ аз нигоҳи сатҳи рушди иҷтимоӣ-психологӣ ва иҷтимоишавӣ, синну сол ва ҳолати саломатии равонӣ, огоҳ будан аз кирдор, беҳаракатии ӯ (хабардор будан аз тарафи воқеӣ ва хавфи ҷамъиятии кирдор) ва ба онҳо ҳангоми содир кардани ҷиноят роҳбарӣ кардан иборат мебошад ва, бинобар ин, барои ӯ ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо татбиқ карда мешавад. А.Н. Трайнин қайд мекунад, ки новобаста аз он ки шахси гирифтори шизофрения чӣ кор кунад - силоҳ нигоҳ дорад, молу мулкро нест кунад, маҷрӯҳ кунад – кирдори вай

ба маънои қонунии ҷиноятӣ дохил намешавад» [103, с. 135]. Ҷонибдорӣ намудан аз андешаи боло оид ба мафҳуми мукаллафӣ дар он аст, ки аксари мафҳумҳои мукаллафӣ аз нигоҳи ҳуқуқӣ пешниҳод мегарданд, аммо мафҳуми дар боло зикршуда пурра хусусиятҳои психологии мукаллафиро фаро гирифта, аз нигоҳи психологӣ баён шудааст. Мукаллафӣ аз дараҷаи шуур ва даркнамоии субъект вобаста мебошад.

Дар ин заминаи гуфтаҳои боло зикр кардан ба маврид аст, ки аслан мукаллафӣ моҳияташ дар он ифода меёбад, ки шахси воқеӣ дар ҷақти содир кардани дилхоҳ ҷиноят метавонад, тарафи воқеӣ ва ба ҷамъият хавфнокии кирдори худро дарк карда, дар ин  баробар идора намояд. Агар шахси воқеӣ номукаллаф бошад баръакси ин ҳолат кирдорҳои худро дарк карда накарда, онро идора наменамояд. Фарқияти онҳоро метавон дар ин пояҷудо кард.

Бояд тазаккур дод, ки мукаллафӣ на танҳо пурра, балки маҳдуд низ мебошад. Дар ҳолати охир, шахс бинобар бемории рӯҳӣ, ки мукаллафиро истисно намекунад, ҳангоми содир кардани ҷиноят моҳияти воқеӣ ва ба ҷамъият хафнокии кирдори худро пурра дарк ва идора карда наметавонад. Чунин ҳолатро суд ҳангоми таъйини ҷазо ба назар мегирад ва метавонад барои таъйини чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббиро асос намояд. Қонунгузории ҷиноятӣ «шахсеро, ки дар ҳолати мастӣ дар натиҷаи истифодаи чунин мавод ҷиноят содир кардааст, аз ҷавобгарӣ озод намекунад: машрубот, маводи мухаддир, дигар маводи мадҳушкунанда. Дар ин мавридҳо шахс солим эътироф карда мешавад (ба истисноИ мастии патологӣ)» [48, с. 29]. «Мукаллафӣ ин ҳолати равоние мебошад, ки ба қобилияти дарк кардани хусусияти воқеии содир намудани кирдори ҷиноятӣ ва идора кардани онҳо асос меёбад» [110, с. 181]. Даркнамоӣ (фаҳмиш) ва ирода (қобилияти идора кардани рафтори худ) ин ду маҳаки равоние мебошанд, ки саломатии рӯҳии шахс ё баръакс, ҳолати бемории

ӯро тавсиф мекунанд ва бевосита ба эҳтимолияти ҷавобгарии ҷиноятӣ алоқамананд.

Мукаллафӣ дар баробари расидан ба синни муқарраршуда шарти ҳатмии ҷавобгарии ҷиноятӣ мебошад. Назария ва амалияи татбиқи ҳуқуқ дар муайян кардани моҳияти мукаллафӣ аксар вақт аз мафҳуми муқобил – номукаллафӣ бармеояд. Аз ин ҷост, ки мукаллафӣ аз рӯйи анъана бо ҳолати саломатии равонии шахс алоқаманд буда, ба ӯ имкон медиҳад, ки воқеияти амалҳои иҷрошудаи худро дарк карда, ба ҷамъият хафнокии онҳоро фаҳмад ва онҳоро идора кунад.

Мавриди зикр аст, ки бо сабабҳои зерин аз таърифи номукаллафӣ муайян кардани мафҳуми мукаллафӣ нодуруст мебошад:

Аввалан, дар номукаллафӣ бемории рӯҳӣ ба психикаи инсон ва дар натиҷа, дар иродаи ӯ таъсир мегузорад. Дар баробари ин, дар баъзе мавридҳо ҳангоми нигоҳ доштани қобилиятҳои зеҳнии бемор, дар ҳоле ки ӯ қобилияти идора кардани кирдорҳои худро надорад, танҳо иродааш метавонад дар ҳолати паст қарор дошта бошад. Мукаллафӣ беҳбудии рӯҳии (ҳолати зеҳнӣ ва ирода) саломатии равонии шахсро дар назар дорад. Мукаллафӣ ҳолати равонии шахсро ҳангоми содир намудани ҷиноят ва қобилияти равонии ӯро тавсиф мекунад.

Дуюм, қонунгузории ҷиноятӣ масъалаи ба истилоҳ мукаллафии маҳдудро мусбат ҳал намудааст. Ин ҳолат худ ба худ, аллакай, ба муайян кардани мафҳуми мукаллафӣ аз таърифи қонунгузории номукаллафӣ монеъ мешавад.

Сеюм, оқибати ҳуқуқии ҳамчун номукаллаф эътироф шудани шахс ин асоси аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод кардани ӯ ба ҳисоб меравад. Аммо, номукаллафии шахс дар дарк накардани ҳолатҳои воқеии кирдори худ, ба ҷамъият хавфнокии кирдор ё идора карда натавонистани кирдори худ метавонад ҳам аз омилҳои иҷтимоию равонӣ ва ҳам психофизиологӣ иборат бошад. Аз ин рӯ, бояд байни номукаллафии иҷтимоӣ (ақибмонии

инкишофи рӯҳии ноболиғ) ва номукаллафӣ (бо бемории рӯҳӣ ҳангоми содир кардани ҷинояти аз ҷиҳати ҷамъиятӣ хавфнок алоқаманд) фарқ гузошта шавад. Азбаски ҳарду намуди номукаллафӣ як механизми таъсиррасониро ба рафтор доранд, мукаллафиро метавон ҳамчун дараҷаи инкишофи рӯҳӣ ё ҳолати солимии равонии шахс муайян кард, ки қобилияти дарк кардани хусусияти воқеӣ ва ба ҷамъият хавфнокии кирдори худ ва идора кардани онҳоро дорад.

Андешаҳо оид ба номукаллафӣ ва моҳияти он дар адабиёт гуногун ба назар мерасанд. Бинобар ин, номукаллафӣ ҳолати шахсе동 дониста мешавад, ки шахс кирдори содиркардаашро накарда онро идора карда наметавонад. Аслан шахси номукаллаф наметавонад барои кирдорҳои барои ҷамъият хавфноки содиркардааш ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад, зеро ӯ ба ҷамъият хавнокии кирдори ҳаракат (беҳаракатӣ)-и худ ва (ё) онҳоро идора карда наметавонад. Содир намудани чунин кирдор дар ҳолати бемории равонӣ ва вобаста ба ин дар маҳдудияти даркнамоӣ ва (ё) иродаи ин шахс ифода меёбад. Дар ин хусус, дар адабиёт қайд шудааст, ки «шахсе, ки дар ҳолати номукаллафӣ қарор дорад, чӣ гуна зараре нарасонад, ӯ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад» [112, с. 129]. «1»

Фаҳмиши номукаллафӣ, ки қонунгузорӣ онро муайян кардааст, аз ду маҳак иборат мебошад, ки дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ онҳоро фаҳмиши ҳуқуқӣ ва фаҳмиши тиббӣ меноманд. Маҳакҳои ҳуқуқӣ ба муфаттиш, таҳқиқкунанда, судя имкон медиҳанд, ки бо назардошти меъёри тиббӣ муайян намояд, ки оё ҳуқуқвайронкунанда дар лаҳзаи содир намудани кирдори барои ҷамъият хавфнок ҳаракатҳои худро дарк намуда ё онро идора карда метавонад. Маҳаки ҳуқуқии номукаллафӣ дар мазмуни худ ду аломатро дар бар мегирад: зеҳнӣ, ки дар огоҳӣ надоштани шахс аз рафтори худ ифода меёбад ва иродавӣ, ки дар идора карда натавонистани рафтори худ ифода меёбад. Дар ин хусус, дар адабиёти ҳуқуқӣ андешаҳои шабеҳ зиёд ҷой доранд. Масалан, чунин андешаро дар таҳқиқоти Ю.В. Тарасова

ва дигар асарҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ воҳӯрдан мумкин аст. Аз ҷумла Ю.В. Тарасова қайд мекунад, ки илми ҳуқуқи ҷинояти мафҳуми номукаллафиро ошкор намуда, ду меъёрро истифода мебарад: тиббӣ (биологӣ) ва ҳуқуқӣ (психологӣ). Мавҷудияти танҳо маҳаки тиббӣ барои мукаллаф эътироф кардани шахс асоси кофӣ нест. Инро бо он шарҳ додан мумкин аст, ки «бемории рӯҳӣ худ аз худ аз мукаллафии шахс дарак намедиҳад. Ҳамин тариқ, барои мукаллафӣ эътироф кардани шахс бояд ҳарду маҳак муқаррар карда шаванд» [246, с. 44-46].

Дар адабиёти ҳуқуқи ҷиноятӣ қайд мегардад, ки «дар формулаи номукаллафӣ маъмулан ду маҳаки асосиро фарқ кардан мумкин аст - тиббӣ (биологӣ) ва ҳуқуқӣ (психологӣ). Дар навбати худ, дар маҳаки ҳуқуқии номукаллафӣ қисмҳои зеҳнӣ ва иродавиро ҷудо мекунанд. Қисми зеҳнии маҳаки ҳуқуқии номукаллафӣ дар қонун бо формулаи «моҳияти воқеӣ ва ба ҷамъият хавфнокии кирдори (ҳаракат ё беҳаракатӣ) худро дарк карда натавонистан», қисми иродавӣ – «ё онҳоро идора карда натавонистан» нишон дода мешавад. Мавҷудияти ин ду маҳак барои ҳама гуна зуҳуроти меъёри ҳуқуқӣ (дар шакли қисмҳои зеҳнӣ ва иродавӣ) ҳолати номукаллафии шахсро тавсиф мекунад» [111, с. 283].

Доир ба маҳаки тиббӣ (биологӣ) қайд мегардад, маҳаки тиббӣ муайян мекунад, ки шахси номукаллафи гирифтори вайроншавии рӯҳӣ (беморӣ) дар ҳолати бемории давомдори равонӣ, сустақлӣ ё дигар ҳолати беморҳои рӯҳӣ қарор дорад. Ба вайроншавиҳои равонии давомдор бемориҳои табобатнашавандаи хусусияти дарозмуддат, ки давра ба давра бо афзоиши доимии равандҳои беморӣ алоқамандманд ва ё пурра табобат карда намешаванд, дохил мегарданд. Аз ҷумла, «шизофрения (маҷзубият), психозҳои маник-депрессивӣ, сустақлии прогрессивӣ ва ғ.» [110, с. 181]. Дар ин хусус, Ю.В. Тарасова қайд намудааст, ки ки «меъёри тиббӣ (биологӣ) шаклҳои гуногуни вайроншавиҳои бемориҳои фаъолияти рӯҳиро нишон дода, мувофиқи қонун чор аломатро муқаррар мекунад» [246, с. 44-46].

Бояд тазаккур дод, ки кирдори ба ҷамъият хавфноки номукаллаф натиҷаи ҳолати бемории равонии онҳост. Шахси номукаллаф моҳият ва мазмуни иҷтимоии чораҳои қонунии ҷиноятиро, ки нисбати ӯ татбиқ карда мешавад, дарк карда наметавонад. Аз ин рӯ, ба ин гуна шахсон ҷазои ҷиноятӣ не, балки чораҳои хусусияти ҷиноятӣ-ҳуқуқидошта андешида мешаванд. Қонунгузорӣ истифодаи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббиро муқаррар мекунад. Татбиқи чораҳои маҷбурии тиббӣ нисбат ба «шахсоне, ки дар ҳолати номукаллафӣ кирдори барои ҷамъият хавфнок содир кардаанд, бо мақсади дармон бахшидани бемoрони рӯҳӣ ё беҳтар намудани ҳолати рӯҳии онҳо, инчунин пешгирии содир намудани кирдорҳои нав равона карда шудааст» [112, с. 274].

Маҳаки тиббии номукаллафӣ бемориҳои гуногуни рӯҳиро фаро мегирад. Онҳо метавонанд давомнок ё муваққатӣ бошанд ва ба рӯҳияи инсон то дараҷаҳои гуногун таъсир расонанд. Умумияти онҳо дар он аст, ки ҳангоми содир намудани кирдори ба ҷамъият хавфнок рафтори озодона ва иродаи қавиро истисно мекунанд. Дар ин гуна шароит кирдори содиршуда оқибати ҳолати бемориҳои равонӣ мебошад.

Бояд зикр кард, ки аслан вайроншавии равонии муваққатӣ бемориест, ки нисбатан кӯтоҳмуддат буда, метавонад бо барқароршавии бемор анҷом ёбад. Инҳо психозҳои спиртӣ, мастии патологӣ (фарқ кардани мастии физиологӣ), аффекти патологӣ ва ғ. мебошанд. Дар зери мафҳуми сустақлӣ коҳиш ёфтани фаъолияти равонии майнаи сар ё ба таври ҷиддӣ бад шудани қобилиятҳои зеҳнии шахсро мефаҳманд. Сустақлӣ дар шаклҳои гуногун зоҳир мешавад: дараҷаи сабуки сустақлӣ (дебильность), дараҷаи миёнаи сустақлӣ (имбецильность) ва дараҷаи амиқ ва васеи сустақлӣ (идиотия).

Ҳамин тавр, номукаллафӣ маҷмӯи маҳакҳои тиббӣ ва ҳуқуқӣ мебошад, ки суд онҳоро муқаррар карда, нишон медиҳад, ки шахс барои кирдори барои ҷамъият хавфноки содиркардааш, ки дар қонунгузории

ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад. Номукаллафӣ чунин категорияи ҳуқуқие мебошад, ки танҳо суд метавонад шахсро номукаллаф эътироф кунад. Аҳамияти ҳуқуқӣ-ҷиноятии ҳуқуқии номукаллафӣ пеш аз ҳама, дар он аст, ки шахси аз ҷиҳати рӯҳӣ носолим, ки кирдори ба ҷамъият хафнокро содир кардааст ва аз ҷониби суд номукаллаф эътироф шудааст, субъекти ҷиноят шуда наметавонад. Бинобар ин, дар чунин ҳолат, таркиби ҷиноят вуҷуд надорад ва дар навбати худ ҷавобгарии ҷиноятиро низ истисно мекунад. Аз натиҷаи таҳқиқот маълум гардид, ки номукаллафӣ аз рӯйи ду маҳак ташаккул меёбад:

- тиббӣ (биологӣ);

- равонӣ (ҳуқуқӣ).

Шаклҳои гуногуни ҳолати бемории равониро маҳаки тиббӣ нишон дода, дарбаргирандаи чор аломат мебошад:

- вайроншавии давомдори равонӣ;

- вайроншавии муваққатии равонӣ;

- ноқисулақлӣ;

- дигар ҳолатҳои бемории рӯҳӣ.

Аммо барои муқаррар намудани номукаллафӣ маҳаки равоние низ лозим аст, ки аз ду унсур иборат мебошад:

- зеҳнӣ (имконнопазирии дарк кардани моҳияти воқеӣ ва ба ҷамъият хавфнокии кирдори худ)

- иродаи қавӣ (имконнопазирии идора кардани кирдори худ).

**Расидан ба синни ҷавобгарии ҷиноятӣ.** Аломати дигари субъекти ҷиноят ба синни пешбининамудаи қонуни ҷиноятӣ расидани шахс мебошад. Маврид ба зикр аст, ки субъекти ҷиноят на ҳар шахс, балки танҳо он шахсе мебошад, ки ба синни муайян расида бошад. Вобаста ба ин, қонуни ҷиноятӣ синну солеро, ки шахс метавонад ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад, муқаррар мекунад. Оид ба масъалаи мазкур низ дар адабиёти ҳуқуқӣ андешаҳои мухталиф ҷой дорад. Масалан, ба андешаи

Н.А. Қудратов, «шахсоне, ки ба синни муайян расидаанд, метавонанд ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шаванд. Ноболиғон бинобар сабаби хусусиятҳои синну солашон ба ҷамъият хавфнокии кирдорро пурра дарк накарда, онҳоро идора карда наметавонанд» [50, с. 135]. С.М. Кочои бар он андеша ҳаст, ки «синну соли ҷавобгарии ҷиноятии муқаррарнамудаи қонун аломатҳои объективии қобилияти шахсро барои дарк кардани аҳаммияти ҳаракат (беҳаракатӣ) худ ва идора кардани онҳо тасдиқ мекунад. Шахс на дар рӯзи таваллуд, балки баъди ба охир расидани ҳамон рӯз, яъне шурӯъ аз соати 00:01-и рӯзи оянда ҳамчун ба синни ҷавобгарии ҷиноятӣ расида ҳисобида мешавад» [48, с. 27]. Дар хусуси синну сол дигар муҳаққиқон, аз ҷумла Ю.В. Тарасова низ андешаронӣ намудаанд. Номбурда изҳор доштааст, ки «яке аз аломатҳои дигари субъекти ҷиноят ин синну сол мебошад. Маҳз синну сол аст, ки хусусияти таркибии шахси мукаллафро ҳамчун субъекти ҷиноят ифода мекунад. Синну солро давра, марҳилаи инкишоф ва ба камол расидани шахс мефаҳманд» [246, с. 24].

Ҳам дар қонунгузории ҷиноятӣ ва ҳам дар адабиёти ҳуқуқӣ синни умумии расидан ба ҷавобгарии ҷиноятӣ 16-солагӣ буда, ба истисноии як гурӯҳ ҷиноятҳо, ки аз 14-солагӣ фаро мерасад. Ғайр аз ин, сухан танҳо дар бораи ҷиноятҳои қасдан меравад. Аз ин рӯ, шакли гуноҳ низ ба тафовути синну соли ҷавобгарии ҷиноятӣ таъсир мерасонад. Қонунгузорӣ бо муқаррар намудани номгӯйи кирдорҳои ҷиноятие, ки барои онҳо ҷавобгарӣ аз 14-солагӣ оғоз мегарданд, нишон медиҳад, ки шахсе, ки ба синни ҳадди ақалли ҷавобгарии ҷиноятӣ нарасидааст, барои ҷиноятҳои дигар, ки аҳамияти калони пешгирикунанда доранд, ба ҷавобгарӣ кашида намешавад.

Қонунгузорӣ ҷиноятҳоеро муқаррар мекунад, ки барои онҳо аз синни 14-солагӣ ҷавобгарӣ пешбинӣ шудаанд. Қонунгузорӣ ин таркибҳои ҷиноятро бо асос (сабаб)-ҳои зерин ҷудо кардааст:

1) аломатҳои анъанавӣ, зеро он аломатҳои кирдорест, ки барои ҳама давру замон муқаррарӣ мебошад ва имкон медиҳад, ки барои шахсоне, ки ба синни муайян расидаанд, оқибатҳои барои ҷамъият хавфнокро равшан намояд;

2) нисбатан ба ҷамъият хавфнокии баланд доштани як гурӯҳ ҷиноятҳо;

3) содиршавӣ ва паҳншавии ҷинояткорӣ дар байни ноболиғон;

4) ба рафторҳои ғайримуқаррарии ин категорияҳои шахсон таҳаммулпазирии иҷтимоӣ кардан.

Ҳангоми муқаррар кардани ин ё он синну соли ҷавобгарии ҷиноятӣ «қонунгузор инчунин қобилияти дарк намудани на танҳо факти вайронкунии қонун, инчунин арзишҳои иҷтимоии риоя кардани мамнуъҳои дахлдорро ба назар мегирад» [106, с. 205]. Оиди ҳолати мазкур, дар адабиёти дигари ҳуқуқи ҷиноятӣ зикр мешавад, ки таҳлили рӯйхатти ҷиноятҳое, ки барои онҳо синни 14-солагӣ муқаррар шудаанд, нишон медиҳад, ки онҳо ҷиноятҳои қасдонае ба ҳисоб мераванд, ки ба ҷамъият хавфнокии бештар доранд. Аз ин рӯ, дар ҳама маврид ҷазои вазнин (маҳрум сохтан аз озодӣ) ба муддати тӯлонӣ муқаррар шудааст.

Синну сол барои қонуни ҷиноятӣ ҳамчун нишондиҳандаи камолоти равонӣ ва иҷтимоии шахс муҳим аст. Ба ғайр аз ин, илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ба хислатҳои зеҳнӣ ва иродавии шахс бештар диққат медиҳад ва пеш аз ҳама, бо сабаби он ки маҷмӯи муайяни ин сифатҳо хусусияти дигари шахсиятро, ки барои ҳуқуқи ҷиноятӣ асосноканд, мукаллафиро муайян мекунад. Ба ақидаи Я.М. Бринин, «субъекти ҷиноятро ҳамчун мафҳуми ҳуқуқи ҷиноятӣ, бе ин ду аломат тасаввур кардан ғайриимкон аст» [27, с. 218].

Худи қонуни ҷиноятӣ меъёри махсусеро дар бар намегирад, ки мафҳуми синну солро муайян намояд, дар он танҳо маҳдудиятҳои синну соли фарорасии ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳангоми содир кардани ҷиноят нишон

дода шудааст. Мутобиқи қонунгузорӣ шахси воқеие, ки то содир кардани ҷиноят ба синни 16-солагӣ расида бошад, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад. Маълум аст, ки ноболиғи ба синни 16-солагӣ расида ва аз он калонтар қодир аст, ки моҳияти ҳодисаи рухдодаро дарк карда, оқибатҳои ба ҷамъият хавфнокии кирдори худро пешгӯйӣ кунад.

Дар баъзе сарчашмаҳо қайд мегардад, ки «ноболиғи 16-сола барои дарки ҳадаф ва усулҳои кирдорро интихоб кардан, қодир мебошад, яъне оқибатҳои онҳоро барои одамони дигар ба назар гирад, аз вобастагии сабабу оқибати рафтори мувофиқ огоҳ бошад, ҳангоми интихоби шакли рафтор аз механизми танқидӣ истифода барад, дар бораи рафтори мувофиқ ҳангоми нигоҳ доштани назорат аз болои он қарор қабул намояд» [96, с. 86-97].

Бояд тазаккур дод, ки агар субъекти ҷиноят ғайр аз аломатҳои ҳатмии мавриди таҳлил қароргирифта, ҳамзамон дорои як қатор аломатҳои иловагие бошад, ки нисбат ба ин ё он таркиби мушаххаси ҷиноят ҳатмӣ мегарданд, он гоҳ ин гуна субъект махсус номида мешавад. Аҳамияти субъекти ҷиноят пеш аз ҳама дар он ифода меёбад, ки вай ҳамчун аломати таркиби ҷиноят ба асосҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ дохил карда мешавад. Ғайр аз ин, аломатҳои субъекти ҷиноят дар баъзе мавридҳо ба бандубасти кирдор таъсир мерасонанд.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳлилу баррасии масъалаи субъекти ҷиноят хулосаҳои зерин баровардан мумкин аст:

1. Субъекти ҷиноят яке аз унсурҳои таркибии ҷиноят ба ҳисоб рафта, дорои аломатҳои ҳатмие мебошад, ки онҳоро қонунгузории ҷиноятӣ муайян кардааст ва дар ҷиноят эътироф кардан кирдори шахс нақши ҳалкунанда мебозад. Омӯзиши падидаи мазкур ба он оварда расонд, ки аломатҳои ҳатмии субъекти ҷиноят ҳам дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ҳам дар амалияи қонунгузорӣ ба ҳам мутобиқ мебошанд. Аммо, дар

қонунгузорӣ мафҳуми субъекти ҷиноят ва аломатҳои ҳатмии он дода нашудааст.

2. Субъекти ҷиноят шахси гунаҳкори кирдори ба ҷамъият хавфнок содирнамудаест, ки Субъекти ҷиноят шахси гунаҳкори кирдори барои ҷамъият хавфнокро содиркардаест, ки он бо яке аз меъёрҳои қисми махсуси қонунгузории ҷиноятӣ манъ гардида, дорои аломатҳои ҳатмии ҷиноят (шахси воқеӣ, мукаллафӣ, расидан ба синни ҷавобгарии ҷиноятӣ) мебошад. Яке аз аломатҳои ҳар як таркиби ҷиноят дар баробари объект, тарафҳои объективӣ ва субъективӣ ҳамеша субъекти ҷиноят ба ҳисоб меравад. Дар қонунгузорӣ истилоҳи «субъекти ҷиноят» истифода нашудааст. Барои муайян кардани он чунин ибораҳо истифода мешаванд: «шахсе, ки ҷиноят содир кардааст», «шахсе, ки ҷазоро адо мекунад», танҳо «шахсе», «шахсе, ки доғи судӣ дорад», «шахсе, ки ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад», «иҷрокунанда», «ташкилкунанда», «иғвогар», «шарик», «гунаҳгор», «маҳкумшуда», «маҳкумшудаи ноболиғ» ва ғайра.

3. Аҳамияти ҳуқуқӣ-ҷиноятии субъекти ҷиноят дар он ифода мегардад, ки субъект аломати ҳатмии таркиби ҷиноят мебошад ва бинобар ин, дар сурати мавҷуд набудани он дар кирдори содиршуда ҷиноят, умуман, вуҷуд надорад. Тибқи қонуни ҷиноятӣ ноболиғ субъекти ҷиноят буда наметавонад. Тибқи вазъи ҳуқуқӣ ноболиғоне, ки ақибмондагии инкишофи рӯҳӣ доранд, ба ноболиғон баробар карда мешаванд. Агар шахсе, ки ба синни ҷавобгарии ҷиноятӣ расидааст, кирдори ғайриқонунии ҷиноятӣ содир карда бошад, лекин дар айни замон ақибмонии инкишофи рӯҳиро ошкор намояд, ки бо бемории рӯҳӣ алоқаманд нест, ки дар натиҷа ӯ моҳияти воқеӣ, хатари кирдорҳои худ ё идора кардани онҳо пурра дарк карда наметавонад, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад.

4. Қобилияти дарк намудани ҷиҳати ҳақиқӣ ва хавфи ҷамъиятии амали худ ва идора кардани он ба инкишофи синну сол вобаста аст. Дар қонунгузории ҷиноятии як қатор давлатҳои хориҷӣ маҳдудиятҳои

синнусолии ҷавобгарӣ муқаррар карда шудаанд, ки ноболиғонро аз доираи таъсири ҳуқуқи ҷиноятӣ хориҷ мекунанд. Инчунин, ноболиғоне, ки дараҷаи хоси инкишофи зеҳнӣ ва иродавӣ нишон медиҳанд, ки ҳангоми содир намудани кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок, моҳият ва мафҳуми кирдорҳои худро дарк накарданд ва ё онҳоро идора карда натавонистанд.

5. Дар Қисми умумӣ ва махсуси КҶ ҶТ дар ивази ибораҳои гуногун истилоҳи «субъекти ҷиноят» истифода карда шавад.

6. Дар қисми 3 моддаи 22 КҶ ҶТ мафҳуми субъекти ҷиноят ба чунин шакл ворид карда шавад: «Субъекти ҷиноят – шахси ҷиноятсодирнамудае мебошад, ки ба яке аз объектҳои муқаррарнамудаи Қисми махсуси Кодекси мазкур таҷовуз намуда, мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи Кодекс дар вақти содир намудани ҷиноят дорои аломатҳои зерин мебошад: шахси ҷисмонӣ, мукаллафӣ, расидан ба синни ҷавобгарии ҷиноятӣ».

### 1.2. Робитаи субъекти ҷиноят бо дигар аломатҳои таркиби ҷиноят

Кирдори ҷиноятие, ки ба муносибатҳои ҷамъиятии бо қонуни ҷиноятӣ ҳифзшаванда зарар расонидааст, танҳо дар сурате ҷиноят эътироф карда мешавад, ки агар он тамоми аломатҳои таркиби ҷиноятро доро бошад. Бо назардошти ин, субъекти ҷиноят ҳамчун яке аз унсурҳои ҷудогона на дар алоҳидагӣ, балки танҳо дар робитаи зич бо дигар унсурҳои таркиби ҷиноят вуҷуд дорад. Бояд гуфт, ки субъекти ҷиноят берун аз таркиби ҷиноят вуҷуд дошта наметавонад, балки як қисми таркибии он мебошад, ки ба дигар аломатҳои таркиби ҷиноят таъсир мерасонад ва ҳамзамон зери таъсири онҳо қарор мегирад. Ба андешаи А.А. Қурбонова «субъекти ҷиноят яке аз унсурҳои таркиби ҷиноят буда, бе мавҷудияти он асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ ба вуҷуд намеояд» [184, с. 366].

Ногуфта намонад, ки асосан таркиби ҷиноят аз умумияти чор унсур таркиб ёфтааст, ба монанди: объект, тарафи объективӣ, субъект ва тарафи субъективии ҷиноят. Олим Т.Ш. Шарипов зикр мекунад, ки «таркиби

ҷиноят аз чор унсур (элемент) ташкил ёфта, кирдори барои ҷамъият хавфнокро чун ҷиноят тавсиф медиҳад. Унсурҳои мазкур дар навбати худ аломатҳои ҳатмӣ ва факултативиро дар бар мегиранд» [126, с. 70]. Дар таҳқиқоти П.Н. Кобес «низ чунин андеша ба назар мерасад» [178, с. 13-16]. Барои ташаккули ҳама гуна таркиби намуди муайяни ҷиноят, кирдори ҳаракат (беҳаракатӣ)-и субъекти ҷиноят бояд дорои робитаи объективии сабабӣ бо оқибатҳои зарарноки аз он бароянда бошад. Масалан, агар шахси бемор дар натиҷаи сактаи ногаҳонии қалб дар беморхона фавтида бошад, он гоҳ ба ҳаракати духтур бояд чунин баҳо дода шавад, ки духтур аз иҷрои вазифаҳои касбиаш дар табобати ин бемор саркашӣ кардааст. Дар ин ҳолат, беҳаракатии духтурро, базӯр, ҳамчун куштор бандубаст кардан мумкин аст. Ба ибораи дигар, ҷониби объективии ҷиноят ҷараёнҳои берунии суқасди ҷиноятиро дар бар мегирад, яъне кирдор (ҳаракат ё беҳаракатӣ), ки ифодаи берунӣ ва объективӣ дорад. Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ «дарки мафҳуми таркиби ҷиноят дар фаҳмиши гуногун мавҷуд аст» [183, с. 22]. Баъзе муаллифон «таркиби ҷиноятро ҳамчун абстраксияи қонунгузорӣ ё илмӣ, сохтори ҳуқуқӣ, модели ҷиноят дар қонун мефаҳманд» [52, с. 73; 54, с. 33-34; 181, с. 18].

Ю.В. Тарасова дар ин хусус ибрози андеша менамояд, ки «дар доираи мавзуи баррасишаванда бо ин андеша розӣ шудан душвор аст» [246, с. 54]. Ю.А. Варламова илова ба андешаи Ю.В. Тарасова қайд менамояд, ки «барои он ки ҳама гуна ҳаракат (беҳаракатӣ) таркиби ҷиноятро ташкил диҳад, он бояд кофӣ ва пурра бошад. Пас, ҳар гуна ғаразҳои бад, новобаста аз он ки онҳо андешаҳои зишт, ҳавас ва андешаҳои нангин бошанд ҳам, шахс ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад, гарчанде ки ӯ ҳатман ҷавобгарии маънавӣ дорад ва чун қоида, ҷазои на камтар вазнинро дар намуди ҷазои пушаймонӣ, азоби виҷдон аз сар мегузаронад» [152, с. 84-85]. Ба андешаи В.И. Терентйев, дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ чунин нуқтаи умумиэътирофшудаи назар ҷой дорад, ки мавҷуд будани ҳамаи аломатҳои

таркиби ҷиноят дар кирдори шахси ҷиноят содирнамуда ягона асоси ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани ӯ ба ҳисоб меравад [102, с. 90].

Тавре ки аз назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ бармеояд, асоси ба вуҷуд омадани ҷавобгарии ҷиноятӣ ин мавҷудияти аломатҳои таркиби ҷиноят дар кирдори содиршуда мебошад. Аломатҳои таркиби ҷиноят агар дар кирдори содиршудаи шахс мавҷуд набошад, ҷавобгарии шахс истисно мешавад. Аз ҷумла, қайд мегардад, ки «набудани яке аз ин унсурҳо маънои мавҷуд набудани дар маҷмӯъ ҷиноятро ифода мекунад» [219, с. 136]. «Мавҷуд набудани субъекти ҷиноят аз мавҷуд набудани таркиби ҷиноят гувоҳӣ медиҳад» [184, с. 366]. Аммо, чунин муқаррарот дар қонунгузории ҷиноятӣ пешбинӣ нагардидааст, ҳол он ки Кодекси ҷиноятӣ яке муҳимтарин санадҳои кодификатсионӣ оид ба ҷиноят ва ҷазо мебошад. Дар м. 11 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, ки: «Асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ содир намудани кирдоре мебошад, ки дорои тамоми аломатҳои таркиби ҷинояти дар ҳамин Кодекс пешбинигардида аст»[1]. Дар м. 33 КҶ ҶТ муқаррар шудааст, ки «Ҷиноят хотимаёфта эътироф мешавад, агар кирдори содирнамудаи шахс тамоми аломатҳои таркиби ҷинояти дар ҳамин Кодекс пешбинигардидаро дошта бошад» [1]. Аммо, мутаассифона, дар меъёрҳои мазкур аломатҳои таркибии ҷиноят муқаррар нашудааст. Меъёрҳои зикршуда новобаста аз оне ки ба «аломатҳои таркиби ҷиноятӣ дар ҳамин Кодекс пешбинигардида» ишора менамоянд, вале дар ҳеҷ яке аз меъёрҳои дигари он муқаррар нашудааст, ки аломатҳои таркибии ҷиноят кадомҳоянд ва ё ададашон чанд аст. Дар ин меъёрҳо ҳатто на ба 4 ва ё зиёда аз он ишора нагардидааст, ки ҳамчун объект, тарафи объективӣ, субъект, тарафи субъективӣ тафсир карда шавад. Ҳарчанд, дар моддаи 22 КҶ ҶТ сухан дар хусуси аломатҳои умумии шахси содиркунандаи ҷиноят равад ҳам, вале дар он меъёр ҳатто калимаи «субъект» зикр нашудааст. Оид ба вазифаҳои КҶ ҶТ дар моддаи 2 сухан меравад, вале дар он ҷо ҳатто калимаи объект ишора нашудааст. Доир ба аломатҳои тарафи объективӣ бошад,

дар моддаҳои 23, 25, 28 ифодаи «ҳаракат ва беҳаракатӣ» ва доир ба аломатҳои тарафи субъективӣ ифодаи «қасдан ва аз беэҳтиётӣ» дар моддаҳои 27-30-и КҶ ҶТ муқаррар шудааст. Дар ягон меъёри КҶ ҶТ объект, субъект, тарафи объективӣ, тарафи субъективӣ ва ҳамзамон аломатҳои субъекти махсуси ҷиноят пешбинӣ нагардидааст. Бинобар ин, беҳтар мебуд, ки дар КҶ ҶТ моддаи дахлдор барои мафҳумҳои асосӣ ҷудо карда шуда, дар он мафҳумҳои таркиби ҷиноят, объект, субъект, тарафи объективӣ, тарафи субъективӣ, субъекти махсуси ҷиноят муқаррар карда мешуданд.

Аз андешаҳои боло чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки таркиби ҷиноятро гурӯҳҳои аломатҳои объективӣ (объект, кирдор, оқибатҳо, вақт, ҳолатҳои содир кардани ҷиноят) ва субъективӣ (субъект, гуноҳ, ангеза, мақсад, эҳсосот) ташкил медиҳанд. Аломатҳои таркиби ҷиноят дар қонуни ҷиноятӣ ҳамчун асоси муттаҳидкунанда, зарурӣ ва кофии ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс баромад мекунанд. Таркиби ҷиноятро бояд ҳамчун як низоми муайян ва мутамарказе баррасӣ кард, ки ҳамаи аломатҳо ва ҷузъҳои он ба ҳам зич алоқаманд буда, ба ҳам вобастаанд, ки дар ягонагии худ як маҷмӯи муттаҳид ва ҷудонашавандаро ташкил медиҳанд. Низоми муайян ва мутамаркази аломатҳои таркиби ҷиноятро бо якчанд омилҳои зерин ифода кардан мумкин аст:

1) ҳамаи онҳо дар қонуни ҷиноятӣ муқаррар шудаанд;

2) асоси ба вуҷуд омадани ҷавобгарии ҷиноятӣ мавҷуд будани аломатҳои таркиби ҷиноят мебошад;

3) мавҷуд набудани яке аз аломатҳои низоми таркиби ҷиноят боиси аз ҷониби давлат бекор шудани ба ҷавобгари кашидани шахси содиркардаи ҷиноят мегардад.

Мисли ҳама гуна низом, таркиби ҷиноят низ зернизомҳои зиёдеро дар бар мегирад. Зернизом (аломат)-ҳои низоми таркиби ҷиноят тарафи субъективӣ, субъект, объект ва тарафи объективӣ ҳисобида мешаванд.

Мавҷуд набудани яке аз онҳо боиси вайрон шудани тамоми низом мегардад. Маҳз ягонагии ин аломатҳо бандубасти кирдори ҷиноятиро таъмин намуда, ба фардикунонии ҷазои ҷиноятӣ таъсир мерасонад. Аммо, сарфи назар аз фаҳмишҳои мухталифи таркиби ҷиноят дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ, бо вуҷуди ин, дар қонуни ҷиноятӣ он ҳамчун асос барои ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан муқаррар карда шудааст (моддаи 11 КҶ ҶТ).

Зернизомҳои низоми таркиби ҷиноят ин унсурҳои он мебошанд. Дар навбати худ, ин унсурҳо ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи як маҷмӯи мураккаб дорои аломатҳои хоси худ мебошанд. Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ мафҳуми унсур ва аломат бо ҳам алоқамананд, вале бо вуҷуди ин маънои мустақил доранд. Аломатҳо ва унсурҳои таркиби ҷиноят кирдори мушаххаси барои ҷамъият хавфнокро тавсиф мекунанд, ки ҷиноят эътироф шудааст. Унсурҳои таркиби ҷиноят ба чор аломати он мувофиқ буда, ҳамчун аломатҳое тасниф мешаванд, ки объект, тарафи объективӣ, субъект ва тарафи субъективиро тавсиф мекунанд. Дар навбати худ, ин «аломатҳо гурӯҳҳои аломатҳои объективӣ ва субъективиро ташкил медиҳанд, ки ба тарафҳои гуногуни ҷиноят мувофиқанд» [178, с. 13-16]. Дар назария ва илми ҳуқуқи ҷиноятӣ «аломатҳои таркиби ҷиноят бо ҳам зич алоқамананд, зеро маҳз ба воситаи рафтори зоҳирии шахс ғаризаҳо ва ангезаҳои дохилии ӯ зоҳир мешаванд (робитаи аломатҳои субъективӣ ва объективӣ). Ҳамзамон, онҳо муайянкунандаи муносибати аломатҳои таркиби ҷиноят ба ҳисоб мераванд» [147, с. 68]. Дар ин хусус, Т.Ш. Шарипов қайд мекунад, ки аломати объективии таркиби ҷиноятро пеш аз ҳама, объекти таҷовуз, яъне ҳамон арзишҳои ҷамъиятие, ки нисбати он таҷовуз содир шудааст, ташкил медиҳад.

Инчунин, тарафи объективии ҷиноят, ки кирдори ба ҷамъият хавфнокро дар шакли ҳаракат ё беҳаракатӣ, оқибати барои ҷамъият хавфнокро, робитаи сababӣ миёни кирдори ба ҷамъият хавфнок ва оқибати аз ин кирдор бавуҷудомадаро дар бар мегирад, тавсиф меёбад. Пеш аз ҳама

аломати субъективии таркиби ҷиноятро инҳо ташкил медиҳанд: гуноҳ, ангеза ва мақсад. Илова бар он, аломати субъективии таркиби ҷиноятро субъекти ҷиноят низ тавсиф медиҳад, ки ба он синну соли муайян ва мукаллафӣ дохил мешаванд [126, с. 66]. Ба андешаи П.Н. Кобес, «ба аломатҳои объективӣ унсурҳое дохил мешаванд, ки объект ва тарафи объективии ҷиноятро тавсиф мекунанд, яъне, ҳодисаҳои воқеӣ, ҳодисаҳои воқеияти объективӣ. Унсурҳое, ки ба ҳамаи аломатҳои мушаххаси таркиби ҷиноят хосанд, унсурҳои ҳатмӣ мебошанд» [177, с. 23-28]. Маҷмӯи чунин унсурҳо мукаммал ба назар мерасанд. Унсурҳое, ки танҳо ба таркиби муайяни ҷиноят хосанд, унсурҳои факултативӣ мебошанд. Онҳо ҳамчун илова ба унсурҳои асосӣ ва ҳатмии ҷиноят истифода мешаванд.

Чунин унсурҳо барои ҳар як таркиби ҷинояти мушаххас, ки онҳо дар қонунгузорӣ муқаррар шудаанд, ҳатмӣ мебошанд. Муносибатҳои ҷамъиятие, ки ба онҳо ҷиноят таҷовуз менамояд; кирдори барои ҷамъият хавфнок; шахс, мукаллафӣ ва синну соли фаро расии ҷавобгарии ҷиноятӣ, гуноҳ ба аломатҳои ҳатмии таркиби ҷиноят шомил мешаванд. Ба аломатҳои факултативӣ инҳо дохил мешаванд: «объекти иловагӣ, предмети ҷиноят, ҷабрдида; оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок, робитаи сабабӣ байни кирдор ва оқибатҳо, вақт, ҷой, тарз, ҳолат, олот ва воситаҳои содир намудани ҷиноят; субъекти махсус; ангеза, мақсад, эҳсосот» [179, с. 146-147].

Дар зери мафҳуми объекти ҷиноят «неъмат (манфиат)-ҳои муайяни шахс, ҷамъият ё давлат дар муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки бо қонуни ҷиноятӣ ҳифз карда мешаванд ва таҷовуз ба онҳо нигаронида шуда, ба онҳо зарари калон мерасонад ё расонда метавонад, фаҳмида мешавад» [179, с. 146-148]. Назари Т.Ш. Шарипов чунин аст, ки «объекти ҷиноят, он чӣ ки ба он таҷовуз равона карда шудааст, яъне муносибати ҷамъиятӣ аз ҷониби қонуни ҷиноятӣ ҳифзшаванда, ки дар натиҷаи ҷиноят ба он зарар расонида мешавад ва ё метавонад зарар расонида шавад» [126, с. 70]. Объекти ҷиноят

ин чизе мебошад, ки «ҷиноят ба он чизе таҷовуз мекунад, яъне ба чӣ нигаронида шудааст ва ба чӣ зарар мерасонад ё метавонад ба он зарар расонад» [50, с. 136]. «Дар илми ҳуқуқи ҷиноятии муосир ягонагии назарҳо оид ба объекти ҷиноят ҳамчун муносибатҳои ҷамъиятӣ тахти ҳимояи қонуни ҷиноятӣ вуҷуд надорад» [201, с. 93]. Ба андешаи мо, объекти ҷиноят дар низоми унсурҳои таркиби ҷиноят мавқеи махсусан муҳимро ишғол менамояд. Далели андешаи мазкур он аст, ки дар адабиёти ҳуқуқӣ зимни ишоранамоии ба унсурҳои таркиби ҷиноят аввалан объект зикр мегардад. Ғайр аз ин, ба ҷамъият хавфнокии кирдори содиршуда асосан аз объект вобастагӣ дошта, ҳамзамон КҶ ҶТ дар Қисми умумӣ (м. 2) объектҳои ҳифзшавандаи қонуни ҷиноятиро муқаррар намудааст. Дар фаслу бобҳо ва моддаҳо, умуман дар таркиби меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ объект бештар истифода шудааст.

Субъекти ҷиноят ҳангоми кирдори барои ҷамъият хавфнокро содир кардан, ҳатман ба ягон объекти муайян таъсир расонида, дар натиҷа боиси тағйироти муайян мегардад. Маврид ба зикр аст, ки кирдор дар ҳолате ҷиноят эътироф карда намешавад, ки агар шахс ба объекти бо қонуни ҷиноятӣ ҳифзнашаванда таҷовуз кунад. Муносибатҳои мушаххаси ҷамъиятие, ки манфиатҳои иштирокчиёни онро инъикос мекунанд ва субъект ба он таҷовуз кардааст, объекти ҷиноят ҳисобида мешавад, зеро зарар маҳз ба он расонида шудааст. Чун қоида объекти ҷиноят «дар муносибатҳои ҷамъиятӣ миёнаравӣ буда, неъматҳо ва манфиатҳои муайяни шахс, ҷомеа ё давлат, ки дар навбати худ бо қонуни ҷиноятӣ ҳифз карда мешаванд, чун қоида, худи таҷовузи ҷиноятӣ ба онҳо нигаронида шудааст ва ба он зарари калон мерасонад ё метавонад расонад» [147, с. 68]. Масалан, табибе, ки дидаю дониста ба бемор ёрӣ намерасонад, дақиқ медонад, ки ҳаёти кадом шахс дар хатар меафтад. Яъне, субъект қаблан медонад, ки ба кадом объект бояд зарар расонида шавад ва робитаи байниҳамдигарии субъекти махсуси ҷиноят ва объекти ҷиноят мебошад.

Ҳамин тариқ, объекти ҷиноят муҳимтарин арзишҳои ҷамъиятӣ, манфиатҳо, неъматҳои тибқи қонуни ҷиноятӣ аз таҷовузи ҷиноятӣ ҳифзшаванда эътироф карда мешаванд. Объекти ҷиноят бо субъекти ҷиноят алоқаи зич дошта, дар якҷоягӣ таркиби ҷиноятро пурра мегардонанд.

Субъекти ҷиноят шахси мукаллафи воқеӣ мебошад, ки дар вақти содир намудани ҷиноят ба синни ҷавобгарии ҷиноятии муқаррарнамудаи қонуни ҷиноятӣ расидааст. Ба андешаи Т.Ш. Шарипов, «субъекти ҷиноят ин шахси воқеии мукаллафи ба синну соли муқарраркардаи қонун расидаест, ки таҷовузро содир кардааст. Аломати ҳатм (умум)-ии субъекти ҷиноятро (синну сол ва мукаллафӣ) қобилияти зери ҷавобгарӣ қарор гирифтани шахс барои кирдори содиркардааш (деликт) ташкил медиҳад» [126, с. 71]. Бинобар ин, муносибатҳои ҷамъиятие, ки қонуни ҷиноятӣ ҳифз мекунад, мавриди таҷовуз аз ҷониби субъекти ҷиноят қарор мегирад. Барои ҳамин, субъекти ҷиноят ҳангоми содир кардани ҷиноят аз чунин восита ва усулҳои таъсиррасонӣ ба объект истифода бурда, дар натиҷа комилан ва пурра ба объект зарар расонад.

Субъекти махсуси ҷиноят яке аз қисматҳои таркибии субъекти умумии ҷиноят мебошад. Масалан, агар дар кирдоре, ки субъекти махсус содир кардааст, аломатҳои субъекти умумии ҷиноят набошад, он гоҳ кирдори содирнамудаи шахс ҷиноят ба ҳисоб намеравад.

Субъекти махсуси ҷиноят бо содир намудани кирдори барои ҷамъият хавфнок муносибатҳои ҷамъиятиро «аз дарун» вайрон карда, ба иштирокчиёни муносибатҳо зарар мерасонад. Гузашта аз ин, инро ҳам тавассути ҳаракат ва ҳам беҳаракатӣ содир кардан мумкин аст. Яъне, субъекти махсуси ҷиноят бо тарафи объективии ҷиноят дар робитаи зич қарор дорад.

Ба тарафи объективии ҷиноят ҷараёни берунии таҷовузи ҷиноятӣ – «кирдор (ҳаракат ё беҳаракатӣ) дохил мешавад, ки ифодаи воқеии берунӣ,

объективӣ дорад» [175, с. 23-26]. Ба андешаи Т.Ш. Шарипов, «тарафи объективии ҷиноят - ин ҷониби берунии таҷовуз, ки дар шакли ҳаракат ё беҳаракатии барои ҷамъият хавфнок ба амал бароварда шудааст» [126, с. 70]. Ҳар як таркиби ҷиноят ягонагии аломатҳои объективӣ ва субъективии дар қонуни ҷиноятӣ тавсифшуда мебошад. Ҳар як ҷиноят зуҳуроти рафтори муайяни аз ҷиҳати ҷамъиятӣ муҳими шахс (субъекти ҷиноят), натиҷаи фаъолият ва таъсири мутақобилаи ӯ бо муҳити зист мебошад. «Тарафи объективии ҷиноят маҷмӯи аломатҳо ва ҳолатҳои воқеиро ифода мекунад, ки ҳаракати берунии таҷовузи мушаххаси ба ҷамъият хавфнокро ба манфиати бо қонун ҳифзшаванда, манфиат, арзише, ки объекти ҷиноят эътироф шудааст, тавсиф мекунанд» [50, с. 123-124]. Бояд гуфт, ки субъекти ҷиноят танҳо вақте ба вуҷуд меояд, ки шахси мукаллафи ба синни муайян расида, кирдори барои ҷамъият хавфнокро содир намояд, ки аломатҳои тарафи объективии ҷиноятро дар бар гирад.

Субъекти ҷиноят ҳамзамон бо тарафи субъективии ҷиноят дар робитаи зич қарор дорад. Ба андешаи Т.Ш. Шарипов, «тарафи субъективии ҷиноят-ин ҷониби дохилии таҷовуз, ки ҳолати рӯҳӣ (субъективӣ)-и субъектро ҳангоми содиркунии ҷиноят тавсиф медиҳад» [126, с. 71]. «Тарафи субъективӣ муносибати равонии шахсро ба кирдори содиркардааш ва оқибатҳои он тавсиф мекунад. Вай ягонагии хосиятҳои зеҳнӣ ва иродавии шахсиятро ифода мекунад, ки дар ҳамбастагӣ баррасӣ мешаванд ва дар рафтори инсон (яъне, тавассути тарафи объективии ҷиноят) ифода меёбанд. Тарафи субъективӣ тарафи дохилии (нисбат ба тарафи объективӣ) ҷиноятро тавсиф мекунад» [176, с. 384-391]. Тарафи субъективӣ муносибати рӯҳии гунаҳкор ба кирдори хавфноки ҷамъиятии содиркардаи ӯ мебошад, ки қонуни ҷиноятӣ онро ҳамчун ҷиноят эътироф кардааст. Тарафи субъективӣ ҷузъи ҳатмии ҷиноят мебошад. Он асоси субъективии ҷавобгарии ҷиноятиро дар баробари тарафи объективӣ – ҳаракат ё беҳаракатӣ, оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок ва робитаи

сабабӣ байни онҳо ифода мекунад. Тарафи субъективӣ як унсури ҳатмӣ – «гуноҳ ва унсурҳои факултативӣ - ангеза, мақсад ва эҳсосотро дар бар мегирад» [50, с. 139].

Сарфи назар аз он ки ҳамаи ин чор аломати ҷиноят бетағйир мемонанд, онҳо дар раванди ташаккули бандубасти ҷиноят на ҳамеша баробар иштирок мекунанд. Чунин мешавад, ки аломатҳои объекти ҷиноят танҳо шартӣ буда метавонанд. Дар ин ҳолат, чун қоида, объекти ҷиноят танҳо унсури техникии ҷиноят мебошад. Маҳз аз рӯйи дигар аломатҳои вобастаи ҷиноят ё шабеҳи он бештар мушоҳида мешавад. Зимни омӯзиши аломатҳои таркиби ҷиноят, аз қабили «сохтакории хизматӣ ва суистифода аз ваколатҳои мансабӣ, маълум мегардад, ки сохтакории хизматӣ, гарчанде ки ба таври муайян дар бар мегирад ва ба суистифода аз мансаб монанд аст, аммо дар айни замон, онҳо аз ҳамдигар хеле фарқ мекунанд. Ҳангоми баромадан аз ваколатҳои мансабӣ шахси мансабдор бешубҳа аз доираи салоҳияташ берун мебарояд ва дар ҳолати дигар субъект дар доираи онҳо амал мекунад, аммо маълумоти ҳуҷҷатҳои расмиро тағйир медиҳад» [147, с. 69]. Ба ҳамин тариқ, ба аломатҳои алоҳида тақсим кардани таркиби ҷиноят аз сабаби бо ҳам алоқаманд будани онҳо шартӣ ба назар мерасад. Ҳар яке аз ин аломатҳо ба ҳамдигар таъсир мерасонанд.

Тарафи субъективии ҷиноят ба кирдори содиршуда бо муносибати равонии шахс ва ба оқибатҳои он тавсиф мешавад. Ин аломат ба сифати ҷудонашавандагии хислатҳои шахси содирнамудаи ҷиноят, ҳам зеҳнӣ ва ҳам иродавӣ баромад мекунад. Ин хислатҳо ҳамчун маҷмӯае баррасӣ мешаванд, ки дар рафтори инсон, яъне тавассути тарафи объективии ҷиноят зоҳир мегарданд. Ба ибораи дигар, тарафи субъективӣ тарафи дохилии (дар муносибат ба тарафи объективӣ) ҷиноят мебошад.

Илова бар ин, тарафи субъективӣ бо тарафи объективии ҷиноят ба ҳам зич алоқаманд аст. «Дар зери таъсири ирода ва шуури шахс тарафи субъективии ҷиноят ташаккул меёбад, ки бо чунин ирода ба воқеият

таҷассум мегардад» [147, с. 69]. Мисол, дар ҷасади тифли навзоди пайдошуда муайян гардид, ки тифл аз нарасидани гази оксиген ба ҳалокат расидааст. Далелҳои объективӣ нишон медиҳанд, ки тифл дар натиҷаи буғӣ кардан аз ҷониби модараш кӯшта шудааст. Дар хусуси ҷинояти мазкур чунин хулоса кардан мумкин аст, ки модар бошуурона ҳаракат карда, пешакӣ хоҳони фаро расидани марги тифли навзоди худ будааст. Дар ин ҷо, тарафи субъективии кирдор нишон медиҳад, ки қасди бевоситаи куштор вуҷуд дорад. Тарафи субъективӣ бошад, нишон медиҳад, ки ҷинояткор пешакӣ марги ҷабрдидаро аз тасаввур гузаронида, хоҳони он будааст.

Муносибати кирдори ҷиноятӣ зуҳуроти фаъолияти инсонро дар вобастагии хусусиятҳои тарафи объективии ҳуқуқвайронкунӣ ба хислатҳои субъективии иҷрокунанда қаблан муайян мекунад. Огоҳӣ аз аломатҳои субъекти ҷиноят аз он иборат аст, ки шахс дар натиҷаи содир намудани кирдори ҷиноятӣ хусусияти барои ҷамъият хавфноки кирдореро дарк мекунад ва ба арзишу манфиатҳое зарар мерасонад, ки таҳти ҳимояи қонунгузории ҷиноятӣ қарор доранд. Дар ин замина, байни дарк намудани хусусиятҳои хавфнокии кирдори ҷиноятӣ (тарафи субъективӣ) ва объекти ҷиноят робитаи устувор ба миён меояд, ки муайянкунандаи аломатҳои субъекти ҷиноят мебошанд. Мисол, сироят кардани шахс ба бемории сироятии ВНМО (м. 125 КҶ ҶТ) моҳиятан ифодагари он аст, ки шахси бемор пешакӣ медонад, ки ҷабрдидаро ба ин беморӣ сироят мекунад, ки ӯ дар натиҷа субъекти ҷиноят ба ҳисоб меравад.

Аломатҳои таркиби ҷиноят, албатта, бо ҳам зич алоқаманданд ва бешубҳа, танҳо дар робитаи байниҳамдигарӣ вуҷуд доранд. Ҳамин тариқ, тарафи объективии ҷиноят бо объекти таҷовуз зич алоқаманд аст. Ин дар он ифода меёбад, ки кирдори ҷиноятӣ бояд ҳамеша оқибат дошта бошад, яъне ба объект зарар расонад. Ба аломатҳои таҷовуз, усул, тарз ва воситаҳои содир намудани ҷиноят диққати махсус дода мешавад.

Аз таҳлили андешаҳои боло бармеояд, ки субъекти ҷиноят бо дигар аломатҳои таркиби ҷиноят дар алоқамандии зич қарор дорад. Субъекти ҷиноят маҳз дар якҷоягӣ бо дигар аломатҳои таркиби ҷиноят ҳамчун субъекти ҷиноят ба ҳисоб меравад. Дар ин хусус Б.А. Куринов дуруст қайд намудааст, ки шахсе, ки кирдорро содир кардааст, дорои аломатҳои субъективии ҷиноят мебошад. Т.Ш. Шарипов дуруст қайд кардааст, ки «дар кирдор мавҷуд набудани, ҳатто, яке аз аломатҳои ҳатмии таркиби ҷиноят ҷавобгарии ҷиноятро барои амали содиршуда истисно месозад, зеро кирдоре, ки дар он таркиби ҷиноят ҷой надорад, ҷиноят маҳсуб намешавад. Ақида, тасаввурот ва андешаҳои зиддиҷамъиятии инсон, агар бо фаъолияти ҷиноятӣ алоқаманд набошанд, пас аз мавқеи ҳуқуқи ҷиноятӣ боиси ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан намегардад. Ҷавобгарии ҷиноятӣ танҳо барои ҳамон ҳаракат ё беҳаракатӣ, ки қонун ба сифати ҷиноят муайян кардааст, татбиқ карда мешавад» [126, с. 66].

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳқиқи масъалаи робитаи субъекти ҷиноят бо дигар аломатҳои таркиби ҷиноят ба хулосаҳои зерин омадан мумкин аст:

1. Ҳамаи аломатҳои таркиби ҷиноят ба тарафи субъект таъсири калон расонида метавонанд ва вобаста ба ин субъект ҳамон унсурҳоеро соҳиб мешавад, ки ӯро ба категорияи субъекти ҷиноят мегузорад. Аз ҷумла, унсурҳои махсуси субъекти махсус на танҳо бо алоқаи субъекти ҷиноят бо дигар аломатҳои ҷиноят, балки бо хусусиятҳои чунин таъсири мутақобила низ муайян карда мешаванд. Ин ҳолат, махсусан, дар таҳлили таъсири унсурҳои субъекти махсуси ҷиноят ба ташаккули объекти таҷовузи ҷиноятӣ зоҳир мегардад.

2. Қонунгузории ҷиноятӣ ба ғайр аз аломатҳои умумии субъекти ҷиноят, ки ба субъекти ҳар гуна ҷиноят хос аст, инчунин аломатҳои иловагиеро, ки ба субъектҳои алоҳидаи ҷиноят хос мебошанд, муайян мекунад. Онҳо хеле гуногун буда, муқаррар намудани онҳо барои ҳалли

масъалаи содир кардан ё содир накардани ҷиноят аз ҷониби шахс ва ҷазо, инчунин дараҷаи ҷавобгарии шахс ҳатмӣ мебошанд.

3. Талаботи қонунгузор ва назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ нисбат ба субъекти махсуси ҷиноятро чунин ифода кардан мумкин аст:

- субъекти махсуси ҷиноят дорои аломатҳои субъекти умумӣ – расидан ба синни ҷавобгарии ҷиноятӣ ва мукаллафӣ мебошад. Мавҷуд набудани аломатҳои субъекти умумӣ имкони ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахсро ҳамчун субъекти махсуси ҷиноят истисно мекунад;

- аломатҳои махсуси субъект дар меъёрҳои Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ муқаррар карда мешаванд ё бевосита аз мазмуни онҳо бармеоянд;

- субъектҳои махсуси ҷиноят метавонад бо як ё якчанд аломатҳои иловагии ҳатмӣ тавсиф карда шаванд, дар ҳолати дуюм маҷмӯи онҳо барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан зарур аст.

- ин аломатҳо метавонанд ҳамчун ҳолати сабуккунада баромад намоянд.

4. Тавре ки аз назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ бармеояд, асоси ба вуҷуд омадани ҷавобгарии ҷиноятӣ ин мавҷуд будани аломатҳои таркиби ҷиноят дар кирдори содиршуда мебошад. Яке аз аломатҳои таркиби ҷиноят агар дар кирдори содиршудаи шахс мавҷуд набошад, ҷавобгарии шахс истисно мешавад. Лекин чунин меъёр дар қонунгузории ҷиноятӣ пешбинӣ нагардидааст, ҳол он ки Кодекси ҷиноятӣ яке муҳимтарин санадҳои кодификатсионӣ оид ба масъалаи мазкур мебошад. Дар моддаи 11 КҶ ҶТ муқаррар кардааст, ки «Асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ содир намудани кирдоре мебошад, ки дорои тамоми аломатҳои таркиби ҷинояти дар ҳамин Кодекс пешбинигардида аст» [28, с. 30]. Моддаи 33 КҶ ҶТ муқаррар менамояд, ки «Ҷиноят хотимаёфта эътироф мешавад, агар кирдори содирнамудаи шахс тамоми аломатҳои таркиби ҷинояти дар ҳамин Кодекс пешбинигардидаро дошта бошад» [28, с. 30]. Аммо, мутаассифона, дар меъёрҳои мазкур аломатҳои таркибии ҷиноят муқаррар нашудааст.

Меъёрҳои зикршуда, ҳарчанд ишора ба «аломатҳои таркиби ҷиноятӣ дар ҳамин Кодекс пешбинигардида» менамоянд, вале дар ҳеҷ яке аз меъёрҳои дигари он муқаррар нашудааст, ки аломатҳои таркибии ҷиноят кадомҳоянд ва ё ададашон чанд аст. Дар ин меъёрҳо ҳатто на ба 4 ва ё зиёда аз он ишора нагардидааст, ки ҳамчун объект, тарафи объективӣ, субъект, тарафи субъективӣ тафсир карда шавад. Ҳарчанд, дар моддаи 22 КҶ ҶТ сухан дар хусуси аломатҳои умумии шахси содиркунандаи ҷиноят равад ҳам, вале дар он меъёр ҳатто калимаи «субъект» зикр нашудааст. Оид ба вазифаҳои КҶ ҶТ дар моддаи 2 сухан меравад, вале дар он ҷо ҳатто калимаи объект ишора нашудааст. Доир ба аломатҳои тарафи объективӣ бошад, дар моддаҳои 23, 25, 28 ифодаи «ҳаракат ва беҳаракатӣ» ва доир ба аломатҳои тарафи субъективӣ ифодаи «қасдан ва аз беэҳтиётӣ» дар моддаҳои 27-30-и КҶ ҶТ муқаррар шудааст. Умуман, дар ягон меъёри КҶ ҶТ объект, субъект, тарафи объективӣ, тарафи субъективӣ ва ҳамзамон аломатҳои субъекти махсуси ҷиноят пешбинӣ нагардидааст. Бинобар ин, агар дар КҶ ҶТ моддаи дахлдор доир ба мафҳумҳои асосӣ ҷудо шуда, дар он мафҳумҳои таркиби ҷиноят, тарафи субъективӣ, субъект, тарафи объективӣ ва объект ва дар баробари онҳо мафҳуми субъекти махсус муқаррар мешуд, хубтар мешуд.

# БОБИ 2. ТАЪРИХИ ПАЙДОИШ, МАФҲУМ ВА НАМУДҲОИ СУБЪЕКТИ МАХСУСИ ҶИНОЯТ

## 2.1. Таърихи пайдоиш ва инкишофи субъекти махсуси ҷиноят

Масъалаҳои таърихию ҳуқуқии қонунгузории Тоҷикистонро омӯхта, ба муҳимтарин ёдгориҳои ҳуқуқии низомҳои таърихию ҳуқуқӣ, сарчашмаҳои таърихии ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ таваҷҷуҳ намуда, таҳқиқу омӯзиши таърихи масъалаи субъекти махсуси ҷиноят аз ҷумлаи масъалаҳои мубрам ба шумор меравад. Омӯзиши таърихии субъекти ҷиноят имконият фароҳам меоварад, ки арзишҳои меъёрии дар сарзамини Тоҷикистони таърихӣ амалкунанда ошкор ва ҷиҳати мукаммал гардонидани қонунгузории ҷиноятии муосир мавриди истифода қарор дода шаванд.

Субъекти махсуси ҷиноят падидаи нав набуда, сарчашмаи худро ҳанӯз аз низомҳои таърихӣ-ҳуқуқии Тоҷикистон мегирад. Заминаҳои нахустини меъёрӣ-ҳуқуқии институти мазкур ҳанӯз ҳазорсолаҳо пеш дар сарчашмаҳои низоми ҳуқуқии зардуштӣ ва мусулмонӣ ба назар мерасиданд. Низоми ҳуқуқи зардуштӣ яке аз низомҳои бузурге ба ҳисоб мерафт, ки дар сарзамини Тоҷикистони таърихӣ бо сарчашмаҳои ҳуқуқии одатию динӣ муносибатҳои ҷамъиятиро ба танзим медаровард. Дар ин миён, муносибатҳо оид ба ҷиноят ва ҷазо, махсусан субъекти махсуси ҷиноят ва ҷавобгарии ҷиноятӣ барои он истисно набуд. Олимони ватанию хориҷӣ ҷанбаҳои алоҳидаи институтии ҷиноят ва ҷазоро дар низомҳои таърихӣ таҳқиқ намуда, дар ин хусус андешаронӣ кардаанд. Ба андешаи Э.Б. Буризода, «дар ҳуқуқи зардуштӣ бархе кирдорҳоеро ҷиноят меномиданд, ки пеш ва баъд аз онҳо дигарон онро ҳамчун ҷиноят эътироф намекарданд» [28, с. 30]. У.А. Азиззода ин андешаро пурра намуда, қайд менамояд, ки, «махсусан, ҷиноятҳои зидди қувваҳои табиат ва баъзе намудҳои ҳайвонот чунин хусусиятро доро буданд» [224, с. 59]. Маврид ба қайд аст, ки дар ин низом ҷиноятҳои зидди қувваҳои табиат ҳамчун

ҷиноятҳои дорои субъекти махсус ба ҳисоб мераванд. Зеро низоми ҳуқуқи зардуштӣ дар асоси таълимоти дини зардуштӣ бунёд шудааст ва поймол кардани меъёрҳои он ҳамчун кирдори ҷиноятӣ дониста мешуд. Аломати субъекти махсус дар ин ҷиноят он аст, ки ҷиноятҳои зидди қувваҳои табиат ҷиноятҳои динӣ ба ҳисоб рафта, аз ҷониби намояндагони таълимоти зардуштӣ содир карда мешаванд.

Ба қонунгузории ҷиноятии имрӯза бисёре аз меъёрҳои ҷиноятии «Авесто» шабоҳат доранд. «Нисбат ба шахсоне, ки дар синни 15-солагӣ ҷиноят содир кардаанд, ҷазои нисбатан сабук татбиқ карда мешуд, мисол шуда метавонад» [28, с. 31]. Ба андешаи У.А. Азиззода, «дар ҳуқуқи зардуштӣ чунин кирдорҳо ҳамчун ҷиноят дониста мешуданд, ки дар байни онҳо ҷиноятҳои дорои субъекти махсус низ ба назар мерасанд. Аз ҷумла, кирдорҳо бар зидди ҳаёт ва саломатии инсон, ҳайвонот, фариштагон, дин ва муҳити зист» [224, с. 60]. «Авесто» робитаи озодонаи маҳрамона байни занҳои шавҳардор ва мардони зандорро қатъиян маҳкум карда, ҳамчун ҳолатҳои вазнинкунандаи содир намудани ин гуна ҷиноятҳо эътироф мешуданд, ки агар дар натиҷаи зино зани шавҳардор кӯдак таваллуд карда бошад» [252, с. 20-21]. Чунин меъёрҳо бешубҳа гувоҳи он мебошанд, ки сарчашмаҳои ҳуқуқи зардуштӣ аломатҳои субъекти махсуси ҷиноятро муқаррар карда буд. Аз ҷумла, аз рӯйи синну сол, ҷинс, касбият, мансубияти динӣ ва ғ.

Дар ҳуқуқи зардуштӣ олимон низоми ҷиноятҳоро тақсимбандӣ намуда, таснифи гуногуни ҷиноятҳоро пешниҳод карданд, ки онҳо дорои аломатҳои махсус мебошад. Мисол, дар таҳқиқоти Э.Б. Буризода чунин ҷиноятҳо тибқи «Авесто» ҷудо мешуданд: «ҷиноятҳо бар зидди дин, шахс, ҳайвонот, моликият, ахлоқ, қувваҳои табиат» [28, с. 30]. Муҳаққиқ дар ҷойи дигар зимни таснифоти ҷиноятҳо дар ҳуқуқи зардуштӣ «ҷиноятҳои мансабиро низ илова кардааст» [28, с. 95]. Дар таснифоти муҳаққиқ гурӯҳи ҷиноятҳо дар умум оварда шуда бошад ҳам, дар ҳар кадоме аз онҳо боз

ҷиноятҳои гуногун дохил мешаванд, ки дорои аломатҳои махсусанд, вале ҷиноятҳои мансабӣ ба таври равшан аз субъекти махсуси ҷиноят ишора менамояд.

Бояд тазаккур дод, ки «чунин таснифот дар таҳқиқоти А.Г. Периханян» [79, с. 247] низ ба мушоҳида мерасад, вале бо каме тағйирот. Аз ҷумла, муҳаққиқ иловатан шиканҷаҳои марбут ба шартномаҳои ҳатмӣ, рафтори нодурусти судя, рафтори нодурусти хизматиро муқаррар кардааст, ки нишонаҳои субъекти махсусро ифода мекунанд. Яъне, дар таснифоти мазкур аломатҳои субъекти махсусро дақиқ мушоҳида кардан мумкин аст, ки аз таснифоти қаблӣ ба кулӣ фарқ мекунанд, мисли рафторҳои ҷиноятии судя, шахсони мансабдор ва ғ.

Дар таҳқиқоти «А.Ғ. Холиқзода» [120, с. 322-358] чунин таснифот мушоҳида мешавад, вале номбурда таснифи ҷиноятҳоро дар ҳуқуқи зардуштӣ васеъ пешниҳод кардааст. Таснифоти муаллиф ҳарчанд ба таснифоти қаблӣ монанд бошад ҳам, вале дар он мушаххасан ҷиноятҳое муқаррар шудаанд, ки аломатҳои субъекти махсусро ифода мекунанд, масалан, таҷовуз ба номус, бачабозӣ ва ғ.

Меъёрҳои «Авесто» ҳамзамон «таҷовуз ба номус ва бачабозиро сахт маҳкум кардаанд, ки дар онҳо аломатҳои субъекти махсус пурра ба назар мерасанд» [19, с. 529]. Қобили таваҷҷуҳ аст, ки тибқи Вандидод «агар зане аз шарм исқоти ҳамл мекард, гуноҳи куштори кӯдак ба дӯши падар ва модар мегузашт ва ҷазои чунин кирдор низ дар шакли куштори қасдона сурат мегирифт» [252, с. 20]. Масалан, барои таҷовуз ба номуси зан ё духтар ба фоидаи соҳиб ё саробон 300 стир ҷарима ситонида мешуд. Тибқи «Авесто» «сахттарин гуноҳ фиреби духтари бешавҳар дониста мешуд» [120, с. 190]. Аз андешаҳои мазкур бармеояд, ки дар ҳуқуқи зардуштӣ ҷиноятҳо аз рӯйи аломати махсуси ҷинсӣ бештар муқаррар гардида буданд.

Дар кирдорҳои ҷиноятии исқоти ҳамл «аломатҳои субъекти махсуси ҷиноят баръало ба назар мерасад, ки дар ҳуқуқи зардуштӣ барои чунин

кирдор, ҳам марду зан ва ҳам духтурро ба ҷавобгарии ҷиноятӣ мекашиданд» [19, с. 576-577]. Дар ҳуқуқи зардуштӣ «кирдори духтури ғайрикасбие, ки натиҷаи табобаташ боиси марги одам ва ё дигар беморӣ мегардид ҳамчун кирдори ҷиноятӣ ҳисобида шуда, ба ӯ ҷазо дар шакли маҳрум кардан аз ҳуқуқи машғул шудан ба фаъолияти меҳнатӣ татбиқ карда мешуд» [224, с. 111]. Боиси таваҷҷуҳ аст, ки ин имрӯз меъёри мазкур дар қонунгузории ҷиноятии аксари кишварҳо мавҷуд мебошад. Аломати субъекти махсус дар ҷинояти мазкур касбияти ҷинояткор (духтур будани ӯ) ба ҳисоб меравад.

Ҳамин тавр, натиҷаи таҳқиқот нишон медиҳад, ки ҳуқуқи зардуштӣ дар сарчашмаҳои ҳуқуқӣ кирдорҳои зиёдеро ҳамчун ҷиноят муқаррар намуда буд, ки дар онҳо аломатҳои субъекти махсуси ҷиноят ба назар мерасиданд. Яъне, метавон гуфт, ки таърихи субъекти махсуси ҷиноят сарчашмаи худро ҳанӯз аз низоми ҳуқуқи зардуштӣ мегирад.

Пас аз ҳуқуқи зардуштӣ, марҳилаи дигари инкишофи субъекти махсуси ҷиноят дар ҳудуди Тоҷикистони ба низоми ҳуқуқи мусулмонӣ рост меояд. Масъалаи субъекти махсуси ҷиноятро дар низоми ҳуқуқи мусулмонӣ бисёре аз муҳаққиқони ватанию хориҷӣ таҳқиқ кардаанд. Масалан, дар таҳқиқоти «А.Қ. Назаров» [72, с. 47] ва «М.М. Муллоев» [71, с. 67] баъзе аз паҳлуҳои субъекти махсуси ҷиноят ба назар мерасанд. Аз ҷумла А.Қ. Назаров дар хусуси ҷиноятҳои тарки эътиқоди динии худ, зино ва қасос изҳори андеша намудааст. Чунин намудҳои ҷиноятро «О.Г. Болшаков низ қайд намудааст» [40, с. 126]. Туҳмат нисбат ба зан (аслан туҳмати зиноро дар назар дорад) ошкоро аз субъекти махсус ишора менамояд. Зеро маълум аст, ки туҳмати зино нисбат ба зан аз ҷониби мард содир карда мешавад. Қобили таваҷҷуҳ аст, ки чунин меъёр дар сарчашмаҳои ҳуқуқи мусулмонӣ мавҷуд буд, вале дар қонунгузории имрӯзаи аксари давлатҳо ба назар намерасад.

Олими дигар М.С. Ҳайдарова меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятии Қуръонро аз рӯйи объекти таҷовуз чунин ҷудо кардааст:

«а) ҷиноятҳо бар зидди дин ва ҳокимият-роҳзанӣ, майнӯшӣ, хиёнат ба Аллоҳ ва ғайра;

б) ҷиноятҳои бар зидди моликият;

в) ҷиноятҳо бар зидди шахс – куштор, осеби ҷисмонӣ, зино» [224, с. 149].

Дар таснифоти мазкур низ аломатҳои субъекти махсуси ҷиноят ба назар мерасанд, масалан ҷинояти хиёнат ба Аллоҳ танҳо аз ҷониби мусулмонон содир карда мешавад ва намояндагони дигар динҳо субъекти ҷинояти мазкур дониста намешаванд.

Дар ҳуқуқи ҷиноятии давлати Сомониён аломатҳои субъекти махсус ба мушоҳида мерасид, аз ҷумла ҷиноятҳо бар зидди ҳокимияти давлатӣ. Ин марҳиларо «А.Қ. Назаров» [72, с. 103-109] таҳқиқи васеъ намуда, як қатор ҷиноятҳоро муайян кардааст, ҷиноятҳои дорои субъекти махсус дар миёни онҳо ба назар мерасанд. Аз ҷумла, тарки эътиқоди динии худ, зино ва қасос изҳори андеша намудааст.

«Р.Ш. Шарофзода» [91, с. 166-167] зимни таҳқиқу омӯзиши «Синдбоднома» чор аломати ҷиноятро ёдовар шудааст, ки яке аз он ифодакунандаи аломати субъекти махсуси ҷиноят мебошад. Синну соли ба вуҷуд омадани ҷавобгарии ҷиноятӣ низ аз ҷумлаи аломатҳои субъекти махсуси ҷиноят ба ҳисоб меравад. Ҳуқуқи мусулмонӣ синну соли мухталифи ба вуҷуд омадани ҷавобгарии ҳуқуқӣ муқаррар шуда, барои ҳар кадоме аз онҳо ҷавобгарии гуногун пешбинӣ гардидааст.

Яке аз намудҳои ҷиноят дар ҳуқуқи мусулмонӣ ин ҷиноятҳои категорияи «ҳудуд» мебошанд, ки дар онҳо аломати субъекти махсус аз рӯйи мансубияти динӣ ва ҷомеавӣ дохил мешаванд. Муҳаққиқон онро ба тарзҳои мухталиф маънидод намудаанд, масалан Г.С. Азизқулова, «ҷиноятҳои категорияи ҳудудро ҳамчун кирдорҳое тасниф мекунад, ки ба

манфиатҳои тамоми аҳли ҷамъияти мусулмонон халал мерасонанд» [131, с. 126]. Т.Ш. Шарипов низ «дар зери мафҳуми «ҳудуд» амалҳоеро мефаҳмад, ки ба манфиатҳои ҷомеаи мусулмонон суқасд менамояд» [220, с. 32-41]. Ба гурӯҳи ҷиноятҳои мазкур он кирдорҳое дохил мешаванд, ки хусусияти динӣ дошта, аксаран дорои аломатҳои субъекти махсус мебошанд. Масалан, «Г.С. Азизқулова ва И.Д. Сафаров исён ва муртад (аз дин баргаштан)-ро аз ин гурӯҳ истисно мекунад» [131, с. 127; 202, с. 151]. Т.Ш. Шарипов бошад «ба категорияи ҳудуд чор намуди ҷиноятеро дохил мекунад, ки дар Қуръон барои онҳо ҷазо пешбинӣ шудааст. Инҳо - дуздӣ, роҳзанӣ, зино ва туҳмат ба зино мебошанд» [220, с. 32-41]. Ш. Абдуллозода «ба ҷиноятҳои категорияи ҳудуд назари дигар намдуааст. Ба андешаи ӯ, ба ин гурӯҳ ҷиноятҳои зеринро дохил кардан мумкин аст: дуздӣ, зино, роҳзанӣ, исён, муртад, танфурӯшӣ, бачабозӣ ва шароб нӯшидан» [16, с. 225]. Аз андешаҳои муҳаққиқон бармеояд, ки оид ба ҷиноятҳои категорияи «ҳудуд» дар байни муҳаққиқон гуногунандешӣ ҷой дошта, намудҳои мухталифи ҷиноятҳоро дохил мекунанд. Новобаста аз ин, дар пешниҳодҳои онҳо аломатҳои субъекти махсус аз рӯйи ҷинс, мансубияти динӣ ва ғайра мавҷуд мебошанд.

Яке аз ҷиноятҳои хатарнок ва зараровар дар таълимоти мусулмонӣ, ки дорои аломати субъекти махсус аст, зино мебошад. Зино ин муносибати берун аз никоҳ байни марду зан аст. «А.Ғ. Холиқзода ҳамзистии ғайриқонунӣ ва алоқаи ҷинсии берун аз никоҳро зино медонад» [121, с. 128]. Бояд гуфт, ки барои як ҷиноят нисбат ба мардону занон як хел ҷазо дода мешуд. Масалан, ба занон низ то 100 зарба задан ҷазо дода мешуд.

Дар заминаи таҳқиқоти мо ҷазоҳое, ки «барои ҷиноятҳои марбут ба куштори писар аз ҷониби падар ё падар аз ҷониби писар муқаррар шудаанд, ҷолиби диққат мебошанд. Агар падар дар ҳолати мукаллафӣ ба куштори писараш даст зада бошад, пас тибқи шариат барои ҳамон куштор ҷазо дода мешуд. Моҳияти ин кирдорҳо ҳифзи муносибатҳои оилавӣ ва

кафолати вобастагии фарзандон ва ворисони дигар аз падару модар буд» [252, с. 25-26]. Бояд гуфт, ки барои дашном додани зани мусалмон, ба зинокорӣ ва берун аз никоҳ таваллуд шудани ӯ тухмат задан, ба чунин шахс бо 80 зарбаи қамчин ҷазо дода мешуд. Барои мусулмони болиғ низ ҳамин гуна ҷазо муқаррар шудааст, агар ӯ дар ҳолати мукаллафӣ, бе маҷбурият, нӯшокии спиртӣ нӯшад ва агар ин ҳолат такрор шавад (пас аз ҷинояти чорум), шариат талаб мекард, ки ӯро ба қатл расонанд.

Дар қаламрави Тоҷикистони таърихӣ, махсусан дар низоми ҳуқуқи мусулмонӣ ҷиноятҳои қасос ва категорияҳои дия низ ба таври васеъ мавриди истифода қарор мегирифтанд. Чунин ҷиноятро «ҷинояти хунин» ном мебурданд, ки қасоси хунӣ гирифтани тарафи зарардидаро ифода мекунад. Тавре ки дар адабиёт қайд мегардад «ӯ ба куштор барои куштор, осеб расонидан барои осеби ҷисмонӣ ва ғайра ҳақ дошт» [225, с. 143]. Дар ин ҷиноят низ аломати субъекти махсус ба назар мерасад. Масалан, танҳо шахсе содиркунандаи ҷинояти қасос ҳисобида мешуд, ки агар нисбат ба он ва ё аъзои оилаи вай ҳамон шакл кирдори ҷиноятӣ содир шуда бошад. Яъне, на ҳар гуна куштор ва зарарасонӣ ҳамчун ҷинояти мазкур банду баст мегардид. Бинобар ин, ҷинояти мазкур дорои субъекти махсус мебошад.

Дар таълимоти мусулмонӣ «яке аз ҷиноятҳои дорои аломати субъекти махсус ин кӯштори кӯдаки навзод ба ҳисоб меравад» [72, с. 63]. Куштори кӯдаки навзод аз ҷумлаи ҷиноятҳои дорои субъекти махсус мебошад. Зеро он аз ҷониби волидайни кӯдак ба амал меояд. Масъалаи мазкур дар қонунгузории ҷиноятии имрӯза баръалло мушоҳида мегардад, вале фарқият дар он аст, ки қонунгузории имрӯза на ин ки падар, балки танҳо модарро субъекти махсус эътироф мекунад. Дар ҳуқуқи мусулмонӣ ҳамзамон, зимни бандубасти ҷинояти куштор, ҳолатҳои ҷиноят, субъект ва объекти ҷиноят, маҳалли содиршавии ҷиноят ва ғайра аҳамияти хоса дорад, масалан куштори мусалмон ва ғайримусалмон, барои зан ва барои мард, дар моҳи шариф ё дар дигар фаслҳои сол, дар шаҳри муқаддаси

Макка ва ё дар ҷойҳои дигар ва ғайра. Намудҳои ҷиноятҳои зикршуда исботгари доштани аломатҳои махсус буданд.

Дар натиҷаи таҳлили андешаҳои боло ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар ҳуқуқи мусулмонӣ кирдорҳои зиёде ҳамчун ҷиноят эътироф  Зимни таҳлилҳои андешаҳои дар боло зикргардида ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки кирдорҳои зиёде ҳамчун ҷиноят эътироф мешудааст, ки дорои аломатҳои субъекти махсус мебошанд. Яке аз махсусияти низоми ҳуқуқи мусулмонӣ оид ба субъекти махсуси ҷиноят дар он аст, ки баъзе аз кирдорҳои ҷиноятие, ки дар ҳуқуқи мусулмонӣ дорои аломати субъекти махсус мебошанд, онҳо дар қонунгузории ҷиноятии имрӯза субъекти махсус ба ҳисоб намераванд, мисли қасос ва ғ.

Марҳилаи дигари инкишофи субъекти махсуси ҷиноят ба давраи тоинқилобӣ ва пасазинқилобӣ рост меояд. Ин марҳила, давраи дар ҳайати Россияи подшоҳӣ будани қаламрави Осиёи Миёнаро фаро мегирад, ки дар ин замон, дар қаламрави Тоҷикистон қонунгузории Россияи подшоҳӣ амал мекард. Олимон оид ба аломатҳои мухталифи субъекти махсуси ҷиноят дар ин марҳила ибрози андеша кардаанд. Ба андешаи Н.С. Тагансев «дар он замон ҷиноятҳои дорои субъекти махсус аз рӯйи синну сол мавҷуд буда, нисбати онҳо ҷазоҳои мухталиф татбиқ мегардид. Аз ҷумла, нисбати ноболиғон бо назардошти чунин синну сол ва дар шакли зерин ҷазо татбиқ мегардид: аз синни 10 то 15-солагӣ бо чӯб; аз 15 то 17-сола бо тозиёна; то 10 барои ҷазо ба падару модарон дода мешуданд, фарзандони крепостнойҳо бошад, ба соҳиби замин дода мешаванд» [99, с. 23]. Аз ин меъёр ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки субъекти ҷиноят дар он замон метавонист ноболиғи ба синни 10-солагӣ расида низ бошад. Аммо дар баъзе сарчашмаҳои дигар қайд мегардад, ки «кӯдаконе, ки ба синни 7-солагӣ нарасидаанд ва дар бораи кирдорашон фаҳмиши кофӣ надоранд, ҳам барои ҷиноят ва ҳам барои кирдорҳои ношоиста ҷазо дода намешаванд ва барои тарбия ваислоҳ ба падару модар, парастор ё хешовандони онҳо

дода мешаванд» [254]. Дар ин андеша, аллакай на аз 10-солагӣ, балки аз 7-солагӣ сухан меравад.

Дар ин марҳила, ҷиноятҳои дорои субъекти махсус аз рӯйи аломатҳои мансабӣ бештар маъмул буд. Дар баъзе сарчашмаҳо низ қайд шудааст, ки «дар замони подшоҳӣ бештар ҷиноятҳои мансабӣ аз ҷониби амалдорон содир карда мешуданд, вале онҳо аз ҷониби худи сохтори дахлдор рӯйпуш мегардиданд, аз ҷумла мансабфурӯшӣ, порахӯрӣ ва ғ.» [154, с. 4]. Дар ин хусус муҳаққиқон «Е.А. Подковиров» [195, с. 197], «Б.А. Брюханов» [150, с. 488] низ андешаронӣ намуда, П.П. Балик иловатан қайд намудааст, ки «масъулияти шахсони мансабдор барои ҷиноятҳои хизматӣ, махсусан, дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ, ки вазъияти душвори иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсӣ боиси содир шудани ҷиноятҳое, ки дар шароити ҷанг, махсусан, хавфнок буд, зиёд мегардад. Нисбат ба шахсони мансабдор, аввалан, баланд бардоштани масъулият, дуюм, соддагардонии расмиёти мурофиавии тафтишот ва сеюм, таркибҳои хоси замони ҷанг илова карда шуда буд» [143, с. 74]. Аксарияти ҳуқуқшиносон категорияи шахсони мансабдорро «бо назардошти хусусияти вазифаҳое, ки ба доираи салоҳияти онҳо дохил мешаванд, ҷудо кардаанд. Ҳамчун меъёри дуюм, ки моҳияти шахси мансабдорро муайян мекунад, қонун ҷои хидмати ӯро ҷудо кардааст» [209, с. 355]. Тибқи андешаи Е.А. Исаян «дар замонҳои қадим ба чунин ҷиноятҳое ба монанди ғорат кардан, одамонро фурӯхтан (яъне барои одамоне, ки бо хариду фурӯш ё ҷаримаҳои судӣ душворӣ мекашанд) мавҷуд буданд, ки аз аломатҳои субъекти махсус ишора менамуданд» [172, с. 112]. Доир ба мавҷудияти ҷиноятҳои мансабӣ дар он замонҳо «П.П. Балик» [143, с. 73], «А.М. Егиазарян» [169, с. 127] низ изҳори андеша намуда, дар ин хусус Ф.Ф. Дудирев илова менамояд, ки «дар он замонҳо мафҳуми шахси мансабдор ҷой надошт ва шахсони мансабдор истилоҳҳои мухталиф номбурда мешуданд» [165, с. 16]. Масалан, шахсони мансабдор, амалдорон, вазир, арбоби давлатӣ ва ғ.

Чи тавре ки маълум аст то давраи таъсисёбии ИҶШС Тоҷикистон дар ҳайати Россияи подшоҳӣ қарор дошт. Бинобар ин, дар ин давра санади асосии танзимкунандаи муносибатҳои ҷиноятӣ ин Уложенияи ҷиноятӣ аз 22 марти соли 1903 буд, ки дар он ҷиноятҳои зиёде зикр ёфта буданд ва бисёре аз онҳо  бо аломатҳои субъекти махсус муқаррар шуда буд. Бо ин назардошт, гуфтан мумкин аст, ки дар замони Россияи подшоҳӣ ҷиноятҳои мансабӣ бештар содир карда мешуданд. Аз ҷумла, порахӯрӣ, баромадан аз ҳадди ваколатҳои мансабӣ ва ғайра.

Марҳилаи дигар ва ҳамзамон муҳимми инкишофи субъекти махсуси ҷиноят – ин марҳилаи ташаккули қонунгузории ҷиноятӣ дар низоми ҳуқуқи шӯравӣ ба ҳисоб меравад. У.А. Азиззода «ба ду давра ҷудо кардани марҳилаи аввали инкишофи қонунгузории шуравиро афзалтар донистааст: аз воқеаҳои инқилобӣ то қабули аввалин қонуни ҷиноятии кодификатсионӣ (1922); кодификатсияи қонуни ҷиноятӣ дар сатҳи умумииттифоқӣ ва ҷумҳуриявӣ» [224, с. 228].

Дар марҳилаи аввали инкишофи қонунгузории шӯравӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқие қабул шуда буданд, ки ба аломатҳои субъекти махсуси ҷиноят низ ишора менамуданд. Дар марҳилаи аввали ташаккули ҳокимияти шӯравӣ чун анъана ҷиноятҳои ҳарбӣ ва ба муқобили ҳокимияти давлатӣ бештар маъмул буданд.

Дар қисмати Тоҷикистони Шимолӣ барои содир кардани баъзе ҷиноятҳои дорои аломати субъекти махсус ҷазоҳои вазнин татбиқ менамуданд, ҳатто дар ҷойи содир кардани ҷиноят ба ӯро ба қатл мерасониданд, масалан барои ҷиноятҳои ҳуҷуми мусаллаҳона ё одамкушӣ бо мақсади ғоратгарӣ, қасосгирӣ ва ғ. Ҳамзамон, барои содир кардани ҷинояти авбошӣ, пинҳонӣ тарғиб кардан, нигоҳ доштан ва фурӯхтани самогон (араққи дастӣ) ва нӯшокиҳои спиртӣ, истифода ва паҳн кардани маводи мухаддир, фоҳишагарӣ ва бачабозӣ, пинҳон кардан ва хабар

надодан оид ба ҷинояти содиршуда ва монади инҳо низ ҳамчун ҷинояти вазнин ба ҳисоб рафта, барои онҳо ҷазоҳои вазнин муқаррар шуда буд.

Дар баъзе сарчашмаҳо «дар давраи аввали инкишофи қонунгузории ҷиноятии шӯравӣ аз ҷиноятҳои иқтисодӣ, ҷиноятҳо бар зидди шахсият, ҷиноятҳои ҳарбӣ сухан меравад, ки дар онҳо аломатҳои субъекти махсус ба назар мерасанд» [233, с. 92-93]. Ҳамин тавр, то қабули нахустин қонуни кодификатсионии ҷиноятӣ (соли 1922) санадҳои алоҳидаи ҳуқуқӣ намудҳои мухталифи ҷиноятҳоро бо аломати субъекти махсус муқаррар ва танзим намуда буданд. Нахустин қонуни кодификатсионӣ санаи 24 майи соли 1922 яъне Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Федеративии Россия қабул гардид, ки дар ташаккули субъекти махсуси ҷиноят нақши калон гузоштааст.

Дар давраи Кодекси ҷиноятии дар соли 1922 ИҶШС намудҳои алоҳидаи субъекти махсус-шахсони мансабдор, хизматчиёни ҳарбӣ, шахсоне, ки ҷиноятҳои иқтисодӣ содир кардаанд ва ғайра мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Кодекси мазкур ҷавобгарии шахсони мансабдорро барои азхуд кардани моликияти давлатӣ аз рӯйи вазифаи мансабиаш, барои азонихудкунӣ ё азхудкунии моликияти шахсони алоҳида муқаррар карда буд. Мафҳуми «субъекти махсуси ҷиноят» баъдтар дар солҳои 30-юм дар илми ҳуқуқшиносӣ «ба таври васеъ марвиди омӯзиш қарор гирифт» [226, с. 39]. Оиди масъалаи мазкур олимони дигари соҳа низ қайд менамоянд, ки «давраи шӯравӣ дар таҳияи қонунгузории ҷиноятӣ оид ба суистифода аз мансаб самаранoктарин аст, зеро мақомот аз соли 1922, яъне аз соли қабули аввалин санади кодификатсияшуда дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ барои содир намудани ҷиноятҳо воқеан ҷазоҳои вазнин татбиқ менамуд» [154, с. 9]. Ба андешаи У.А. Азиззода, Қисми махсуси Кодекси соли 1922-и ИҶШС маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқиро оид ба намудҳои алоҳидаи ҷиноят ва ҷазо муқаррар менамуд. Дар он чунин намудҳои ҷиноят муқаррар шуда буданд: «ҷиноятҳои давлатӣ, сӯиистифода аз мансаб,

ҷиноятҳои вобаста ба вайрон кардани ҷудоии калисо ва давлат, ҷиноятҳои иқтисодӣ, ҷиноятҳо бар зидди ҳаёт, саломатӣ, озодӣ ва шаъну шараф, ҷиноятҳои молумулкӣ, ҳарбӣ ва монади инҳо» [224, с. 240]. Ҳамин тавр, Кодекси соли 1922-и ИҶШС нахустин санади кодификатсионӣ оид ба масъалаҳои ҷинояткорӣ ва ҷазо ба ҳисоб рафта, ҳамзамон субъекти махсуси ҷиноятро низ муқаррар намуда буд. Дар санади мазкур аломатҳои субъекти махсус дар ҷиноятҳои мансабӣ, ҳарбӣ, иқтисодӣ, ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ва саломатӣ, ҷинсӣ ва ғайра дида мешуд.

Яке аз махсусиятҳои қонунгузории шӯравӣ оид ба субъекти махсус дар он зоҳир мегардад, ки «сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ дар он давра хусусияти худро дошт» [233, с. 151]. Яъне низоми ҷазоҳо вобаста ба синфҳо муайян гардида буданд. Мисол шарҳвандони оддӣ агар ҷиноят содир мекард, барои онҳо ҷазоҳои сабук пешбинӣ мегардид. Лекин ҳамон намуди ҷиноятҳо агар аз ҷониби намояндагони буржуазия, шахсони мансабдор ва дигар нафарони барои давлати Шӯравӣ содир карда мешуд, нисбаташон ҷазоҳои вазнин тадбиқ мегардид. Дар ин марҳила, як қатор намудҳои дигари ҷиноят фарқ карда мешуданд, ки дорои аломатҳои субъекти махсус мебошанд. Масалан, «суистифода кардан аз мансаби хизматӣ, аз тарафи ходимони давлатӣ вайрон кардани қонунҳо, фармону қоидаҳои ҳокимияти шӯравӣ, муносибати хунукназарона ё беинсофона ба иҷрои вазифаи худ. Ҳамзамон, босмачиён, пинҳонкунандагони босмачиён, шарикони онҳо, инчунин аслиҳа ва молу мулки онҳо баробари босмачиён ҷазо дода мешуданд» [224, с. 245].

Маврид ба тазаккур аст, ки мубориза и мақомоти ҷазодиҳанда на танҳо ба муқобили гурӯҳҳои мусаллаҳи инқилобӣ, балки ба муқобили дигар намудҳои ҷиноят, аз қабили қалобӣ, ришвахӯрӣ, ҷиноятҳои зидди шахс, ҷиноятҳое, ки ба давлат ва ҷамъият зарар мерасонд, нигаронида шуда буд ва онҳо аз ҷумлаи  ҷиноятҳои хавфнок маҳсуб меёфтанд. М.М. Муллоев «дар ин давраи инкишоф аз ҷиноятҳои хизматӣ, аз қабили

порахӯрӣ, суистифода аз ваколатҳои мансабӣ изҳори андеша намудааст» [71, с. 53]. Ба андешаи У.А. Азиззода, «инкишофи институтҳои ҷиноят ва ҷазо дар ин давра хусусиятҳои хос дошт. Яке аз онҳо баҳодиҳии синфӣ ба кирдорҳои ҷиноятӣ ва барои онҳо таъин кардани ҷазо мебошад. Масалан, татбиқи ҷазоҳо аз рӯйи намуд ва вазнинии ҷиноятҳои якхела ё монанд нисбат ба ашхоси табақаҳои гуногуни аҳолӣ, аз қабили синфи коргару деҳқон, буржуазия ё феодалҳо, инқилобчиён ва босмачиён, ки бо сиёсати ҳокимияти нави шӯравӣ розӣ набуданд, ба назар мерасиданд» [224, с. 249]. Тавре ки аз андешаҳои олимон бармеояд, дар оғози инкишофи ҳуқуқи шӯравӣ ҷиноятҳои дорои субъекти махсус дар қонунгузории ҷиноятӣ муқаррар шуда буданд ва барои онҳо ҷавобгарӣ пешбинӣ шуда буд. Аммо тафовути низоми ҳуқуқи шӯравӣ дар он буд, ки аломатҳои нави субъекти махсусро муқаррар менамуд. Аз ҷумла, аломатҳои синфӣ.

Дар моҳи феврали соли 1925 «бо мақсади мубориза ба муқобили беҳаракатии хизматӣ, рафтори ношоиста ва кирдорҳои нодурусти шахсоне, ки дар мақомотҳои давлатии ҷумҳурӣ вазифаҳои масъулро ишғол намудаанд, суди интизомӣ ташкил гардид, ки дар қонунгузории ҷиноятӣ барои онҳо ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ нашуда буд» [206, с. 23-24]. Барои қалобӣ, порахӯрӣ, бюрократизм ҷазои вазнин дода мешуд. Ҳатто барои баъзе ҷиноятҳо, аз «қабили ҷосусӣ, шарикӣ бо босмачиён аз ҷониби мансабдорон ҳукми қатл татбиқ мегардид» [224, с. 260]. Маврид ба зикр аст, ки аломатҳои субъекти махсус на танҳо дар ҷиноятҳои хизматӣ ва ҳарбӣ, балки дар ҷиноятҳо ба муқобили муносибатҳои оилавӣ низ ба назар мерасид. Масалан, «барои ҷиноятҳои додани маҳр, маҷбур кардани зан барои бастани ақди никоҳ, дузанагӣ ва бисёрзанӣ ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар шуда буд» [95, с. 180-181]. Дар сарчашмаҳо оид ба намудҳои алоҳидаи ҷиноятҳои оилавӣ сухан меравад. Аз ҷумла, «муносибати нодуруст нисбат ба зан, ба шавҳар додани духтарони ноболиғ, дузанагӣ, додан ва гирифтани маҳр барои арӯс, латукӯб кардани занон, ба худкӯшӣ

бурдан, арӯсрабой, манъ кардани духтарон аз таҳсил, маҷбур кардани зан ба издивоҷ ё идомаи зиндагии муштарак, инчунин монеъ шудан ба иштироки занон дар чорабиниҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ ва маданӣ ва ғ» [213, с. 41].

Хуллас, қабули нахустин Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон (соли 1935) санадҳои меъёрии ҳуқуқии то инҷониб амалкунанда дар танзими ҷиноятҳои дорои субъекти махсус нақши муҳим ва заминаи воқеӣ гузоштаанд. Дар ин хусус У.А. Азиззода қайд мекунад, ки «қонунгузории умумииттифоқии ҷиноятӣ, қонунгузории Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Федеративии Россия ва қонунгузории ҷиноятии ҶШС Ӯзбекистон дар мубориза ба муқобили ҷинояткорӣ мавқеи махсусро ишғол карда буданд. Ин қонунҳо дар як вақт ба ташаккули қонунгузории ҷиноятии ҶТ таъсири муҳим расонида, дар баробари қонунгузории ҷумҳурӣ дар мубориза зидди ҷинояткорӣ дар Тоҷикистон ва барқарор намудани давлатдории шӯравӣ ва сохти сотсиалистӣ нақши калон бозидаанд» [224, с. 274-275].

Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон 9 майи соли 1935 қабул карда мешавад, ки нахустин санади кодификатсионии кишвар оид ба масъалаи ҷиноят ва ҷазо ба ҳисоб мерафт. Махсусан, дар самти инкишофи институти субъекти махсуси ҷиноят қадами нав ва муҳим дониста мешуд. Баъзе муҳаққиқон қайд мекунанд, ки «дар рафти таҳия ва қабул шудани санади мазкур таҷрибаи татбиқи қонунгузории умумииттифоқии ҷиноятӣ, давраи ташаккул ва инкишофи қонуни ҷиноятии шӯравӣ дар Тоҷикистон ҳамчун сарчашмаи асосӣ истифода шудааст» [122, с. 35]. Чунин андеша дар таҳқиқоти «М.М. Мулоев низ ба назар мерасад» [71, с. 122-123]. Мо низ ба андешаи муҳаққиқон мувофиқ мебошем. Зеро ҷойи шубҳа нест, ки дар масири таърих ҳар як санади меъёрии ҳуқуқӣ барои санади минбаъда заминаи ҳуқуқӣ гардидааст.

Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон соли 1935 аз қисмҳои умумӣ ва махсус иборат буд. Дар он 275 модда, аз он ҷумла 49 моддаи он ба қисми умумӣ, 226 модда ба қисми махсус дохил мешуд. Дар кодекс қариб тамоми доираи мулоҳизаҳо ва сиёсати ҷиноятии он давра нисбат ба кирдорҳои аз ҷиҳати ҷамъиятӣ хавфнок мавҷуд буд. Бояд гуфт, ки Қисми умумии кодекс аз шаш фасл иборат буда, масъалаҳои умумии ҷиноятиро фаро мегирифт.

Яке аз гурӯҳҳои ҷиноятҳое, ки дорои субъекти махсус буда, дар кодекси мазкур дида мешуданд, ин ҷиноятҳо бо иштироки ноболиғон мебошад. Кодекси мазкур муносибати махсусро нисбати ноболиғон пешбинӣ кардааст. Асосан чораҳое, ки нисбат ба ҷинояткорони ноболиғ татбиқ карда мешуданд, хусусияти тарбиявӣ доштанд. Масалан, мувофиқи м. 23 Кодекси мазкур тадбирҳои зерини дорои хусусияти тиббию тарбиявӣ нисбати ноболиғони ҷиноятсодирнамуда пешбинӣ гардида буд:

а) ба парастории падару модар, фарзандхондагон, парасторон, васиён, хешовандони ноболиғ, агар онҳо имконияти таъминоти ӯро дошта бошанд, ё дигар шахсон ё муассисаҳо супоридани ноболиғ;

б) дар муассисаҳои махсуси тиббӣ ва таълимӣ ҷойгир кардан.

Қисми махсуси Кодекси мазкур аз 12 боб иборат буда, ба намудҳои ҷиноятҳои алоҳида бахшида шудаанд. Масалан, боби якуми он ба ҷиноятҳои зидди ҳокимияти давлатӣ нигаронида шуда, аз ду фасл иборат буд. Дар он ҷиноятҳое муқаррар гардида буданд, ки дар соҳаи ҳокимияти давлатӣ содир мешуданд ва аксаран дорои аломати субъекти махсус мебошанд. Масалан, фасли дуюм ҷиноятҳои зидди тартиботи ҳокимияти давлатиро пешбинӣ менамуд. Боби дуюми кодекс ба дигар ҷиноятҳои зидди тартиботи идоракунӣ бахшида шуда буд. Умуман, ҷиноятҳо дар самти хизмати давлатӣ, иқтисодиёт, меҳнат, ҳарбӣ ва ғайраро фаро мегирифт, ки дар ҳар кадоме аз ин гурӯҳҳо аломатҳои субъекти махсус ба назар мерасанд.

Аломатҳои субъекти махсус ҳамзамон дар ҷиноятҳо муқобили ҳаёт ва саломатӣ низ дида мешаванд, ки кодекси мазкур онҳоро дар боби ҳафтум муқаррар кардааст. Он аз панҷ фасл иборат мебошад: фасли якум, меъёрҳои ҷавобгарии ҷиноятиро барои содир намудани ҷиноятҳои муқобили ҳаёт - одамкӯшӣ, даъват ба худкушӣ ва исқоти ғайриқонунӣ фаро мегирифт; дар фасли дуюм меъёрҳои муқовимат ба ҷиноятҳои расонандаи зарари ҷисмонӣ дар ҳама дараҷаҳо, зӯроварӣ нисбат ба шахс ва ташвиқ ё ҷалби ноболиғон ба иштирок дар ҷиноятҳои гуногун, инчунин маҷбур кардани ноболиғон ба фоҳишагарӣ, талбандагӣ ва ғайра гурӯҳбандӣ карда шудаанд; фасли сеюм меъёрҳои ҷавобгариро барои ҷиноятҳои ҷинсӣ муқаррар менамуд; дар фасли чорум ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дар хатар мондан ва дар фасли панҷум қоидаҳои мубориазаи зидди дигар кирдорҳои ҷиноятӣ нисбат ба шахс ва шаъну шарафи ӯ (таҳқир ва туҳмат) пешбинӣ гардида буданд [224, с. 290-291].

Бо оғоз шудани Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ ва Ҷанги Бузурги Ватанӣ ҷинояткорӣ дар самти муносибатҳои ҳарбӣ афзуд ва барои ин ба қонунгузории ҷиноятӣ тағйиру иловаҳо ворид гардида, ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳои ҳарбӣ вазнин карда шуд. Аз ҷумла, «барои иҷро накардани уҳдадориҳои ҳарбӣ ҷазои қатл муқаррар гардид. Дар ин хусус, муҳаққиқон низ қайд кардаанд, ки марҳалаи навбатии инкишофи қонунгузории ҷиноятӣ ва пурзур намудани ҷавобгарӣ барои содир кардани ҷиноят ба солҳои ҷанг рост меояд» [154, с. 9]. Субъекти махсуси ҷиноят дар ин давра боз ҳам афзуда, таркиби бисёре аз меъёрҳои қонунгузории ҷиноятиро фаро мегирифт ва ҷавобгарии ҷиноятӣ низ барои онҳо вазнин шуда буданд, махсусан ҷиноятҳои ҳарбӣ. Дар китобҳои дарсии ҳуқуқи ҷиноятии соли 1938 масъалаи субъекти махсус дар боби «Субъекти ҷиноят» [105, с. 269-270] баррасӣ шудааст, ки дар он тасниф ва намудҳои он мавҷуд буда, вале худи мафҳуми субъекти махсус муайян карда нашудааст.

Тибқи баъзе сарчашмаҳо «таҳияи консепсия оид ба субъекти махсуси ҷиноят танҳо аз охири солҳои 50-ум оғоз ёфтааст» [75, с. 138]. Аммо назари дигар низ ҷой дорад, ки дар назарияи ҳуқуқ аз замонҳои қадим муқаррароте вуҷуд дошт, ки мувофиқи он намудҳои алоҳидаи ҳуқуқвайронкунӣ танҳо аз ҷониби категорияҳои алоҳидаи шахсон содир карда мешаванд. Вале дар он замонҳо, бештар ҷиноятҳои мансабӣ ва ҳарбӣ ба назар мерасиданд. Чунин назар дар таҳқиқоти А.Ф. Бернер ба назар мерасанд. Дар дигар сарчашмаҳо «аломатҳои субъекти махсуси ҷиноят бо назардошти тобеияти динӣ, миллӣ, мансабӣ ва монанди инҳо нишон дода шудааст» [255]. Э.А. Бачури қайд мекунад, ки ташаккули фаъолонаи мафҳуми «субъекти махсуси ҷиноят» дар охири солҳои 50-ум оғоз ёфт. Дар асри ХХ бо нашри монографияи В. Орлов «Субъекти ҷиноят дар ҳуқуқи ҷиноятии шӯравӣ», ки дар он боби алоҳида ба субъекти махсус бахшида шудааст, баъзе паҳлуҳои масъала равшан мегардад» [226, с. 39]. Ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар таълимоти давраи асри XIX – ибтидои асри ХХ оид ба субъекти махсуси ҷиноят андешаҳои махсус мавҷуданд, ки хусусияти инкишофи таҳаввулотии ин мафҳум ва робита бо институти шарикиро инъикос мекунанд. Махсусан қайд кардан лозим аст, ки субъекти умумие, ки бо субъекти махсус дар ҷиноят иштирок кардааст, «мувофиқи конунгузории давраи баррасишаванда барои ҷинояти умумӣ ҷавобгар буд ё ҷавобгарии ӯ бо қоидаи махсус танзим карда мешуд» [199, с. 280].

Дар солҳои 50-ум ва 60-ум қонунгузории нави ҷиноятӣ қабул гардида, масъалаи субъекти махсуси ҷиноятро дар марҳилаи баъдиҷангӣ танзим менамуд. Дар ин марҳила институти субъекти махсус тибқи Асосҳои қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Федератсияи Россия аз 25 декабри соли 1958 ва, баъдан, Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон аз 17 августи соли 1961 танзим карда мешуданд. Дар Кодекси нав (1961) синну соли ҳадди ақали эҳтимолии ба ҷавобгарӣ кашидан аз 14 ва 16 солагӣ муқаррар шуда, ҳангоми содир кардани кирдори ба ҷамъият

хавфнок аз ҷониби ноболиғ ба ҷойи ҷазои ҷиноятӣ истифодаи чораҳои тарбиявӣ пешбинӣ шуда буд. Дар Кодекси мазкур ҷиҳати ворид намудани тағйиру иловаҳо байни олимон баҳсу мунозираҳои мухталиф ҷой дошт, ки ба масъалаи субъекти махсус низ робита доштанд. Масалан, яке аз чунин баҳсҳо ворид намудани ҷиноятҳо дар самти нақлиёт ба кодекс ба ҳисоб меравад. Баъзе аз олимони давраи шӯравӣ боби алоҳида ҷудо намудан ба масъалаи мазкурро дастгирӣ кардаанд. Аз ҷумла, У.А. Азиззода ҳарчанд дақиқан ном набурда бошад ҳам, вале қайд намудааст, ки «ин андеша тарафдорони зиёд дошт» [224, с. 299]. Аммо баъзе олимон ин андешаро дастгирӣ намекарданд, аз ҷумла «Е.И. Андрусенко ва М.М. Муллоев» [136, с. 124]. Дар ниҳоят андешаи мазкур дастгирӣ наёфт ва чунин боб низ дар Кодекси мазкур пешбинӣ нагардид.

Дар ин давра, зимни ворид намудани тағйиру иловаҳо ба кодекс масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои содир намудани ҷиноятҳои иқтисодӣ низ пурзур карда шуд. Дар кодекс ҷиноятҳои нав дар самти иқтисодиёт ва савдо ворид карда шуданд. Масалан, м. $170^4$ - «Ба таври сунъӣ баланд бардоштан ва нигоҳ доштани нархи баланди молҳои истеъмолии халқ»; м. $170^5$ - «Фаъолияти савдои ғайриқонунӣ»; м. $170^6$ - «Маҳдуд кардан ва ё қатъ кардани истеҳсол ва ба бозори молҳои истеъмолии халқ пешниҳод кардан» ба кодекс илова карда шуданд. Тавре ки бармеояд, ҷиноятҳои мазкур дорои аломатҳои субъекти махсус мебошанд.

Ҳамин тавр, Кодекси мазкур то қабули қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистони соҳибистиқлол (1998) амал карда, муносибатҳои ҷамъиятии марбут ба ҷиноят ва ҷазо, махсусан субъекти махсуси ҷиноятро дар ҳудуди Тоҷикистон танзим намудааст. Аммо, то қабули кодекси нав ба он тағйиру иловаҳои зиёд ворид карда шудааст. Дар ин хусус, У.А. Азиззода қайд мекунад, ки «Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон соли 1961 зиёда аз 30 сол амал кард. Ба он як қатор тағйироту иловаҳои зиёд ворид карда шуданд, ки дигаргуниҳои дар мамлакат ба амаломадаро инъикос менамоянд. Тибқи

маълумотҳо аз соли 1961 то қабули Кодекси ҷиноятии соли 1998 ба он беш аз 600 тағйироту иловаҳои гуногун ворид карда шудааст. Тақрибан аз се ду ҳиссаи моддаҳои Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон соли 1961 аз нав қабул шуда, баъзе моддаҳо чор, панҷ ва ҳатто аз ин ҳам зиёд тағйир дода шудаанд» [224, с. 325].

Дар асоси Қонуни ҶТ «Дар бораи қабули Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 21 майи соли 1998 КҶ ҶТ қабул карда шуд. Дар ин замина муқаррар гардид, ки Кодекс аз 1 сентябри соли 1998 мавриди амал қарор мегирад ва ҳамаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки танзимгари муносибатҳои ҷамъиятии ҷиноят ва ҷазо мебошанд, бояд ба Кодекси нави қабулгардида мутобиқ гардонида шаванд. Кодекси мазкур то инҷониб масъалаи ҷиноят ва ҷазо, махсусан субъекти махсуси ҷиноятро дар Тоҷикистон марвиди танзим қарор медиҳад. Маврид ба зикр аст, ки санади мазкур дар инкишоф ва ташаккули институти субъекти махсуси ҷиноят нақши калон гузошта, меъёрҳои зиёдро оид ба субъекти махсуси ҷиноят дар Қисми махсус муқаррар намуд, ки то кунун ҷиҳати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани субъектони махсуси ҷиноят хизмат карда истодааст.

Дар натиҷаи таҳқиқи масъалаи пайдоиш ва инкишофи субъекти махсуси ҷиноят ба хулосаҳои зерин омадан мумкин аст:

1. Масъалаҳои таърихию ҳуқуқии қонунгузории Тоҷикистонро омӯхта, ба муҳимтарин ёдгориҳои ҳуқуқии низомҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ, инчунин сарчашмаҳои сершумори ҳуқуқии Тоҷикистони таърихӣ дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ таваҷҷуҳ намуда, масъалаи субъекти махсуси ҷиноятро таҳқиқ намудан барои илми ҳуқуқшиносии муосир яке аз масъалаҳои мубрам ба ҳисоб меравад. Дар баробари ин, аҳамият ва арзиши сарчашмаҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, ки марҳилаҳои муайяни рушди Тоҷикистонро тавсиф намуда, институти субъекти махсуси ҷиноятро танзим менамуданд, дар айни замон мубрамияти худро гум накардаанд. Яъне дар натиҷа онҳо имконият медиҳанд, ки ҳар як ҳодиса дигаргуниҳои

дар сохти ҷамъиятию давлатӣ ва аз ин ҳам бештар дар қонунгузории ҷиноятӣ баамаломада чуқур ва пурмазмунтар дарк карда шаванд.

2. Субъекти махсуси ҷиноят падидаи нав набуда, сарчашмаи худро ҳанӯз аз низомҳои таърихӣ-ҳуқуқии Тоҷикистон мегирад. Заминаҳои нахустини меъёрӣ-ҳуқуқии институти мазкур ҳанӯз ҳазорсолаҳо пеш дар сарчашмаҳои низоми ҳуқуқии зардуштӣ ва мусулмонӣ ба назар мерасиданд.

3. Инкишофи субъекти махсуси ҷиноят ба панҷ марҳилаи таърихиро аз сар гузаронидааст: а) давраи зардуштӣ; б) давраи мусулмонӣ; в) давраи тоинқилобӣ (тобеи Россияи подшоҳи будани Осиёи Миёна); г) давраи ҳокимияти шӯравӣ; ғ) давраи соҳибистиқлолӣ.

4. Дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ субъекти махсуси ҷиноят фарогири чунин аломатҳои махсус буд: ҷинсият (марду зан), мансубияти динӣ (тобеи таълимоти зардуштӣ, мусулмонӣ ва ғ), синну сол (аз 15 боло), мансабӣ (амирон, вазирон, ходимони давлатӣ ва ғ), ҳарбӣ (сарбозон, фармондеҳон ва ғ), касбият, иқтисодиёт, қасос, синфӣ ва ғайра.

## 2.2. Мафҳум ва моҳияти субъекти махсуси ҷиноят

Такмил ва тағйир додани сохти давлатӣ боиси дигаргунии куллӣ дар сиёсати давлатӣ, аз ҷумла ҷиноятӣ мегардад. Яке аз масъалаҳои муҳим дар таҳқиқоти мазкур ин омӯзиш ва таҳқиқи мафҳуму моҳияти субъекти махсуси ҷиноят маҳсуб меёбад. Дар қонунгузории ҷиноятии кишвар мавҷуд набудани мафҳум ва аломатҳои субъекти махсус таҳқиқи масъалаи мазкурро боз ҳам мубрам менамояд. Омӯзиши масъалаи мазкур имконият медиҳад, ки мафҳуму моҳияти умумиэътирофшудаи субъекти махсуси ҷиноят муайян ва пешниҳод гардида, ҳамзамон дар қонунгузории ҷиноятӣ муқаррар карда шавад.

Тамоюлҳои муосири рушди сиёсати ҷиноятӣ зарурати ислоҳоти қонунгузории ҷиноятии амалкунандаро ба вуҷуд меоранд. Дар робита бо ба вуҷуд омадани намудҳои нави ҷиноятҳо, пурра кардани онҳо бо

аломатҳои нави бандубасткунанда, тағйир додани таркиби субъективӣ, омӯзиши категорияи «субъекти махсуси ҷиноят» аҳаммияти калони назариявию амалӣ пайдо мекунад. Т.Ш. Шарипов қайд мекунад, ки «дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ дар қатори субъекти умумӣ субъекти махсуси ҷиноятро низ фарқ мекунанд»[126, с. 103]. Агар аломатҳои субъекти уммумии ҷиноят дар Қисми умумии КҶ муқаррар шуда бошад, пас аломатҳои субъекти махсуси ҷиноят дар дипозитсияи меъёрҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятии Қисми махсуси КҶ ё дар эзоҳи онҳо муқаррар шудаанд. Аммо бар хилофи субъекти умумии ҷиноят, субъекти махсуси ҷиноят ба қадри кифоя мавриди тадқиқоти илмӣ қарор нагирифтааст, гарчанде ки масъалаи ташаккули мафҳум ва аломатҳои он дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ нав нест. Кӯшиши муаллифон «барои таҳияи мафҳуми умумии «субъекти махсуси ҷиноят» ҳанӯз дар замони шӯравӣ сурат гирифта буд» [118, с. 103].

Бояд тазаккур дод, ки мафҳуми субъекти махсуси ҷиноят дар КҶ ҶТ муқаррар нагардидааст. На танҳо дар қонунгузории ҷиноятии ҶТ, балки дар қонунгузории ҷиноятии Федератсияи Россия низ мафҳуми субъекти махсуси ҷиноят дода нашудааст. Тавре ки муҳаққиқон қайд мекунанд, «Қонуни ҷиноятии феълии Федератсияи Россия, ба мисли қонунгузории пешин, категорияи субъекти махсусро муайян намекунад, аммо дар зиёда аз 40%-и ҷиноятҳои Қисми махсуси он бевосита нишон дода шудааст ё ба он ишора гардидааст» [118, с. 103]. Аз таҳлилҳои гузаронидашудаи олимон бармеояд, ки мафҳуми субъекти махсуси ҷиноят барои назария ва амалияи ҳуқуқтатбиқсозӣ аҳамияти калон дорад, вале набудани мафҳуми субъекти махсус дар Қисми умумии Кодекси ҷиноятӣ боиси нофаҳмиҳо дар ҳуқуқтатбиқсозӣ мегардад. Бинобар ин, беҳтар мешуд, ки мафҳуми субъекти махсуси ҷиноят ва аломатҳои асосии он дар Қисми умумии Кодекси ҷиноятӣ муқаррар мегардид.

Субъекти махсуси ҷиноят ҳамчун субъекти ҷиноят фаҳмида мешавад, ки «дар баробари аломатҳои умумӣ ақаллан як аломати иловагии махсус

дорад, ба монанди ҷинс, касб, намуди фаъолият, вазъи шаҳрвандӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқии шахсе, ки кирдори ҷиноятӣ содир кардааст» [201, с. 26]. С.М. Кочои қайд мекунад, ки «баъзан барои фарорасии ҷавобгарии ҷиноятӣ қонун талаб мекунад, ки шахсе, ки ҷиноят содир кардааст, натанҳо аломатҳои ҳатмӣ, балки аломатҳои иловагӣ низ дошта бошад. Чунин субъекти ҷиноятро махсус меноманд» [48, с. 26]. Субъекти махсуси ҷиноят шахсе мебошад, ки ба ғайр аз се аломати ҳатмӣ, дорои аломатҳои дигари иловагии махсусан дар ҷиноят нишондодашуда мебошад. Ин аломатҳоро аз рӯи таснифоташон метавон чунин номбар кард: шаҳрвандӣ; ҷинс; муносибатҳои оилавӣ; вазифаи хизматӣ ва вазифаҳои касбӣ; муносибат ба хизмати ҳарбӣ ва ғайра.

Дар ҳуқуқи ҷиноятӣ субъекти махсуси ҷиноят шахсе мебошад, ки «дар баробари аломатҳои умумӣ бо аломатҳои иловагии зарурӣ барои ташаккули ҷинояти навъи муайян тавсиф карда мешавад» [50, с. 137].

Дар адабиёти ҳуқуқӣ мафҳуми «субъекти махсус дар шакли дигар дода шудааст: субъекти махсус шахси солимфикри ба синни ҷавобгарии ҷиноятӣ расида, вале дорои аломатҳои иловагӣ (махсус)-и дар қонун пешбинишуда мебошад. Масалан, ҷиноятҳои зидди хизмати ҳарбӣ танҳо аз ҷониби хизматчиёни ҳарбӣ ё шаҳрвандон ҳангоми тайёрии ҳарбӣ содир карда мешаванд» [112, с. 133]. «Субъекти махсус шахсе мебошад, ки ба ғайр аз се аломатҳои асосӣ, инчунин дорои аломатҳои факултативӣ мебошад, ки барои таркиби ҷиноят конструктивӣ (ҳатмӣ) мебошанд» [106, с. 216]. Субъекти махсуси ҷиноят шахси воқеие мебошад, ки «кирдори ҷиноятиро содир намуда, ба ғайр аз аломатҳои умумии субъект аломатҳои иловаги дорад, ки ба воситаи онҳо қонун ҷавобгарии ҷиноятиро татбиқ мекунад» [111, с. 294]. Тавре ки маълум мегардад, олимон оид ба мафҳуми субъекти махсуси ҷиноят андешаҳои гуногунро пешниҳод кардаанд. Аммо, ба андешаи мо, моҳияти умумии ҳамаи мафҳумҳои пешниҳодшуда ба аломатҳои иловагии субъект вобастагӣ дорад.

Дар криминалогия ва илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ба омӯзиши шахсияти ҷинояткор диққати калон дода мешавад. Аммо, «амалан ягон асари ба шахсияти субъекти махсуси ҷиноят бахшидашуда вуҷуд надорад. Ин аз бисёр ҷиҳат боиси камбудиҳои ҷиноятӣ донистани кирдорҳои аз ҷониби субъектҳои махсус содиршуда, мушкилоти фарқият ва фардикунонии ҷавобгарии ҷиноятии ин шахсон мегардад» [222, с. 168]. Ба андешаи мо, дар муқоиса бо субъекти умумии ҷиноят, омӯзиши шахсияти субъекти махсус дар бандубасти ҷиноят аҳамияти калон дорад. На танҳо бандубасти ҷиноят, балки масъалаи пешгирии ҷиноят, татбиқи адолати судӣ, умуман амалисозии мақсадҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳангоми ба ҷавобгарӣ кашидани субъекти махсус аз шахсияти ӯ вобастагии калон дорад.

Ба андешаи Ю.С. Караваева «субъекти махсуси ҷиноят шахси мукаллафи ба синни ҷавобгарии ҷиноятии муқаррарнамудаи қонун расидае мебошад, ки дорои аломатҳои иловагии нақшӣ-иҷтимоии дар диспозитсияи меъёрҳои Қисми махсуси Кодекси ҷинояти пешбинӣ карда шудааст» [222, с. 168]. Н.С. Лейкина ва Н.П. Грабовская таъкид мекунанд, ки «субъектҳои махсус субъектҳое ба ҳисоб мераванд, ки махсусиятҳои мушаххаси дар диспозитсияи моддаҳо нишон додашударо доро мебошанд» [60, с. 18]. Р. Оримбоев дар таҳқиқоти худ ба хулосае меояд, ки «субъекти махсусро шахсе муайян кардан лозим аст, ки ба ғайр аз аломатҳои зарурии субъект, бояд дорои аломатҳои махсуси иловагӣ бошад, ки имконияти ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷалб намудани шахсони дигарро барои содир намудани ҷинояти мазкур маҳдуд менамояд» [76, с. 67]. С.А. Семёнов «субъекти махсуси ҷиноятро шахси муакаллафи ба синни ҷавобгарии ҷиноятӣ расида ва дорои сифатҳои муайянкунандаи объекти ҷиноят номида, аломатҳоеро нишон медиҳад, ки ин шахс дар ҳолати мавҷудияти онҳо метавонад кирдори барои ҷамъияти хавфнокеро содир кунад, ки дар диспозитсияи моддаи Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ муқаррар шудааст» [203, с. 66].

Яке аз олимони давраи шӯравӣ, ки «доир ба масъалаи субъекти махсуси ҷиноят таҳқиқоти васеъ гузаронидааст, В.В. Устименко мебошад. Ӯ аввалан, якчанд аломатҳои субъекти махсуси ҷиноятро қайд карда, пас аз он, дар асоси аломатҳои мазкур мафҳуми субъекти махсуси ҷиноятро пешниҳод кардааст. Аз ҷумла, ба андешаи ӯ субъекти махсуси ҷиноят ба ғайр аз аломатҳои умумӣ (мукаллафӣ ва синну соли ҷавобгарии ҷиноятӣ) боз аломатҳои иловагӣ дорад; дорои як ё якчанд аломати иловагӣ мебошад; ин аломатҳо дар қонуни ҷиноятӣ нишон дода шудаанд ва ё аз мазмуни он бармеоянд; мавҷудияти ин аломатҳо имконияти ба ҷавобгарӣ кашидани шахсони дигарро мутобиқи моддаҳои мазкур маҳдуд менамояд» [118, с. 43]. Бо назардошти гуфтаҳои боло субъекти махсуси ҷиноят шахсе мебошад, ки дар баробари мукаллафӣ ва синну соли ҷавобгарии ҷиноятӣ, ҳамзамон дорои аломатҳои иловагии дар қонуни ҷиноятӣ муқаррашуда ва ё бевосита аз мазмуни он бароянда мебошад, ки доираи шахсони бо ҷинояти мазкур ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидашавандаро маҳдуд менамояд. Ба андешаи В.В. Устименко «барои як қатор ҷиноятҳо танҳо шахсоне субъект ба ҳисоб мераванд, ки дар баробари аломатҳои субъекти умумӣ дигар аломатҳои ҳуқуқии дар диспозитсияҳои моддаҳои мушаххаси қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ зикргардида доранд» [119, с. 10].

Лозим ба ёдоварист, ба сифати субъекти махсуси ҷиноят шахсе фаҳмида мешавад, ки мукаллаф буда, ба синни ҷавобгарии чиноятӣ расидааст ва дорои аломатҳои иловагии дар қонуни ҷиноятӣ пешбинишуда ё ба таври якхела аз тафсири он бароянда буда, доираи шахсонеро, ки бо ҳамин ҷиноятҳо ба ҷавобгарӣ кашидан мумкин аст, маҳдуд мекунад. Чунин андешаҳои монанд оид ба мафҳуми субъекти махсуси ҷиноят дар таҳқиқоти «С.А. Андреев» [135, с. 122], «С.А. Семёнов» [203, с. 87] низ ба мушоҳида мерасанд. Ба андешаи мо, мазмунан аксари мафҳумҳои зикршуда ба ҳамдигар монанд мебошанд. Фарқият дар он дида мешавад, ки баъзе муҳаққиқон аломатҳои субъекти умумиро зикр мекунанд

иловатан ва баъзеи дигар зикр намекунанд. Ба ақидаи мо, субъекти махсус новобаста аз аломатҳои махсус доштанаш, субъект ба ҳисоб меравад. Пас, табиист, ки аломатҳои умумию ҳатимиро дорост ва ҳангоми додани мафҳуми субъекти махсус зикр кардани аломатҳои субъекти умумӣ шарт ва зарур намебошад.

Дар баробари субъекти умумии ҷиноят дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ «мафҳуми субъекти махсуси ҷиноят низ вуҷуд дорад, ки ба ақидаи А.В. Галахов, В.И. Сергеев, О.Н. Румянсева» [200, с. 139-141] ва ғайра дар лаҳзаи содир кардани ҷиноят як ё якчанд аломатҳои иловагиро доранд, ки имконияти ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани ӯро тибқи моддаи мушаххаси Кодекси ҷиноятӣ муайян мекунанд. Ба ақидаи Ю.В. Тарасова «розӣ нашудан мумкин нест, ки мавҷудияти аломатҳои субъекти махсус аз дараҷаи баланди ба ҷамъият хавфнокии кирдор шаҳодат медиҳад» [246]. Ин андешаро «А.В. Богданов эътироф кардааст» [148, с. 483].

Ю.С. Караваева мафҳуми субъекти махсуси ҷиноятро каме дигар пешниҳод кардааст. Ба андешаи ӯ «субъекти махсуси ҷиноят ин шахси мукаллафи воқеиест, ки ба синни ҷавобгарии ҷиноятии муқаррарнамудаи қонун расида, бо истифода аз мақом (нақш)-и иҷтимоии худ ҷиноят содир кардааст, ки аломатҳои он дар меъёрҳои қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ тавсиф карда шудаанд» [173, с. 178]. Ба андешаи В.И. Терентйев «субъекти махсуси ҷиноят шахсе мебошад, ки дар баробари аломатҳои умумии субъект дорои аломатҳои иловагии пешбининамудаи қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ мебошад, ки барои таркиби ҷинояти мушаххас ҳатмӣ мебошанд» [102, с. 110]. Тавре аз мафҳум бармеояд, яке аз фарқиятҳо аз дигар мафҳумҳо дар он аст, ки муҳаққиқ дар пешниҳоди худ «бо истифода аз мақом (нақш)-и иҷтимоӣ»-ро илова кардааст.

Қайд кардан ба маврид аст, ки ҷинояти дорои субъекти махсус ҷиноятe мебошад, ки аз ҷониби субъект бо истифодаи ғайриқонунии мақоми иҷтимоӣ ё иҷро накардан (иҷрои номатлуб)-и талаботи нақши

ҷамъиятие, ки ба таври меъёрӣ муқаррар гардида, хусусияти дахлдори унсурҳои таркиби дигари ҷинояти зикршударо муайян мекунад, содир шудааст.

Новобаста аз он ки олимон вобаста ба масъалаи матраҳшаванда фикру андешаҳои мухталиф доранд, лекин бояд зикр кард, ки доир ба мафҳуми субъекти махсуси ҷиноят аксари муҳаққиқон бар он назаранд, ки субъекти махсуси ҷиноят ғайр аз аломатҳои умумии дар қонун пешбинигардида, шахси содиркунандаи ҷиноят ҳатман бояд аломатҳои иловагӣ низ дошта бошад. Ин аломатҳо метавонанд, дар шакли бевосита дар қонун нишон дода шудан (масалан, шахси мансабдор, сарбоз ва ғайра) ва ё аз маънои қонун бароянд (масалан, ҳангоми ба ҷиноят ҷалб намудани ноболиғ танҳо шахсе, ки ба синни 18-солагӣ расида бошад, субъекти махсус шуда метавонад). Ҳар як субъекти махсус дорои аломатҳои субъекти умумӣ (синну сол, мукаллафӣ) мебошад; мавҷуд набудани аломатҳои субъекти махсус дар ҳолатҳои зарурӣ, ки бевосита дар диспозитсияи моддаи Кодекси ҷиноятӣ зикр шудаанд, имконияти ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахсро истисно мекунад ё боиси тағйир додани бандубасти кирдор мегардад. Нишон додани зарурати тавсифи аломатҳои субъекти махсус дар диспозитсияи моддаи мушаххаси Кодекси ҷиноятӣ ва инъикоси он дар таърифи субъекти махсус бо нуқтаҳои зерин алоқаманд аст: аввалан, мавҷуд набудани аломатҳои субъекти махсуси ҷиноят имкони ба моддаи дахлдори Кодекси ҷиноятӣ бандубаст кардани ҷиноятро истисно мекунад. Баъдан, мавҷуд набудани аломатҳои субъекти махсус имкони ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахсро дар маҷмӯъ истисно намекунад, балки танҳо тибқи моддаи мушаххаси Кодекси ҷиноятӣ, ки дар он субъект чунин муайян шудааст ва дорои аломатҳои (хусусиятҳо)-и махсуси ҳатмӣ мебошад.

Ҳамин тавр, мафҳуми классикии субъекти махсуси ҷиноятро як қатор муҳақиқон чунин пешниҳод кардаанд: субъекти махсуси ҷиноят шахсе

мебошад, ки дар баробари мукаллаф будан ва расидан ба синни ҷавобгарии ҷиноятӣ, дигар аломатҳои ҳуқуқии иловагии дар қонуни ҷиноятӣ зикргардидаро низ дорад. «Д.В. Подилипский, А.А. Рогожкин» [199, с. 54], «Н.С. Лейкина, Н.П. Грабовская» [185, с. 389-390], «Р. Оримбоев» [76, с. 46] ва дигарон низ дар таҳқиқоти худ қайд кардаанд.

Олимони ватанӣ низ оид ба мафҳуми субъекти махсуси ҷиноят андешаронӣ кардаанд. Тибқи назари олимони ватанӣ «субъекти махсуси ҷиноят ин шахсе мебошад, ки дар қатори аломатҳои умумии субъекти ҷиноят боз бо аломатҳои иловагии барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан зарур доро мебошад» [126, с. 180]. Ба андешаи Ғ.С. Сатторов «субъекти махсуси ҷиноят шахсе мебошад, ки ғайр аз аломатҳои умумӣ дорои аломатҳои иловагие мебошад, ки дар диспозитсияҳои моддаҳои дахлдори Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ баён карда шудаанд» [90, с. 29]. Т.Ш. Шарипов бар он назар аст, ки «зери мафҳуми субъекти ҷиноят дар ҳуқуқи ҷиноятӣ шахси ҷиноятсодирнамудае фаҳмида мешавад, ки шахси воқеии мукаллаф буда, ба синну соли ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан расидааст, дар ҳолатҳои алоҳида бошад, дорои аломатҳои иловагие мебошад, ки барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан заруранд» [126, с. 172]. Бо назардошти ин, номбурда дар ҷойи дигар субъекти махсуси ҷиноятро чунин таъриф додааст: «субъекти махсуси ҷиноят ин шахсе ҳисоб мешавад, ки дар қатори аломатҳои умумии субъекти ҷиноят дорои боз аломатҳои иловагие мебошад, ки барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан заруранд» [126, с. 103]. Тавре аз таҳқиқи мафҳуми субъекти махсуси ҷиноят бармеояд, дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ мафҳуми умумиэътирофшуда ва ягонаи субъекти махсуси ҷиноят вуҷуд надорад. Олимони хориҷию ватанӣ мафҳуми субъекти махсуси ҷиноятро дар шаклҳои мухталиф (васеъ ва маҳдуд) пешниҳод кардаанд.

Мафҳуми субъекти махсуси ҷиноят яке аз масъалаҳои мубрами ҳуқуқӣ буда, танзими қонунгузориро тақозо менамояд. КҶ ҶТ ягона сарчашмаи ҳуқуқии танзимкунандаи масъалаи мазкур мебошад, вале мутаассифона,

мафҳуми субъекти махсуси ҷиноят дар Қисми умумии санади мазкур муқаррар нагардидааст. Дар моддаи 22 КҶ ҶТ шартҳои умумии ҷавобгарии ҷиноятиро чунин номбар кардааст: танҳо шахси воқеии мукаллаф ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, ки ба синну соли муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс расидааст. Дар қонунгузории ҷиноятии як қатор кишварҳо мафҳуми субъекти махсуси ҷиноят муқаррар гардидааст, масалан Кодекси ҷиноятии Украина дар моддаи 18 муқаррар менамояд, ки субъекти ҷиноят шахси воқеии гунаҳгоре ба ҳисоб меравад, ки кирдори ҷиноятиро дар синну соле содир намудааст, ки тибқи Кодекси мазкур метавонад ҷавобгарии ҷиноятӣ татбиқ карда шавад. Дар банди дуюми моддаи номбурда зикр гардидааст, ки субъекти махсуси ҷиноят шахси воқеии гунаҳгоре ба ҳисоб меравад, ки кирдори ҷиноятиро дар синну соле содир намудааст, ки метавонад ҷавобгарии ҷиноятӣ татбиқ карда шавад, кирдори ҷиноятие, ки субъекти он метавонад танҳо шахсони муайян бошанд. Дар қисми сеюм ва чоруми моддаи мазкур мафҳуми шахси мансабдор бо аломатҳои он дар шакли васеъ муқаррар гардидааст. Бояд гуфт, ки чунин муқарраротро наметавон рад кард, зеро ки новобаста аз он, мафҳуми субъекти махсуси ҷиноят бисёр маҳдуд муқаррар гардидааст ва аломатҳои он ишора нашудааст, вале ба ҳар ҳол нисбат ба қонунгузории дигар кишварҳо дуруст мебошад. Ҳақ ба ҷониби С.А. Андреев мебошад, ки гуфтааст: «мафҳум ва аломатҳои субъекти махсуси ҷиноят бояд дар меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ қатъиян муайян ва ифода карда шаванд, зеро субъекти махсуси ҷиноят яке аз унсурҳои муҳими таркиби ҷиноят мебошад» [135, с. 125]. Мо андешаи олимро дастгирӣ мекунем, зеро мавҷудияти мафҳуми муайян субъекти махсуси ҷиноят ва аломатҳои он дар татбиқи меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ ва адолати судӣ таъсиррасон мебошанд.

Бинобар ин, мо бар он андешаем, ки муқаррароти мазкур дар қонунгузории ҷиноятии ҶТ низ муқаррар карда шавад. Дар баробари ин,

қ. 2, м. 26 КҶ Ҷумҳурии Қирғизистон муқаррар менамояд, ки субъекти махсуси ҷиноят шахсе ба ҳисоб меравад, ки аломатҳои қисми якуми моддаи мазкурро доро буда, ҷиноятҳоеро содир намудааст, ки субъекти онҳо метавонанд танҳо шахсони муайян бошанд [10]. Мафҳуми муқарраршуда нисбат ба мафҳуми дар КҶ Украина пешбинигардида беҳтар аст, вале ин ҳам ҳанӯз пурра намебошад. Зеро асоси субъекти махсуси ҷиноятро на аломатҳои умумӣ, балки аломатҳои иловагӣ ташкил медиҳанд. Аз ин рӯ, дар мафҳуми субъекти махсуси ҷиноят ба ҷуз аз аломатҳои субъекти умумӣ, бояд аломатҳои иловагӣ пешбинӣ карда шаванд.

Дар қонуни ҷиноятӣ барои тавсифи аломатҳои дахлдори субъекти махсус якчанд усулҳо истифода мешавад:

«1) бевосита ба меъёри мустақил дохил намудани аломатҳои иловагие, ки ба категорияи якхелаи субъектҳои махсус мансубанд;

2) дар диспозитсияи моддаи Қисми махсуси КҶ ҶТ зикри бевоситаи субъекти махсус, ки истисно аз гурӯҳи якхелаи субъектҳо мебошад;

3) рӯйхатти бевосита дар диспозитсияи меъёри аломатҳои субъекти махсус» [50, с. 137].

Субъекти махсуси ҷиноят дорои на танҳо аломатҳои махсуси иловагӣ, балки аломатҳои хоси худ низ мебошад, ки дар як вақт, моҳияти онро ифода мекунад. Дар ин замина, муҳаққиқон номгӯйи аломатҳои гуногунро пешниҳод кардаанд.

В.И. Терентйев хусусиятҳои субъекти махсуси ҷиноятро ҳамчун талаботи қонунгузор ва назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ дар шакли зерин пешниҳод кардааст:

«1) субъекти махсуси ҷиноят дорои аломатҳои субъекти умумӣ – расидан ба синни ҷавобгарии ҷиноятӣ ва мукаллафӣ мебошад. Бояд қайд кард, ки мавҷуд набудани аломатҳои субъекти умумӣ имконияти ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахсро ҳамчун субъекти махсуси ҷиноят истисно мекунад;

2) аломатҳои махсуси субъектҳо дар меъёрҳои Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ муқаррар карда мешаванд ё бевосита аз мазмуни онҳо бармеоянд;

3) новобаста аз ҳолатҳои дар боло овардашуда субъектҳои махсуси ҷиноят метавонанд бо як ё якчанд аломатҳои иловагии ҳатмӣ тавсиф карда шаванд, дар ҳолати дуюм, маҷмӯи онҳо барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан зарур аст;

4) аломатҳои махсус доираи шахсонеро, ки метавонанд барои содир намудани ҷинояти муайян ҷавобгар бошанд, маҳдуд мекунанд ё ҳамчун аломати хос ё имтиёзноки таркиби дахлдори ҷиноятҳо хизмат мекунанд» [102, с. 117].

«Дар адабиёти ҳуқуқӣ аломатҳои ҳуқуқии субъекти махсуси ҷиноят чунин тавсиф шудааст:

1) аз рӯйи синну сол доираи шахсони ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидашаванда маҳдуд аст. Тибқи қонунгузории ҷиноятӣ ҷавобгарӣ аз синни 16-солагӣ ва барои баъзе ҷиноятҳо аз 14-солагӣ ба миён меояд;

2) доираи шахсоне, ки барои ҷиноятҳои муайян ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд, маҳдуд аст;

3) маҳдудиятҳо ҳамзамон вобаста ба синну сол, ҷинс, вазъи саломатӣ, муносибат ба хизмати ҳарбӣ ва ғайра татбиқ мегарданд. Масалан, хизматчиёни ҳарбӣ, ки ба хизмати ҳарбӣ даъват шудаанд ё тибқи шартнома мебошанд;

4) вазъи шахсони то синни 18-сола ҳамчун ҳолати сабуккунанда ба ҳисоб меравад;

5) баъзе аломатҳои субъекти ҷиноят барои озод кардан аз ҷазо ва ё ба таъхир андохтани ҷазо асос шуда метавонанд» [111, с. 297-298].

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳқиқоти мафҳуми субъекти махсуси ҷиноят ба хулосаҳои зерин омадан мумкин аст:

1. Мафҳуми субъекти махсуси ҷиноят барои амалия ва назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ аҳамияти зиёд дошта, дар раванди татбиқи адолати судӣ

ва ҳуқуқтатбиқнамоӣ нақши калон мебозад. Зеро ки дар бисёре аз меъёрҳои моддаҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ ҷиноятҳо бо иштироки субъекти махсус пешбинӣ гардидааст.

2. Дар назария ва амалияи ҳуқуқи ҷиноятӣ доир ба мафҳуми субъекти махсуси ҷиноят фикру мулоҳизаҳои умумӣ ва ягона вуҷуд надорад. Ҷой надоштани мафҳуми умумиэътирофшудаи субъекти махсуси ҷиноят низ аз он дарак медиҳад, ки дар байни олимон гуногунфикрӣ мебошад. То кунун дар ҳеҷ сарчашмаи ҳуқуқӣ ягон мафҳуми пешниҳодшударо ҳамчун мафҳуми пурра ва дурусти субъекти махсуси ҷиноят эътироф накардаанд.

3. Дар раванди омӯзиши мафҳуми мазкур ба чунин хулоса омадем, ки мафҳуми субъекти махсуси ҷиноятро ба ду маъно пешниҳод намоем: Ба маънои маҳдуд ва васеъ. Ба маънои маҳдуд: субъекти махсуси ҷиноят шахсе дониста мешавад, ки ба ғайр аз аломатҳои субъекти умумӣ, инчунин дорои аломатҳои иловагӣ мебошад. Ба маънои васеъ бошад: субъекти махсуси ҷиноят шахсе ба ҳисоб меравад, ки ба ҷуз аз аломатҳои умумӣ (мукаллафӣ, гунаҳгорӣ, сину соли муайян), инчунин дорои аломатҳои иловагие мебошад, дар диспозитсияи моддаҳои Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ муқаррар гардида, барои содир намудани ҷиноятҳое ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд, ки имконияти ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани дигар шахсонро маҳдуд намуда, субъекти чунин ҷиноятҳо танҳо шахсони муайяни муқаррарнамудаи Кодекси ҷиноятӣ мебошанд. Аз он ки аломатҳои иловагии субъекти махсуси ҷиноят васеъ буда, дар меъёрҳои моддаҳои Қисми махсуси КҶ ба таври гуногун муайян гардидаанд, зарур нест, ки онҳо дар мафҳуми субъекти махсуси ҷиноят пешбинӣ карда шаванд. Бо ин назардошт, фаҳмиши маҳдуди субъекти махсус барои КҶ ҶТ мувофиқ мебошад.

4. Пешниҳод менамоем, ки мафҳуми субъекти махсуси ҷиноят дар қ. 2, м. 22 КҶ ҶТ дар чунин шакл муқаррар карда шавад: «Субъекти махсуси ҷиноят шахсе ба ҳисоб меравад, ки ба ҷуз аз аломатҳои қисми якуми

моддаи мазкур инчунин, дорои аломатҳои иловагие мебошад, дар диспозитсияи моддаҳои Қисми махсуси Кодекси мазкур муқаррар гардида, барои содир намудани ҷиноятҳое ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд, ки субъекти чунин ҷиноятҳо танҳо шахсони муайян мебошанд». Дар ду моддаи баъдина (23 ва 24) дар хусуси синну сол ва мукаллафию номукаллафӣ сухан меравад, вале оид ба аломати якум шахси воқеӣ дар ягон меъёри алоҳида дақиқ гуфта нашудааст.

5. Субъекти махсуси ҷиноят дорои хусусиятҳои зерин мебошад, ки моҳияти онро ифода мекунанд:

1) субъекти махсуси ҷиноят дорои аломатҳои иловагӣ аст;

2) аломатҳои субъекти махсуси ҷиноят дар қонунгузории ҷиноятӣ нишон дода шудаанд ва ё аз мазмуни он бармеоянд;

4) ҷиноятҳои дорои субъекти махсус имконияти ба ҷавобгари ҷиноятӣ кашидани дигар субъектҳоро маҳдуд менамояд;

5) гузаштан аз субъекти умумӣ ба субъекти махсуси ҳуқуқ бо пайдоиши баъзе далелҳои ҳуқуқӣ алоқаманд аст;

6) субъекти махсуси ҷиноят ҳамчун категория ва падидаи ҳуқуқӣ дар назария ва амалия барои васеъ ё маҳдуд кардани мазмуни субъекти умумӣ хизмат мекунад.

## 2.3. Таснифи аломатҳои субъекти махсуси ҷиноят

Бояд тазаккур дод, ки асоси субъекти махсуси ҷиноятро, тавре ки аз мафҳуми он бармеояд, аломатҳои иловагие ташкил медиҳанд, ки онҳо барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани танҳо шахсони муайян асос мегардад. Аҳамияти субъекти махсуси ҷиноят дар он зоҳир мегардад, ки таҳқиқу омӯзиши аломатҳои он метавонад ба бандубасти ҷиноят таъсир расонад. Агар шахс дорои аломатҳои иловагии дар моддаи Қисми махсуси КҶ пешбинигардида набошад, маънои онро дорад, ки шахс ё умуман ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад, ё кирдори ӯ бояд тибқи моддаи

дигар бандубаст карда шавад.

Дар бисёр адабиёти ҳуқуқӣ доир ба шумораи аниқи аломатҳои субъекти махсуси ҷиноят ягонафикрӣ мавҷуд набуда, аз ҷониби олимон андешаҳои мухталиф пешниҳод гардидаанд. Аломатҳои иловагии субъекти махсус дар меъёрҳои Қисми махсуси КҶ мавҷуданд, ки инҳоро фаро мегиранд: иҷрои вазифаҳо ё уҳдадориҳои касбӣ аз ҷониби шахс, расидан ба синни муайян, мавқеи хизматӣ, ҳолати хешовандӣ, ҷинс ва ғайраро дар бар гиранд. Бояд гуфт, ки аломатҳои субъекти махсус аломатҳои хоси субъекти ҷиноят мебошанд, ки аз доираи талаботи умумӣ нисбат ба субъекти ҷиноятҳои дигар берун мебароянд. Тавре ки дар адабиёти ҳуқуқӣ қайд мегардад, «онҳо доираи хеле аломатҳои гуногуни субъектро тавсиф мекунанд. Бинобар сабаби он ки субъектҳои махсус дорои шумораи зиёд ва аломатҳои гуногуни махсус мебошанд, таснифоти субъектҳои махсуси ҷиноят аз рӯйи аломатҳояш аҳамияти назариявию амалӣ дорад» [102, с. 121].

Ҳамин тавр, аломатҳои хоси субъектҳои махсуси ҷиноят бо роҳи нишон додани аломатҳои шабеҳи субъектҳо муайян карда шуда, мувофиқи шабеҳияти онҳо субъектҳо ба гурӯҳҳо ва зергурӯҳҳои муайян тақсим карда мешаванд.

Маънои ҳуқуқии аломатҳои умумӣ ва махсуси субъекти ҷиноят якхела нест. Набудани ақаллан яке аз аломатҳои умумии субъект, дар айни замон, маънои мавҷуд набудани таркиби ҷиноятро дорад. Дар сурати мавҷуд набудани аломатҳои субъекти махсуси ҷиноят вазъияти дигар ба амал меояд: «дар баъзе мавридҳо набудани ин аломатҳо ҷавобгарии ҷиноятиро, комилан, истисно мекунад, дар дигар мавридҳо танҳо бандубасти ҷиноят тағйир меёбад. Андешаи мазкур дар бисёре аз сарчашмаҳои ҳуқуқӣ инъикос гардидааст» [54, с. 104-105]. Ба андешаи В.Б. Боровиков, аломатҳои факултативии субъекти махсуси ҷиноят метавонанд бо се маънои гуногун амал кунанд:

1) агар ин нишонаҳо ҳангоми муайян кардани таркиби ҷиноят ҳатмӣ бошанд ва ба таркиби ҷинояти асосӣ дохил карда шаванд;

2) агар ин аломатҳо ҳолатҳои вазнинкунандаи содир намудани ҷиноят шуда, барои бандубасти онҳо ҳатмӣ бошанд;

3) дар сурате ки ин аломатҳо танҳо иловагӣ мебошанд, дар меъёрҳои Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ зикр нашудаанд, ба ҷиноят таъсир намерасонанд, вале метавонанд аз ҷониби суд ҳангоми таъйини ҳукм ба назар гирифта шаванд [25, с. 75].

Аломатҳои субъекти махсуси ҷиноят дорои вазифаҳои хоси худ мебошад, ки аҳамияти калони назариявӣ ва амалӣ доранд. Доир ба вазифаҳои аломатҳои субъекти махсуси ҷиноят муҳаққиқон андешаҳои мухталифро зикр кардаанд. Э.А. Бачури бар он назар аст, ки «аломатҳои субъекти махсуси ҷиноят ду вазифаро иҷро мекунанд: иттилоотӣ ва муқаррар намудани асосҳо ва тафриқаи ҷавобгарии ҷиноятӣ, ки ҳамчун шакл ва мазмун ба ҳам алоқаманданд» [226, с. 11]. Фаҳмиши аломатҳои субъекти махсус қисман ишораи вазифаҳои онҳоро дар бар мегирад. Дар адабиёт вазифаҳои гуногуни аломатҳои субъекти махсус мавҷуданд:

1) вазифаи маҳдудкунанда, яъне, аломатҳои субъекти махсус доираи шахсонеро, ки метавонанд бо субъекти махсус ҷиноят содир кунанд маҳдуд менамояд. Ин андешаро «П.С. Дагел, В.В. Устименко, А.Н. Трайнин, В. Голубев низ дастгирӣ кардаанд» [34, с. 90];

«2) вазифаи муайян кардани асосҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ. Ин андешаро В.Н. Кудрявсев, С. Семёнов, Б.В. Волженкин ва Т.Г. Макаров дастгирӣ кардаанд» [51, с. 57, 60; 244, с. 80-81; 62, с. 43].

Бо ёрии аломатҳои иловагии субъект таркиби ҷиноятро дуруст ва пурра сохтан ва бо ҳамин ба хавфнокии ҷамъиятии кирдор баҳои дурусти ҳуқуқӣ додан мумкин аст. Аломатҳои иловагӣ ё махсуси субъекти ҷиноят метавонанд ба ҷамъият хавфнокии кирдорро ба таври назаррас зиёд ё кам кунанд. Ба диспозитсияи меъёр дохил намудани аломатҳои субъекти махсус

имконияти ҷавобгарии ҷиноятиро дар асоси аломатҳои субъекти умумии ҷиноят маҳдуд мекунад, зеро ҷавобгарии ҷиноятӣ барои онҳо ҳангоми доштани аломатҳои махсус ба миён меояд.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ таснифоти зиёди аломатҳои субъектҳои махсуси ҷиноят пешниҳод шудаанд. Бо назардошти ин, ҳангоми таҳлили аломатҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятии субъекти махсус нуқтаи умумиеро, ки онҳоро муттаҳид менамояд, бояд ба эътибор гирифт. Бояд тазаккур дод, ки дар сарчашмаҳои ҳуқуқӣ доир ба маҷмӯи аломатҳои субъекти махсуси ҷиноят ва таснифоти онҳо фикру андешаҳои ягона вуҷуд надорад. Олимони соҳа номгӯйи мухталиф ва таснифоти гуногуни аломатҳои субъекти махсуси ҷиноятро пешниҳод кардаанд. С.М. Кочои зикр менамояд, ки «аломатҳои субъекти махсусро аз рӯйи чунин омилҳо метавон таснифбандӣ намуд: шаҳрвандӣ; ҷинс; муносибатҳои оилавӣ; вазифаи хизматӣ ва вазифаҳои касбӣ; муносибат ба хизмати ҳарбӣ ва ғайра. Дар таркиби ҷиноятҳои дорои субъекти махсус ин аломатҳо ҳатмӣ мебошанд» [48, с. 29].

Дар аксари вақт аломатҳои субъекти махсус дар меъёри мушаххаси Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ бевосита нишон дода мешаванд, вале баъзан чунин аломатҳо нишон дода намешаванд, вале онҳоро бо тафсири меъёрҳо фаҳмидан мумкин аст. Масалан, диспозитсияи м. 128 КҶ ҶТ «Ёрӣ нарасонидан ба бемор» - аломатҳои субъекти махсусро нишон намедиҳад, балки уҳдадории духтурро тибқи қонун ё қоидаи махсус оид ба расонидани ёрии тиббӣ нишон медиҳад. Чунин уҳдадорӣ тибқи савганди Гиппократ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба зиммаи кормандони тиббии ҳама гуна ихтисос гузошта шудааст. Аз ин рӯ, субъекти ин ҷиноят дорои аломати махсуси иловагӣ - уҳдадории (на ҳуқуқ) расонидани ёрии тиббӣ ба бемор мебошад.

Маврид ба зикр аст, ки аломатҳои субъекти махсус аз рӯйи мазмунашон хеле гуногун мебошанд. Тақрибан аз 40% то 60%-и моддаҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ-ро таркибҳои дорои субъекти махсус ташкил медиҳанд. Дар ҷойи дигар В.Т. Батичко қайд менамояд, ки «аломатҳои

субъекти махсус метавонанд ба хусусиятҳои гуногуни шахсияти ҷинояткор дахл дошта бошанд: ба вазифаи ишғолкардаи хизматӣ ё кор, вазифа, касб, уҳдадориҳои ҳарбӣ, вазъи оилавӣ ва ғайра» [24, с. 235]. Масалан, субъекти ҷиноят тибқи м. 154 КҶ ҶТ шахси мансабдоре мебошад, ки барои риояи қоидаҳои ҳифзи меҳнат масъул аст.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ омадааст, ки «аломатҳои субъекти махсуси ҷиноят дар диспозитсияҳои моддаҳо инъикос меёбанд. Баъзан аломатҳои субъекти махсусро факултативӣ меноманд. Ин аломатҳо на барои таркиби ҷиноят, балки барои мафҳуми субъектии умумӣ, дар ҳамон таркиби ҷиноят, ки дар он нишон дода шудааст, мавҷудияти онҳо ҳатмӣ мебошанд» [112, с. 134]. Аз сабаби он ки аломатҳои субъекти махсус аломатҳои факултативии ҷиноят мебошанд, маънои сегона доранд, яъне, аломатҳое, ки:

а) ҳамчун аломатҳои конструктивии таркиби асосӣ (м. 305 КҶ ҶТ);

б) ба сифати аломатҳои хос (м. 165 КҶ ҶТ);

в) ҳамчун ҳолати сабуккунанда ё вазнинкунандаи ҷазо (м.м. 61-62 КҶ ҶТ) баромад карда метавонанд.

Таҳлили аломатҳои субъектҳои ҷиноятҳое, ки дар қонуни ҷиноятӣ пешбинӣ шудаанд, имкон медиҳад, ки се намуди субъектҳо - як субъекти умумии ҷиноят ва ду субъекти махсус аниқ фарқ карда шаванд. Субъекти умумии ҷиноят бо се аломат – шахси воқеӣ, синну сол ва мукаллафӣ тавсиф мешавад. Намуди якуми субъекти махсусро метавон ба таври инфиродӣ муайян кард. Хусусияти субъекти инфиродӣ муайяншуда дар он зоҳир мегардад, ки аломатҳое, ки хоси вай мебошанд, аз худи шахсият сарчашма мегиранд [111, с. 298]. Ин хусусиятҳо метавонанд дар асоси таваллуд ё дар раванди ҳаёт ба даст оварда шаванд. Ин хусусиятҳои сирф шахсӣ ба татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ таъсири калон мерасонанд, бинобар ин аз рӯи ин маҷмӯи аломатҳо тақсим намудани субъекти ҷиноят қонунист. Ба аломатҳои субъекти инфиродӣ муайяншуда синну сол (калонсолон – м. 165

КҶ ҶТ), ҷинс (мард – м. 138 КҶ ҶТ), муносибатҳои оилавӣ (падару модар, фарзандон, хешовандони наздик), мавҷудияти беморӣ (шахси гирифтори бемории зуҳравӣ, сирояти ВИЧ-СПИД – м.м. 125, 126 КҶ ҶТ), маълумот дар бораи фаъолияти ҷиноятии қаблӣ (такрор шудани ҷиноятҳо ва доғи судӣ), дар ҳабс қарор доштан, ҳабси судӣ ё адои ҷазо ва ғайра.

Намуди дигари субъекти махсус ин субъекти меъёри муайяншудаи ҷиноят мебошад. Хусусияти фарққуандааш дар он аст, ки дар низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ вобаста ба зиммааш гузоштани вазифаҳо аз рӯйи қонун, кори иҷрошуда, машғулият ё вазифаи хизматӣ мавқеи махсусро ишғол менамояд. Субъекти ба тavри меъёрӣ муайяншуда бо чунин аломатҳо ба монанди шаҳрвандӣ (шаҳрванди ҶТ, шаҳрванди хориҷӣ ё шахси бешаҳрванд), иштирок дар мурофиаи судӣ (ҷабрдида, шоҳид, тарҷумон, коршинос), касб, намуди фаъолият, хусусияти кори иҷрошуда (духтур, соҳибкори инфиродӣ), шахсе, ки воситаи нақлиётро идора мекунад ё масъул барои таъмир ва ҳолати техникии воситаҳои нақлиёт) ва ғайра тавсиф карда мешаванд.

Бояд зикр кард, ки аломатҳои умумии субъект дар диспозитсияи меъёрҳои Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ нишон дода нашудаанд, онҳо аз ҷониби қонунгузор ҳамчун муқаррароти асосии умумӣ дар Қисми умумӣ муайян карда шудаанд. Баръакс, қонунгузории ҷиноятии амалкунанда дар қисми умумӣ мафҳуми субъекти махсусро муайян намекунад. Аломатҳое, ки субъекти махсусро тавсиф мекунанд, дар диспозитсияҳои меъёрҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятии Қисми махсуси қонунгузории ҷиноятӣ нишон дода шудаанд. Баъзан меъёрҳое, ки субъекти махсус доранд, ба бобҳои алоҳида чудо карда шудаанд, ки тамоми низоми меъёрҳоро оид ба аломатҳои субъекти махсус, ки дар меъёрҳои Қисми махсуси КҶ муайян карда шудаанд, дар бар мегиранд. Дар Қисми махсуси КҶ чунин боб мавҷуд аст: боби 30 – ҷиноятҳо ба муқобили ҳокимияти давлатӣ, манфиатҳои хизмати давлатӣ ва боби 33 – ҷиноятҳо ба муқобили хизмати ҳарбӣ.

Мувофиқи эродҳои профессор А.И. Рарог «дар баъзе ҳолатҳо аломатҳои субъекти махсус дар меъёри мушаххаси Қисми махсуси КҶ нишон дода нашудаанд, вале онҳоро тавассути тафсири низомнокӣ, мантиқӣ ва имлоии меъёр фаҳмидан мумкин аст» [115, с. 210]. Масалан, дар м. 128 КҶ ҶТ барои нарасонидани ёрии тиббӣ ба бемор ҷавобгарӣ муқаррар карда шудааст. Қонун субъекти ҷиноятро бевосита ном набурда, аломатҳои асосии онро нишон медиҳад: уҳдадории ин шахс мувофиқи қонун ё аз рӯйи қоидаи махсус ҷиҳати расонидани ёрӣ ба бемор. Мутобиқи қоидаҳои махсуси муқаррарнамудаи мақомоти салоҳиятдори тандурустӣ тамоми кормандони соҳаи тиб ва дорусозӣ (духтурон, акушерҳо, фелдшерҳо, ҳамшираҳои шафқат, дорусозон ва дигар кормандон) вазифадоранд, ки ба шаҳрвандон дар роҳ, дар кӯча ва дар дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ ёрии аввалини тиббӣ расонанд.

Аз ҷиҳати мазмун ва хусусиятҳои худ аломатҳои субъекти махсус хеле гуногун мебошанд. Онҳоро метавон ба таври зерин тасниф кард:

1) бо аломати шаҳрвандӣ: шаҳрванди ҶТ (м. 305 КҶ ҶТ), шаҳрванди хориҷӣ ва шахси бешаҳрвандӣ (м. 308 КҶ ҶТ);

2) бо аломатҳои демографӣ: ҷинс – мард (м. 138 КҶ ҶТ); зан (м. 105 КҶ ҶТ); синну сол - калонсолон (м. 165 КҶ ҶТ);

3) бо аломатҳои оилавӣ, хешутаборӣ: падару модар (м. 166 КҶ ҶТ);

4) бо аломатҳои вазифаи хизматӣ: шахсони мансабдор, шахсоне, ки мансабҳои давлатӣ ё роҳбари мақомоти худидоракунии маҳаллиро ишғол мекунанд (м. 314 КҶ ҶТ); шахсоне, ки адолати судиро амалӣ мегардонанд: судя, коршинос, пристави судӣ, судиҷрочӣ, дигар шахсе, ки дар амалисозии адолати судӣ иштирок доранд (м. 356 КҶ ҶТ); хизматчии ҳарбӣ (м. 373 КҶ ҶТ); шахсоне, ки ба ҳайати посбонон (вахтаҳо) дохил мешаванд (м. 379 КҶ ҶТ); кормандони тиб (м. 123 КҶ ҶТ); кормандони нақлиёти роҳи оҳан, ҳавоӣ, баҳрӣ ё дарёӣ (м. 211 КҶ ҶТ); ронандагони автомобил, дигар нақлиёти автомобилӣ (м. 212 КҶ ҶТ) ва ғайра.

Таснифи мазкур дар дигар адабиёти ҳуқуқӣ низ зикр гардидааст, «вале дар он на чор, балки шаш тасниф ҷудо карда шудааст, ҳол он ки ягон тағйироти назаррас мавҷуд нест. Яъне, дар таснифоти мазкур, аломатҳо аз рӯйи уҳдадориҳои ҳарбӣ ҳамчун гурӯҳи панҷум ва бо асосҳои дигар ҳамчун гурӯҳи шашум ҷудо карда шудаанд» [106, с. 217]. Аломатҳои субъекти махсусро дар адабиёти дигари ҳуқуқӣ бо назардошти чунин омилҳо тасниф кардаанд: «аз рӯи синну сол; аз рӯйи ҷинс; аз рӯйи шаҳрвандӣ; аз рӯйи муносибатҳои оилавӣ; аз рӯйи мавқеи хизматӣ; нисбат ба хизмати ҳарбӣ» [112, с. 134]. Ба андешаи мо ин тасниф нисбатан дуруст мебошад. Дар сарчашами мазкур, иловатан, қайд гардидааст, ки «таснифи субъектҳои махсус аз рӯйи дигар аломатҳо низ имконпазир мебошад, ки номбаркунии пурраи онҳо душвор аст. Масалан, аз рӯйи намуди фаъолият (м. 128 КҶ ҶТ); бо ҳолатҳои саломатӣ» (м. 126 КҶ ҶТ) ва ғайра. Баъзе муҳаққиқон низ таснифоти мазкурро аз рӯйи «асосҳои шаҳрвандӣ, демографӣ, муносибатҳои оилавӣ ва хешутарборӣ ва мавқеи хизматӣ пешниҳод кардаанд» [64, с. 45].

Аломатҳои субъекти махсус дар қисми муҳими таркибҳо нишон дода шудааст, вале на дар ҳама таркибҳо. Аҳамияти нишон додани аломатҳои субъекти махсус дар таркиби мушаххаси ҷиноят, ба ақидаи А.И. Рарог, «дар таснифи дурусти ҷиноят ифода меёбад. Мавқеи ибтидоии ҳалли дурусти масъалаи таснифи дурусти ҷиноят аз он иборат аст, ки кирдори барои ҷамъияти хавфнок танҳо дар ҳамон вақт ҷиноят эътироф карда мешавад, ки дар он тамоми аломатҳои ҷиноят муқаррар карда шаванд» [115, с. 212]. Аз ин рӯ, муқаррар намудани аломатҳои субъекти махсус мисли муайян кардани аломатҳои субъекти умумӣ зарур аст.

Баъзе муаллифон тамоми маҷмӯи аломатҳои субъекти махсусро ба гурӯҳҳои муайян муттаҳид мекунанд. Масалан, дар асарҳои Л.А. Прохоров ва М.Л. Прохоров, «таснифоти зерини аломатҳои субъекти махсус вобаста ба асоси таснифот вуҷуд дорад:

а) шаҳрвандӣ;

б) синну сол;

в) ҷинс;

г) мавқеи мансабӣ;

д) иҷрои уҳдадориҳои ҳарбӣ» [83, с. 243].

Н.С. Лейкина ва Н.П. Грабовская, таснифоти зеринро пешниҳод кардаанд:

«а) мавқеи давлатӣ-ҳуқуқии шахс (шахси хориҷӣ ё шахси бешаҳрванд); б) мавқеи касбӣ;

в) мавқеи хизматӣ, сифатҳои махсуси кори иҷрошаванда;

г) хусусиятҳои демографӣ - ҷинс, синну сол, муносибатҳои оилавӣ» [185, с. 45].

Л.В. Иногомова-Хегай ва В.С. Комиссаров чунин таснифи аломатҳои субъекти махсуси ҷиноятро пешниҳод кардаанд:

а) аломатҳое, ки нақши иҷтимоӣ ва мақоми ҳуқуқии субъектро тавсиф мекунанд, аз ҷумла, шаҳрвандӣ ва ғ.;

«б) аломатҳое, ки хосиятҳои ҷисмонии субъектро тавсиф мекунанд, аз ҷумла синну сол ва ғ.;

в) аломатҳое, ки муносибати субъектро бо ҷабрдида тавсиф мекунанд. Инҳо муносибатҳои алоқаманди субъект бо ҷабрдида ва шахсони дигар (падару модар, модар, фарзандон, хешовандони дигар) мебошанд» [87, с. 215]. Таснифоти мазкурро наметавон рад кард. Зеро ки бисёр хуб ва дуруст гурӯҳбандӣ карда шудааст. Ҳамзамон, асоси гурӯҳбандӣ шуданашон низ дуруст мебошанд.

Дар баъзе сарчашмаҳо таснифи аломатҳои субъекти махсуси ҷиноят дар натиҷаи таҳлили меъёрҳои КҶ муайян карда шудааст:

– аломатҳое, ки вазъи ҳуқуқии шаҳрвандиро ифода мекунанд;

– аломатҳое, ки вазъи иҷтимоию ҳуқуқии шахсро ифода мекунанд;

– аломатҳое, ки шахсро ҳамчун субъекти дорои уҳдадориҳо ифода

мекунанд;

– аломатҳои дорои хусусиятҳои демографӣ;

– аломатҳои ифодакунандаи ҳолати ҷисмонии субъект;

– аломатҳои ифодакунандаи муносибати байни субъект ва ҷабрдида;

– аломатҳое, ки субъектро бинобар рафтори пештараи ғайриқонунии ӯ тавсиф мекунанд: шахсе, ки қаблан суд шудааст; шахси маҳкумшуда ва дигарон.

Муҳаққиқони дигар низ таснифоти мухталифро пешниҳод намудаанд. Ба андешаи Ю.В. Тарасова ҳамаи аломатҳои субъекти махсусро дар қонунгузории ҷиноятии амалкунанда, ба гурӯҳҳои зерин тақсим кардан (тасниф кардан) мумкин аст:

1. Аз рӯйи хусусиятҳои ҷисмонии субъекти махсус: ҷинс; синну сол; саломатӣ;

2. Аз рӯйи муносибати субъекти махсус: падару модар; фарзандон;

3. Аз рӯйи мавқеи хизматии шахс:

«- духтур, ҳамшираи шафқат;

- шахсе, ки вазифадор аст, далели фарзандхондиро ба сифати сирри хизматӣ ё касбӣ нигоҳ дорад (судя, шахси мансабдоре, ки бақайдгирии давлатии фарзандхондиро анҷом медиҳад);

- шахси мансабдор; шахсе, ки дар давлат вазифаи давлатиро ишғол менамояд;

- номзад ба аъзогии иттиҳодияи интихоботӣ, намояндаи ваколатдори номзад оид ба масъалаҳои молиявӣ, намояндаи ваколатдори иттиҳодияи интихоботӣ оид ба масъалаҳои молиявии иттиҳодияи интихоботӣ, блоки интихоботӣ; аъзои комиссияи интихобот, комиссияи раъйпурсӣ, намояндаи ваколатдори иттиҳодияи интихоботӣ, гурӯҳи интихобкунандагон, номзад, намояндаи номзад;

- шахсони дар ташкилоти тиҷоратӣ ё ташкилоти дигар вазифаҳои роҳбариро иҷрокунанда ва ғ.

4. Аз рӯйи шаҳрвандӣ: шаҳрванди кишвар; шаҳрванди хориҷӣ; шахси бешаҳрвандӣ;

5. Аз рӯйи иштироки шахсон дар мурофиа:

- дар рафти тафтиши пешакӣ (прокурор, муфаттиш; ҳимоятгар);

- дар рафти мурофиаи судӣ (судя, ҳакамон; шахси иштирокчии парванда ва намояндаи ӯ);

- дар тамоми марҳилаҳои мурофиа (намояндаи шахси иштироккунандаи парвандаи гражданӣ; ҳимоятгар ва ғ.;

- дар марҳилаи иҷрои ҳукм - шахсе, ки ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шудааст ва ғ.;

6. Дар робита ба хизмати ҳарбӣ:

- хизматчиёни ҳарбие, ки тибқи даъват ё тибқи шартнома дар Қувваҳои Мусаллаҳ, дигар қӯшунҳо ва воҳидҳои ҳарбӣ дар хизмати ҳарбӣ мебошанд;

- шаҳрвандоне, ки дар давраи тайёрии ҳарбӣ дар ҳайати эҳтиётӣ мебошанд (шаҳрвандоне, ки аз тайёрии ҳарбӣ мегузаранд);

- бинокорони ҳарбии отряд (қисм)-ҳои сохтмони ҳарбии Вазорати мудофиа, дигар вазорату идораҳо;

- аз рӯйи муносибати тобеият (тобеъ)» [246, с. 93-100]. Чунин таснифотро муҳаққиқ В.И. Терентйев» низ қайд намудааст [102, с. 135]. Таснифоти мазкур дар адабиёти ҳуқуқӣ яке аз калонтарин таснифот ба ҳисоб меравад, ки муҳаққиқон онро вобаста ба меъёрҳои Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ ба роҳ мондаанд. Дар баробари ин, муаллифони зиёд аломатҳои иловагии зеринро қайд мекунанд: «содир намудани ҷиноят аз ҷониби шахсе, ки қаблан ҷиноят содир кардааст; доғи судӣ ё мавҷудияти ҷазои маъмурӣ то ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан барои кирдорҳои ба ҳамин монанд, хавфнокии ҷамъиятии маҳдуд; содир намудани ҷиноят аз ҷониби ретсидивисти махсусан хавфнок» [102, с. 124-125]. Умуман, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки баъзе муҳаққиқон вобаста ба асосҳои

муайян, баъзе муҳаққиқон бе назардошти асосҳо, баъзан васеъ ва баъзан маҳдуд таснифи аломатҳои субъекти махсусро ба роҳ мондаанд.

Ҳамин тавр, аз таҳлилу баррасии масъалаи таснифи аломатҳои субъекти махсуси ҷиноят ба хулосаҳои зерин омадан мумкин аст:

1. Таҳқиқ нишон медиҳад, ки дар адабиёти ҳуқуқӣ оид ба номгӯйи дақиқи аломатҳои субъекти махсуси ҷиноят ва таснифоти он фикри мушаххас ҷой надошта, баръакс андешаҳо ва пешниҳодҳои мухталиф мавҷуданд. То кунун, таснифи умумиэътирофшудаи аломатҳои субъекти махсуси ҷиноят дар сарчашмаҳои ҳуқуқӣ мавҷуд набуда, номгӯйи дақиқу умумиэътирофшуди аломатҳои факултативии субъект аз ҷониби муҳаққиқон пешниҳод нагардидааст. Бинобар ин, дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ масъалаи мазкур ҳанӯз ҳалталаб ва баҳснок боқӣ мондааст.

2. Таҳқиқ нишон медиҳад, ки қонунгузории ҷиноятии кишвар дар Қисми умумӣ меъёрҳоро оид ба аломатҳои иловагӣ муқаррар накардааст ва таснифоти онҳо дар илми ҳуқуқи ҷиноятии мамлакат ҳанӯз таҳқиқталаб боқӣ мемонад. Бинобар сабаби васеъ будани аломатҳои иловагии субъекти махсуси ҷиноят, онҳоро дар моддаи 22-и КҶ ҶТ дохил кардан ғайриимкон мебошад, вале дар меъёр ва ё дар эзоҳи он метавон омилҳои таснифи аломатҳои субъекти махсуси ҷиноят (шаҳрвандӣ, демографӣ, мавқеи мансабӣ ва ғ.)-ро ишора кард.

3. Аломатҳои субъекти махсуси ҷиноят ниҳоят васеъ ва гуногунанд ва метавонанд бо хислатҳои гуногуни шахсият алоқаманд бошанд. Ҳамаи аломатҳои субъекти махсусро, ки дар меъёрҳои Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ пешбинӣ шудаанд, ба гурӯҳҳои зерин тасниф кардан мумкин аст:

1) аз рӯйи мақоми давлатӣ-ҳуқуқӣ: шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрванди хориҷӣ ва шахси бешаҳрванд;

2) аз рӯйи аломатҳои демографӣ: ҷинс - мард; синну сол – шахсони болиғ;

3) аз рӯйи муносибатҳои оилавӣ, хешутаборӣ: падару модар ва

шахсони ивазкунандаи онҳо, фарзандон;

4) дар робита ба уҳдадориҳои ҳарбӣ: даъватшаванда; хизматчии ҳарбӣ ва шахси ба хизмати ҳарбӣ уҳдадор;

5) аз рӯйи мавқеи хизматӣ: шахси мансабдор;

6) аз рӯйи вазифаи хизматии шахсоне, ки дар сохторҳои махсуси давлатӣ кор мекунанд: муфаттиш, прокурор, судя, корманди милитсия;

7) аз рӯйи хусусияти кори иҷрошуда: шахсе, ки ба ӯ бо сабаби хизмат ё кор маълумоти сирри давлатӣ дошта бовар карда шудааст.

Тибқи андешаи мо таснифоти аз тарафи олимон Ю.В. Тарасова, В.И. Терентйев кардашуда мувофиқ мебошем. Чунки муҳаққиқон таснифи аломатҳои субъекти махсуси ҷиноятро вобаста ба танзимёбиашон дар меъёрҳои Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ пешниҳод кардаанд.

Аз ин нуқтаи назар, таснифи аломатҳои субъекти махсуси ҷиноят дар ду навъ пешниҳод кардан мумкин аст: навъи маҳдуд ва навъи васеъ. Дар навъи маҳдуд танҳо асосҳои таснифи аломатҳои субъекти махсуси ҷиноят нишон дода мешаванд. Баръакс, дар навъи васеъ бошад, дар ҳар як асоси таснифоти аломатҳо – навъҳои субъектҳои махсуси ҷиноят нишон дода мешаванд.

4. Таҳлили мавзуъ нишон дод, ки мавҷудияти номгӯйи дақиқи аломатҳои иловагии субъекти махсуси ҷиноят ва таснифоти онҳо барои назария ва амалияи ҳуқуқи ҷиноятӣ аҳамияти калон доранд. Зеро мавҷуд набудани яке аз аломатҳои иловагӣ дар диспозитсияи моддаҳои Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ метавонад боиси ноқис гардидани таркиби ҷиноят гардида, кирдори содиршударо ҷиноят эътироф накунад ва ё бо моддаи дигар бандубаст намояд. Ҳамзамон, мавҷудияти аломатҳои иловагӣ имконият медиҳанд, ки субъекти умумии ҷиноят аз субъекти махсуси ҷиноят фарқ карда шавад. Зеро мавҷудияти аломати иловагӣ дар диспозитсияи моддаҳои Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ имконияти ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани субъектони умумии ҷиноятро маҳдуд

менамояд. Яъне, мавҷудияти аломатҳои иловагӣ имконият фароҳам меоваранд, ки барои кирдори содиршуда, на ҳама шахсон, балки танҳо доираи муайяни шахсон ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шаванд.

# БОБИ 3. ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТИИ СУБЪЕКТИ МАХСУС

## 3.1. Ҷавобгарии ҷиноятии субъекти махсус мутобиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон

Пас аз соҳиб гардидани Истиқлоли давлатӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қабули нахустин Кодекси ҷиноятии худ масъалаи ҷавобгарии субъекти махсусро муқаррар намуд. Лозим ба ёдоварист, ки қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон масъалаи ҷавобгарии субъекти махсуси ҷиноятро дар баробари дигар кишварҳои аъзои ИДМ ба таври шабеҳ танзим кардааст. Барои боз ҳам равшантар шудани масъалаи мазкур таҳлил намудани ҷавобгарии субъекти махсусро мутобиқи қонунгузории ҷиноятии кишвар ба мақсад мувофиқ меҳисобем.

**Ноболиғон ҳамчун субъекти махсуси ҷиноят.** Ҷинояткории ноболиғон барои ҷомеа падидаи ниҳоят хавфнок буда, ба рушди давлати муосир монеъ мешавад. Мутобиқи қ. 1, м. 86 КҶ ҶТ «шахсоне ноболиғ эътироф мегарданд, ки дар вақти содир намудани ҷиноят синни чордаҳсолагиро пур кардаанд вале ба синни ҳаждаҳсолагӣ нарасидаанд» [1]. Аз ҷониби ноболиғ содир намудани ҷиноят аз камбудиҳои тарбия, инкишофи ахлоқию ҳуқуқии ӯ шаҳодат медиҳад. Ҷинояти содиршуда метавонад ба сарнавишти ояндаи наврас таъсири манфӣ расонад, хусусияти муносибатҳои минбаъдаи ӯро бо қонуни ҷиноятӣ муайян кунад. Ба рафтори ҷиноятии ноболиғон раванду падидаҳои манфии иҷтимоӣ, ки дар ҷомеа ба амал меоянд, таъсири зиёд дорад ва ин шахсон нисбат ба калонсолон ба чунин омилҳо бештар дучор мешаванд. Аз ин рӯ, ҳангоми татбиқи ҷавобгарӣ нисбати ноболиғон бояд хусусиятҳои номбурда ба инобат гирифта шаванд. С.А. Маркунсов дар ин хусус дуруст қайд намудааст, ки «қонунгузор меъёрҳои ҷавобгарии ҷиноятии ноболиғонро таҳия намуда, хусусиятҳои равонии онҳо, инчунин хусусиятҳои даркнамоии онҳоро аз манъшудаҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ ба назар мегирад»

[235, с. 14-15]. Андешаи И.А. Волшин низ ҷолиби диққат аст, ки тибқи андешаи ӯ «ҳангоми қабули қарор суд дар ҳар як ҳолати мушаххас шароити зиндагии наврасро муайян карда, баҳо медиҳад: зери таъсири кӣ қарор мегиранд, оё иғвогарон ҳастанд, оё волидайн ба тарбияи фарзанд машғул мешаванд ва ғайра» [157, с. 67].

Доир ба масъалаи мавриди назар мо чунин меҳисобем, ки ҳангоми танзими меъёрҳои ҷавобгарии ҷиноятии ноболиғон қонунгузор бояд якчанд меъёр (қоида)-ҳои мушаххасро ба инобат гирад. Қоидаи асосӣ ин аст, ки ноболиғе, ки ҷиноят содир мекунад, бояд хусусияти воқеӣ ва ба ҷамъият хавфнокии кирдори содиршударо дарк карда тавонад. Танҳо дар ҳамин сурат, оид ба имконияти нисбат ба ӯ татбиқ намудани баъзе чораҳои қонунии ҷиноятӣ сухан рондан мумкин аст. Дар асоси ин шахс бояд воқеияти атрофро аз нигоҳи интиқодӣ арзёбӣ ва таҳлил карда тавонад, натиҷаҳои он амалҳоеро, ки ба анҷом мерасонад, пешгӯйӣ намояд, инчунин сатҳи даъвои худро бо меъёрҳои ҳуқуқӣ, ахлоқӣ ва дигар меъёрҳо андозагирӣ кунад. Е.Ю. Антонова дар ин хусус қайд мекунад, ки «инсон танҳо пас аз расидан ба синни муайян чунин қобилиятро пайдо мекунад» [22, с. 27-28].

Ҷавобгарии ҷиноятии ноболиғон дорои як қатор хусусиятҳои муҳим буда, аз ҷавобгарии ҷиноятии калонсолон ба кулӣ фарқ менамояд. Яке аз чунин хусусиятҳоро М.А. Тюмнева «навъҳои ҷазое донистааст, ки нисбат ба ноболиғон таъин карда мешаванд» [210, с. 78-79]. Фасли 5 КҶ ҶТ низ ба ҷавобгарии ҷиноятии ноболиғон бахшида шуда, боби 14 он хусусиятҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазодиҳии ноболиғонро муқаррар мекунад. Аз мазмуни м. 87 КҶ ҶТ бармеояд, ки аз шумораи 12 намуди ҷазо танҳо 5 намуд ба ноболиғон таъин карда мешаванд: ҷарима, маҳрум кардан аз ҳуқуқи машғул шудан бо фаъолияти муайян, корҳои ҳатмӣ, корҳои ислоҳӣ ва маҳрум сохтан аз озодӣ. Аммо дар баробари ин, ба ноболиғон навъи ҷавобгарии махсус таъйин карда мешаванд, ки он нисбат ба калонсолон

татбиқ намегарданд. Онро қ. 2, м. 86 чунин муқаррар кардааст «Баноболиғоне, ки ҷиноят содир намудаанд, мумкин аст ҷазо ё чораҳои маҷбуркунӣ дорои хусусияти тарбиявидошта таъйин карда шаванд» [1].

Яке аз хусусиятҳои ҷавобгарии ҷиноятии ноболиғон, синну соли фаро расидани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои онҳо мебошад. Мутобиқи б. 1, м. 86 КҶ ҶТ шахсоне ноболиғ эътироф мегарданд, ки дар вақти содир намудани ҷиноят синни чордаҳсолагиро пур кардаанд вале ба синни ҳаждаҳсолагӣ нарасидаанд. Ин меъёр онро ифода мекунад, ки ноболиғон танҳо барои содир намудани ҷиноятҳое ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд, ки қонунгузорӣ барои синусоли аз 14 то 18 муқаррар кардааст. Масалан, ноболиғон субъекти ҷиноятҳои ҳарбӣ, мансабӣ ва ғайра, ки синну соли дахлдорро талаб менамоянд, шуда наметавонанд. Ноболиғон танҳо барои ҳамон ҷиноятҳое ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд, қонунгузор субъекти чунин ҷиноятҳо будани ноболиғро қаблан муайян кардааст. Мутобиқи м. 23-и КҶ ҶТ ноболиғони синни 14 сола танҳо дар ду ҷиноят ба таври равшан субъекти махсус ба ҳисоб мераванд: таҷовуз ба номус (м. 138), кирдори зӯровории дорои хусусияти шаҳвонӣ (м. 139).

Масъалаи ҷавобгарии ҷиноятии ноболиғон ба таври васеъ дар таҳқиқоти «И.Г. Возжанникова, В.А. Лелеков, Е.В. Кошелева» [186, с. 8], «М.Ф. Мингалимова» [189, с. 53], «К.В. Дядюн» [168, с. 36], «Г.И.Чечел» [218, с. 183], «К.А. Волкова» [156, с. 16], «С.А. Бурлака» [151, с. 34], «И.М. Мухачева» [190, с. 118-125] ва дигарон ба назар мерасанд.

Я.Н. Ермолович меъёрҳои ҷавобгарии ҷиноятии ноболиғонро таҳлил намуда, нишон медиҳад, ки «ҷинояткори ноболиғ ҳамчун ҳолате эътироф мешавад, ки ҷавобгарии ҷиноятиро фарқ мекунад ва қайд мекунад, ки «ҷавобгарии ҷиноятии ноболиғон дорои чунин хусусиятҳо мебошад:

«1) ҳамчун ҳолати сабуккунандаи ҷазо эътироф шудани ноболиғӣ;

2) ҳангоми ба ноболиғ таъин кардани ҷазо ба ғайр аз ҳолатҳои муайяншуда, шароити зиндагӣ ва тарбияи ӯ, дараҷаи инкишофи равонӣ,

дигар хислатҳои шахсият, инчунин таъсири шахсони калонсол ба ӯ низ ба назар гирифта мешаванд;

3) мавҷуд будани заминаи махсус барои аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод кардани ноболиғон, ки ҷиноятҳои начандон вазнин ё миёна содир намудаанд, агар эътироф карда шавад, ки ислоҳи онҳо бо роҳи татбиқи чораҳои маҷбурии таъсиррасонии тарбиявӣ имконпазир аст;

4) мавҷуд будани асосҳои махсус барои аз ҷазо озод кардани ноболиғон, ки барои ҷиноятҳои начандон вазнин ё миёна бо истифодаи чораҳои маҷбурии таъсири тарбиявӣ маҳкум шудаанд;

5) мавҷуд будани асосҳои махсус барои аз ҷазо озод кардани ноболиғон, ки барои содир намудани ҷинояти дараҷаи миёна, инчунин ҷинояти вазнин бо маҳрум сохтан аз озодӣ бо ҷойгир кардан дар муассисаи махсуси таълимӣ-тарбиявии намуди пӯшида, маҳкум шудаанд;

6) мавҷуд будани қоидаҳои махсуси пеш аз мӯҳлат озод кардан аз адои ҷазо, ки нисбат ба шахсоне, ки дар синни ноболиғи ҷиноят содир намуда, ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шудаанд;

7) мавҷуд будани қоидаҳои махсуси ҳисоб кардани мӯҳлати даъво барои содир кардани ҷиноят ва иҷрои ҳукми айбдоркунии суд;

8) мавҷудияти қоидаҳои махсуси ҳисоб кардани мӯҳлатҳои баргардонидани доғи судӣ» [170, с. 91-92].

Дар натиҷаи таҳлили ҷавобгарии ҷиноятии ноболиғон ба хулосае омадан мумкин аст, ки ҷавобгарии ҷиноятии онҳо дорои хусусиятҳои зерин мебошад:

1) гунаҳгорӣ дар синни ноболиғӣ ҳамчун ҳолати сабуккунандаи ҷазо эътироф мешавад;

2) ноболиғии шахси гунаҳгор ба татбиқи навъҳои алоҳидаи ҷазо нисбат ба ӯ монеъ мешавад;

3) ноболиғии шахси гунаҳгор меъёри ниҳоии таъин кардани ҷазоро ба ӯ хеле кам мекунад;

4) ноболиғии шахси гунаҳгор ҳангоми таъини ҷазо дар намуди маҳрум кардан аз озодӣ ҷойгир кардани ӯро дар колонияи тарбиявӣ муайян мекунад;

5) ноболиғии ҷинояткор дар баъзе мавридҳо имкон медиҳад, ки ӯ аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ё ҷазо бо истифодаи чораҳои маҷбурии таъсири тарбиявӣ озод карда шавад;

6) ноболиғии ҷинояткор дар баъзе мавридҳо имкон медиҳад, ки нисбат ба ӯ чораи маҷбурии хусусияти тарбиявӣ дар шакли ҷойгир кардан дар муассисаи махсуси таълимии намуди пӯшида татбиқ карда шавад;

7) ноболиғии ҷинояткор муҳлати адои воқеии ҷазоро барои татбиқи шартан пеш аз муҳлат озод кардан аз адои ҷазо, муҳлати даъворо барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ва иҷрои ҳукми суд, инчунин муҳлатҳои бартараф кардани доғи судиро кам мекунад;

8) содир намудани ҷиноят аз ҷониби ноболиғ имконияти ба инобат гирифтани доғи судиро барои ӯ ҳангоми содир намудани ҷинояти такрорӣ ва ретсидив истисно мекунад.

**Субъекти махсус дар таркиби ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт.** Таҷрибаи тафтишотӣ ва судӣ дар тӯли тамоми мавҷудияти худ нишон медиҳад, ки масъалаи баҳодиҳии ҷиноятӣ-ҳуқуқии куштори кӯдаки навзод аз ҷониби модар то кунун ҳалли худро наёфтааст ва то имрӯз аҳамияти худро низ гум накардааст. Ҷинояти мазкур ба гурӯҳи ҷиноятҳои сабуккунанда мансуб мебошад. Дар адабиёт доир ба ин масъала қайд мегардад, ки «ба сифати ҳолати сабуккунанда ҷудо кардани куштори кӯдаки навзод аз ҷониби модар, чун қоида, ба ҳолати манфии психофизикии ӯ вобаста ба ҳомиладорӣ ва таваллуд алоқаманд мебошад. Аз ҷумла, ҳолатҳои сабуккунандаи ҷавобгарӣ эътироф мешаванд: таъсири раванди таваллуд, таъсири тачрибаи сахти марбут ба таваллуд, маъюбшавии кӯдак, вазъияти махсусан вазнин дар ҳаёти шахсӣ, тарс аз ошкор шудани таваллуди кӯдак ва ғ» [97, с. 43, 45]. Дар тафсири КҶ ҶТ ҳолатҳои вазнини зан ба таври зерин

қайд гардидааст: «бе никоҳ таваллуд кардан, ҳаросонӣ аз тақдири минбаъдаи кӯдак, ҳомиладорӣ дар натиҷаи таҷовуз ба номус, барҳам хӯрдани оила ва мушкилоти молиявӣ низ таъсири ҷиддӣ расонида метавонанд» [100, с. 239]. Сабукӣ дар ин ҳолат дар мавҷудияти яке аз ҳолатҳои сабуккунанда - шароити ҳолати осеб ё ҳолати вайроншавии равонӣ мебошад. Агар зарурати мавҷудияти ҷавобгарӣ барои ин навъи ҷиноят бешубҳа ҷой дошта бошад, пас дар байни олимону ҳуқуқшиносон оид ба масъалаи ба таркиби ҷинояти имтиёзнок дохил намудани ин гуна амалҳо андешаҳои гуногун ва мавқеъҳои норавшан мавҷуд мебошанд.

Бояд тазаккур дод, ки ҳаёти кӯдак дар кишвар ҳамчун арзиши мустақили иҷтимоӣ ва ё бавосита, вобаста ба ҳифзи ҳаёт ва саломатии зани ҳомиладор мавриди ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ қарор дода мешавад. Ин аст, ки дар м. 105-и КҶ ҶТ кӯдаки навзоди худро куштани модар ҷиноят ҳисобида шуда, барои он ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ гардидааст. В.М. Алиева дар хусуси ҷавобгарии модар барои куштори кӯдаки навзоди худ бар он назар аст, ки «модаре, ки бо ангезаи номус дарҳол баъди таваллуди кӯдаки навзод боиси марги он шудааст, бо маҳрум сохтан аз озодӣ ҷазо дода мешавад. Чунин ҷазо нисбат ба модаре низ татбиқ мешавад, ки дарҳол пас аз итминон пайдо карданаш, ки ин иллат табобатнашаванда аст, аз рӯйи раҳму шафқат тифли навзоди маъюбро ба марг расонидааст. Ҳар шахсе, ки дар ин ҷиноят қасдан бо мақсади фоида иштирок мекунад, бо маҳрум сохтан аз озодӣ ҷазо дода мешавад» [133, с. 29-31].

Баъзе олимон бар ин назаранд, ки «ин навъи ҷиноят, ҳатман, дар доираи ҳолатҳои сабуккунанда баррасӣ карда мешавад, зеро зан ҳангоми таваллуди кӯдак кирдорҳои худро дарк карда, назорати комил бурда наметавонад, махсусан ба он хотир, ки оқибатҳои равонии ӯ метавонад ба муддати дароз пеш ва баъд аз таваллуд идома ёбанд» [29, с. 88]. Дигарон, махсусан, «А.В. Чернов ва С.В. Габеев чунин мешуморанд, ки куштори кӯдаки навзод аз тарафи модар набояд ҳамчун ҷинояти имтиёзнок эътироф карда шавад, зеро ҳаёти инсон на аз лаҳзаи таваллуди кӯдак, балки аз

лаҳзаи дар батни модар будани ӯ аз тарафи қонун ҳифз карда мешавад» [29, с. 88].

Бояд тазаккур дод, ки ҳолати психологии зани таваллудкунанда зери таваҷҷуҳи махсуси қонунгузор мебошад, вале бинобар сабаби бевосита ба лаҳзаи содир шудани ҷиноят алоқаманд набудани он, дар ин боб номуайянӣ ва нофаҳмиҳо ҷой дорад. Чунин номуайянии ҳуқуқӣ як қатор фикру ақидаҳои субъективиро ба вуҷуд оварда, дар натиҷа амалияи судиро дучори муаммоҳо мегардонад. Дар ин хусус, ҳақ бар ҷониби И.А. Савенко мебошад, ки ба ақидаи ӯ «дар қонуни ҷиноятӣ мавҷуд набудани мафҳумҳо аз қабили «навзод», «модари биологӣ», «ҳолати равонӣ» сабаби ба вуҷуд омадани як қатор хатогиҳо дар бандубасти ҷиноят ва дар натиҷа номувофиқатии меъёрҳои ҷиноятӣ ба натиҷаҳои амалияи тафтишотӣ ва судӣ мегардад» [89, с. 83]. Аз сабаби он ки мафҳумҳои мазкур ба бандубасти ҷиноят робита доранд, мавҷудияти онҳоро дар қонунгузории ҷиноятии кишвар зарур мешуморем.

Ҳамин тариқ, дар миёни масъалаҳои муаммодоре, ки дар рафти амалияи татбиқи ҳуқуқ ва ба таври асоснок ва якҷониба қабул кардани қарори якдилона оид ба бандубасти дурусти амалҳо дар хусуси моддаи мазкур монеъ мешаванд, иборат аз инҳо аст: мафҳумҳои «ҳолати равонӣ»; «навзод»; «модари биологӣ», муносибати модар бо давраи навзодии кӯдак, даврае, ки кӯдак навзод ҳисобида мешавад; инчунин тарафи субъективии ҷиноят, субъекти ҷиноят ва ғайраҳо. Пешниҳод менамоем, ки дар бахши мафҳумҳои асосӣ ва ё эзоҳи моддаи 105 КҶ ҶТ мафҳуми мазкур дода шаванд.

### Субъекти махсус дар таркиби ҷиноятҳо ба муқобили саломатӣ

Саломатӣ ҳамчун неъмати баландарзиши инсон аз ҷониби қонунгузории ҷиноятӣ мавриди ҳифз қарор дода мешавад. Барои ҳифзи саломатии инсон қонунгузории ҷиноятӣ дар боби 16 – ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ва саломатӣ аз м. м. 110 то 129 намудҳои алоҳидаи

ҷиноятҳоро ба муқобили саломатӣ муқаррар кардааст. Дар миёни ҷиноятҳои мазкур як қатор ҷиноятҳои дорои субъекти махсус ба назар мерасанд. Аз ҷумла, «вайрон кардани қоидаҳои ҷарроҳии трансплантатсия (пайвандсозӣ) (м. 121), исқоти ғайриқонунии ҳамл (аборт) (м. 123), сироят кардан бо касалии зуҳравӣ (м. 126), ёрӣ нарасонидан ба бемор (м. 128), аз ҷониби корманди тиб номатлуб иҷро гардидани вазифаи касбӣ» (м. 129) [1].

Барои содир кардани ҷиноятҳои номбурда қонунгузории ҷиноятӣ ҷавобгарии мухталиф пешбинӣ кардааст. Масалан, мутобиқи қ. 1, м. 123 «исқоти ғайриқонунии ҳамл, ки аз ҷониби шахси дорои маълумоти олии тиббии риштаи дахлдор содир карда шудааст бо ҷарима ба андозаи аз дусад то панҷсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба муҳлати то се сол ҷазо дода мешавад» [1]. Меъёри мазкур субъекти махсусро пешбинӣ мекунад. Субъекти ҷинояти дар ин қисм пешбинишуда, шахси дорои маълумоти олии тиббии риштаи дахлдор шуда метавонад. Дигар шахсоне, ки маълумоти олӣ доранд «бо ин қисми модда гунаҳгор дониста намешаванд» [100, с. 262]. Дар андешаи мазкур иловатан қайд менамоем, ки маълумоти олӣ бояд дақиқ бошад. Яъне, субъект бояд дорои маълумоти олии тиббии риштаи дахлдор бошад.

Дар хусуси ҷиноятҳои тиббӣ, ки аз ҷониби кормандони соҳаи тиб содир карда мешаванд, дар адабиёти ҳуқуқӣ қайд мешавад, ки ҳамчун объекти ҷиноятҳое, ки қонуни ҷиноятӣ пешбинӣ кардааст, ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандон ба ҳифзи ҳаёт ва саломатӣ, гирифтани ёрии тахассусии тиббӣ ва хизматрасонии тиббӣ баррасӣ мешавад. Мавқеи муаллифро оид ба мушкилоти ҷавобгарии ҷиноятии кормандони соҳаи тиб барои ҷиноятҳое, ки ҳангоми иҷрои вазифаҳои касбиашон содир карда мешаванд, як қатор олимон баён кардаанд. Масалан, «Н.В. Павлова» [242, с. 7], «Е.В. Червонних» [250, с. 13-14]. Ба андешаи мо, дар ин масъала қисми саломатии равонӣ баҳсталаб боқӣ мемонад. Зеро дар қонуни ҷиноятӣ ин

масъала возеҳу равшан баён нашудааст. Масалан, фаъолияти равонпизишк ва равондармон ва ё равоншинос, ки боиси бад шудани ҳолати равонии шахс, гирифтори мушкилот ва ё бемориҳои психологӣ намудани ӯ ва монанди инҳо. Дар ҷумҳурӣ ба ин масъала «Ф.А. Бобохонов» [26; 149] таваҷҷуҳи бештар зоҳир намуда, дар якчанд таҳқиқоти худ масъалаи мазкурро ишора намудааст. Бинобар ин, ба ақидаи мо, мафҳуми корманди тиб аз нигоҳи ҳуқуқӣ бояд дақиқу равшан бошад. Зеро кадом корманди тиб (аз ҷумла, тибқи м. 129 КҶ ҶТ) ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, аз ҳамин масъала вобаста мебошад. Бо ин назардошт, пешниҳод менамоем, ки дар моддаи алоҳида ва ё дар бахши мафҳумҳои асосии КҶ ҶТ ҳолатҳои саломатии равонӣ низ муқаррар карда шаванд.

**Субъекти махсус дар таркиби ҷиноятҳо ба муқобили озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ.** Бояд тазаккур дод, ки асоси гурӯҳи ҷиноятҳои мазкурро озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ ташкил медиҳанд. Аслан озодии ҷинсӣ аз дахлнопазирии ҷинсӣ фарқ дорад. Моҳияти озодии ҷинсӣ ин дар алоқаи ҷинсӣ бо розигии тараф мебошад. Яъне дар он розигии тарафҳо ҳатман бояд бошад. Дахлнопазирии ҷинсӣ маънои онро дорад, ки «дар ҳар ҳолат, новобаста аз розигии ҷинси зан, ба амал баровардани алоқаи ҷинсӣ манъ аст (мисол, нисбат ба духтароне, ки ба синни 16-солагӣ нарасиданд)» [100, с. 286]. Таҷовуз ба номус яке аз ҷиноятҳои вазнин ва маъмули ҷинсӣ мебошад, ки дар ҳаёти инсон таъсири доимӣ мегузорад.

Яке аз вазифаҳои афзалиятноки ҳар як давлат ҳифзи занону духтарон аз ҳама гуна истисмори ҷинсӣ ва зӯроварии ҷинсӣ мебошад. Тавре ки дар адабиёти илмӣ зикр шудааст, чунин амалҳо боиси нигаронии ҷиддии ҷомеа гардида, дар меъёрҳои қонунгузории ҷиноятии тамоми кишварҳои ҷаҳон манъ карда шудаанд. Гузашта аз ин, сиёсати ҳуқуқи ҷиноятии аксари давлатҳо ба пурзӯр кардани ҷазо барои ҷиноятҳои шаҳвонӣ, нигаронида шудааст [138, с. 866]. Ин аст, ки қонунгузории ҷиноятӣ ба масъалаи мазкур боби алоҳида, яъне боби 18 – (ҷиноятҳо ба муқобили озодии ҷинсӣ ва

дахлнопазирии ҷинсӣ)-ро ҷудо намудааст. Дар он барои содир намудани намудҳои алоҳидаи ҷиноятҳои ҷинсӣ ҷавобгарӣ муқаррар кардааст. Дар боби мазкур чунин ҷиноятҳои дорои субъекти махсус пешбинӣ гардидааст: таҷовуз ба номус (м. 138) ва ғ.

Яке аз масъалаҳои муҳим доир ба ҷавобгарии ҷиноятӣ оид ба ҷиноятҳои ҷинсӣ ин содир кардани кирдорҳои мазкур дар муҳити оила ба ҳисоб меравад. Зарурати ҷиноят донистани муносибатҳои ҷинсии хешутабории байни калонсолон ва муқаррар намудани ҷавобгарии вазнин барои муносибатҳои ҷинсии хешутаборӣ аз ҷониби муаллифон, аз қабили «А.П. Дяченко ва Е.И. Симбал» [166, с. 18] борҳо баён шудааст. М.В. Гусарова ин мавқеъро дастгирӣ намуда, илова менамояд, ки мо зарур мешуморем, ки «пеш аз ҳама, дар меъёрҳои қонунгузории кишвар вазнин кардани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои муносибатҳои ҷинсии хешутаборӣ, аз ҷумла, бо иштироки ноболиғ пешбинӣ карда шавад» [163, с. 160-167]. Мо бояд ба андешаи А.П. Дяченко ва Е.И. Симбал розӣ шавем, ки ба сифати чораҳои махсуси пешгирии ҷиноятҳои шаҳвонӣ чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ нисбат ба шахсони дорои мукаллафии маҳдуд (ёрии равонпизишкӣ), инчунин таъини дарозмуддати доруҳои зиддиандрогенӣ ба педофилҳо бо мониторинги сатҳи гормонҳои ҷинсии мардона дар хун (кастратсияи химиявӣ) ба мақсад мувофиқ мешуморад.

Баъд аз таҳлили масъалаи баррасишаванда ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки амалҳои ҷинсӣ боиси нигаронии ҷиддии ҷомеа гардида, бо меъёрҳои қонунгузории ҷиноятии тамоми кишварҳои ҷаҳон манъ карда шудааст. Қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон низ масъалаи мазкурро ба таври зарурӣ танзим намуда, бо таҳдиди татбиқи ҷазо онро маҳкум менамояд. Хусусияти ҷиноятҳои ҷинсӣ дар он аст, ки субъекти махсус вобаста ба аломати ҷинс муайян карда мешавад. Яъне, аз ҷониби мард содир мегардад.

**Субъекти махсус дар таркиби ҷиноятҳои мансабӣ.** Дар қонунгузории ҷиноятии ҶТ дар байни субъектҳои ҷиноятҳои хизматӣ шахси мансабдор мавқеи махсусро ишғол намуда, ҳамчун субъекти махсус баромад мекунад. Дар КҶ ҶТ вобаста ба масъалаи мазкур бобҳои дахлдор ҷудо карда шудааст. Аз ҷумла, боби 30 - ҷиноятҳо ба муқобили ҳокимияти давлатӣ ва манфиатҳои хизмати давлатӣ, ки м. 314 то м. 327-ро фаро мегирад; боби 31 - ҷиноятҳо ба муқобили тартиби идоракунӣ, ки м. 328 то м. 344-ро дар бар мегирад. Дар бобҳои мазкур шумораи зиёди ҷиноятҳои мансабӣ муқаррар шудааст. Аз ҷумла, сӯиистифода аз ваколатҳои мансабӣ (м. 314), беамалӣ дар иҷрои вазифа (м. 315), баромадан аз ҳадди ваколатҳои мансабӣ (м. 316), гирифтани пора (м. 319), хунукназарӣ (м. 322), сохтакории хизматӣ (м. 323) ва ғ. [1].

Яке аз масъалаҳои муҳим ва баҳсбарангез дар ҷиноятҳои мансабӣ ин муайян кардани мафҳуми шахси мансабдор ба ҳисоб меравад. Дар ин хусус дар адабиёт андешаҳои мухталиф ҷой дорад. Масалан, А.В. Барков «зимни эътирофи универсалии меъёрҳои муайян кардани мафҳуми «шахси мансабдор», шаш категорияи шахсони мансабдорро муайян мекунад: намояндаи ҳокимият; шахсе, ки вазифаҳои ташкилӣ-тартиботӣ, маъмурӣ-хоҷагиро иҷро мекунад; шахсе, ки барои анҷом додани амалҳои аз ҷиҳати ҳуқуқӣ аҳамиятнок ваколатдор шудааст; мансабдори давлати хориҷӣ ё ташкилоти байналмилалӣ» [144, с. 91]. Андешаи мазкур вобаста ба самт гурӯҳбандӣ шуда, самтҳои содиршавиии ҷиноятҳои мансабиро нишон медиҳад. Аммо, моҳияти шахси мансабдорро дақиқ намекушояд. Дар ин хусус, бояд ба андешаи Ю.И. Феркалюк розӣ шавем, ки «мафҳуми «мансабдор»-ро на танҳо яке аз асосҳои низоми ҷиноятҳои зидди ҳокимияти давлатӣ, манфиатҳои хизмати давлатӣ ва хизмат дар мақомотҳои худидоракунии маҳаллӣ, балки дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ дар умум мешуморад» [211, с. 13-14]. Умуман, аз таҳлили андешаҳои боло бармеояд, ки шахси мансабдор шахсе мебошад, ки дар мансаби

муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ҳамчун хизматчии давлатӣ ба фаъолияти хизматии давлатӣ машғул мебошад.

Мафҳуми шахси мансабдор дар эзоҳи м. 314 КҶ ҶТ чунин муқаррар шудааст: «таҳти мафҳуми шахси мансабдор дар Кодекси мазкур шахси таъйин ё интихобшуда фаҳмида мешавад, ки ба таври доимӣ, муваққатӣ ё бо ваколати махсус вазифаи намояндаи ҳокимияти давлатиро амалӣ менамояд, яъне бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои ваколатҳои амрдиҳӣ нисбат ба шахсоне мебошад, ки дар тобеияти хизматии ӯ қарор надоранд, инчунин шахсе, ки вазифаҳои ташкилию амрдиҳӣ, маъмурию хоҷагидориро дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ, муассисаҳои давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ҳамчунин дар субъектҳои хоҷагидори давлатӣ ва дигар субъектҳои хоҷагидоре, ки дар онҳо ҳиссаи давлат на кам аз нисфро ташкил медиҳад, ба таври музднок ё бемузд иҷро менамояд ва шахсони ба онҳо баробаркардашуда» [1].

Аз ҷониби судҳои ҷумҳурӣ дар соли 2017 «дар умум 869 адад парвандаҳо оид ба ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта нисбати 1089 нафар баррасӣ гардидаанд, ки 639 адади он нисбати 821 нафар бо баровардани ҳукми айбдоркунӣ, 200 адад нисбати 235 нафар бо қатъ кардани пешбурди парванда, 3 адад нисбати 4 нафар ба тафтиши иловагӣ баргардонида ва 27 адад нисбати 28 нафар ба тобеияти дигар суд ирсол шудааст. Нисбати 8 нафар кирдори судшавандаҳо бо дигар моддаҳо аз нав бандубаст карда шудааст» [216, с. 64]. Дар соли 2018 бошад «судҳои ҷумҳурӣ 892 адад парвандаҳоро оид ба ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта нисбати 1116 нафар баррасӣ намудаанд, ки назар ба соли 2017 мутаносибан 23 парванда ва 27 нафар зиёд мебошад» [216, с. 65]. Дар соли 2021 бошад «аз ҷониби судҳои ҷумҳурӣ 326 парванда дар 483 ҷилд баррасӣ гардидаанд» [217, с. 5]. Нишондоди мазкур дар муқоиса бо соли 2018 зиёд будани 326 парвандаро ташкил медиҳад.

Ҳамзамон, «зимни гузаронидани таҳлилҳои ҷамъбастӣ бо як қатор парвандаҳо ҳолатҳои нодуруст татбиқ шудани қонуни ҷиноятӣ ва мурофиаи ҷиноятӣ, яктарафагии тафтиши пешакӣ ва мурофиаи судӣ, риоя нашудани талаботи қонун дар вақти таҳияи санадҳои тафтишотиву судӣ ва протоколҳои маҷлиси судӣ, дар муҳлати муқарраргардида иҷро нагардидани қарорҳои қабулкардаи судӣ муайян карда шуданд» [216, с. 68]. Масалан, «бо ҳукми суди ноҳияи Ф. аз 12 январи соли 2021 ба Ш.С.Ф. ва Қ.М.Ҳ. бо м. 314 қ. 1 КҶ ҶТ ҷазои ҷарима ба андозаи 300 нишондиҳанда барои ҳисобҳо баробар ба 17,400 сомонӣ ба фоидаи давлат бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳо дар хизмати давлатӣ ва масъулияти моливу пулӣ дошта ба муҳлати як сол таъин карда шудааст. Санксияи қ. 1, м. 314 КҶ ҶТ (то тағйиру иловаҳо аз 7-уми августи соли 2020) ҷазоҳои алтернативиро дар намуди ҷарима ба андозаи аз дусаду панҷоҳ то сесаду шасту панҷ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба муҳлати то панҷ сол ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то ду солро пешбинӣ менамуд. Дар қонуни мазкур ҷазои маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба муҳлати то панҷ сол ҳамчун ҷазои асосӣ пешбинӣ шуда, суди марҳилаи якум ҳангоми бо ин модда таъйин намудани ҷазо талаботи қонунро мадди назар намуда, бо як ҷиноят нисбати судшавандагон Ш.С.Ф. ва Қ.М.Ҳ. дар як вақт ду ҷазои асосиро таъйин намудааст, ки ин ҳолат ҳамчун нодуруст татбиқ карда шудани қонуни ҷиноятӣ мебошад» [217, с. 23-24].

Ё ин ки «дар парвандаи ҷиноятӣ нисбати Ш.Ш.К бо м. 316 қ. 1 КҶ ҶТ низ нусхаи фикри айбдорӣ ба айбдоршаванда супорида шуда, вале дар дастхат санаи он нишон дода нашудааст. Бо ҳукми суди ноҳияи С. аз 5 майи соли 2021 нисбати Ш.Ш.К. ҷазои ҷарима ба андозаи 250 нишондиҳанда барои ҳисобҳо баробар ба 14500 сомонӣ ба фоидаи давлат таъин гардида, бо мактуб аз 22 июли соли 2021 барои иҷро ба Иҷрочиёни Хадамоти иҷро

дар ноҳияи Р. ирсол шудааст, вале оид ба иҷрои ҳукм дар маводи парванда далел ҷой надорад» [217, с. 11].

Зимни таҳқиқи ҳаматарафаи масъалаи мазкур ба чунин хулоса омадан мумкин аст:

1. Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз соҳиб гардидан ба Истиқлолияти давлатӣ бо қабули нахустин Кодекси ҷиноятии худ масъалаи ҷавобгарии субъекти махсусро муқаррар намуд. Лозим ба ёдоварист, ки қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон масъалаи ҷавобгарии субъекти махсуси ҷиноятро дар баробари дигар кишварҳои аъзои ИДМ ба таври шабеҳ танзим кардааст. Барои боз ҳам равшантар шудани масъалаи мазкур таҳлил намудани ҷавобгарии субъекти махсусро дар баъзе аз гурӯҳҳои ҷиноятҳо мутобиқи қонунгузории ҷиноятии кишвар ба мақсад мувофиқ меҳисобем.

2. Дар натиҷаи таҳлили ҷавобгарии ҷиноятии ноболиғон ба хулосае омадан мумкин аст, ки ҷавобгарии ҷиноятии онҳо дорои хусусиятҳои зерин мебошад: 1) гунаҳгорӣ дар синни ноболиғӣ ҳамчун ҳолати сабуккунандаи ҷазо эътироф мешавад; 2) ноболиғии шахси гунаҳгкор ба татбиқи навъҳои алоҳидаи ҷазо нисбат ба ӯ монеъ мешавад; 3) ноболиғии шахси гунаҳгор меъёри ниҳоии таъйин кардани ҷазоро ба ӯ хеле кам мекунад; 4) ноболиғии шахси гунаҳкор ҳангоми таъйини ҷазо дар намуди маҳрум кардан аз озодӣ ҷойгир кардани ӯро дар колонияи тарбиявӣ муайян мекунад; 5) ноболиғии ҷинояткор дар баъзе мавридҳо имкон медиҳад, ки ӯ аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ё ҷазо бо истифодаи чораҳои маҷбурии таъсири тарбиявӣ озод карда шавад; 6) ноболиғии ҷинояткор дар баъзе мавридҳо имкон медиҳад, ки нисбат ба ӯ чораи маҷбурии таъсири тарбиявӣ дар шакли ҷойгир кардан дар муассисаи махсуси таълимии намуди пӯшида татбиқ карда шавад; 7) ноболиғии ҷинояткор муҳлати адои воқеии ҷазоро барои татбиқи шартан пеш аз муҳлат озод кардан аз адои ҷазо, муҳлати даъворо барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ва иҷрои ҳукми суд, инчунин муҳлатҳои бартараф кардани доғи судиро кам мекунад; 8) содир намудани ҷиноят аз

ҷониби нобалиғ имконияти ба инобат гирифтани доғи судиро барои ӯ ҳангоми содир намудани ҷинояти такрорӣ истисно мекунад.

3. Қонунгузории ҷиноятӣ субъекти махсусро дар ҷиноятҳо ба муқобили саломатӣ танзим намуда, барои содир кардани онҳо ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар кардааст. Маврид ба зикр аст, ки кормандони соҳаи тиб (дорусозӣ) инчунин метавонанд ҳамчун субъекти махсуси ҷиноятҳо дар ҳолатҳое баромад кунанд, ки дар диспозитсияи модда доираи фаъолияташ муайян нашуда, танҳо субъекти дорои аломатҳои махсус, ки ба фаъолияти касбӣ, ваколатҳои мавҷуда ва ғайра машғуланд. Барои ҳар як ҷиноят муайян кардани доираи фаъолият, вазъи ҳуқуқии шахс ва бевосита он дастурҳоеро, ки риоя нашудаанд, талаб карда мешавад.

4. Зимни таҳлили моддаи 105-и КҶ ҶТ оид ба куштори кӯдаки навзод аз ҷониби модар, ки субъекти махсус ба ҳисоб меравад ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки саволҳо дар бораи дурустии мавҷудияти ин меъёри имтиёзнок дар низоми ҷиноятҳои зидди ҳаёт ба миён меоянд. Дар байни масъалаҳои муаммодоре, ки дар рафти амалияи татбиқи ҳуқуқ ва ба таври асоснок ва якҷониба қабул кардани қарори якдилона оид ба салоҳияти дурусти амалҳо дар хусуси моддаи мазкур монеъ мешаванд, аз инҳо иборат мебошанд: таърифи мафҳумҳои «навзод», «модари биологӣ», «ҳолати равонӣ»; даврае, ки дар он кӯдак навзод ҳисобида мешавад; давомнокии вазъияти психотравматикӣ, муносибати модар бо давраи навзодии кӯдак; тарафи субъективии ҷиноят; лаҳзаи пайдоиши бемории рӯҳӣ; субъекти ҷиноят ва ғайра.

5. Тибқи андешаи мо дар қонуни ҷиноятӣ фаъолияти равонпизишк ва равондармон ва ё равоншинос, ки боиси бад шудани ҳолати равонии шахс, гирифтори мушкилот ва ё бемориҳои психологӣ намудани ӯ ва монанди инҳо мегардад, муқаррар нашудааст. Бинобар ин, ба ақидаи мо, мафҳуми корманди тиб аз нигоҳи ҳуқуқӣ бояд дақиқу равшан бошад. Зеро кадом корманди тиб (аз ҷумла, тибқи м. 129 КҶ ҶТ) ба ҷавобгарӣ ҷиноятӣ

кашида мешавад, аз ҳамин масъала вобаста мебошад. Бо ин назардошт, пешниҳод менамоем, ки дар моддаи алоҳида ва ё дар бахши мафҳумҳои асосии КҶ ҶТ ҳолатҳои саломатии равонӣ низ муқаррар карда шаванд.

6. Дар натиҷаи таҳлили масъалаи мазкур ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки амалҳои ҷинсӣ боиси нигаронии ҷиддии ҷомеа гардида, бо меъёрҳои қонунгузории ҷиноятии тамоми кишварҳои ҷаҳон манъ карда шудааст. Қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон низ масъалаи мазкурро ба таври зарурӣ танзим намуда, бо таҳдиди татбиқи ҷазо онро маҳкум менамояд.

7. Ҳалли масъалаҳои ҷавобгарии ҷиноятии шахсони мансабдор бояд ба эътирофи далели раднопазири он асос ёбад, ки дар ҷомеа низоми ягонаи идоракунии равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар шакли субъектҳои иборат аз шахсони мансабдори ташкилоти давлатӣ ва ғайридавлатӣ, ки шаклҳои гуногуни ташкилию ҳуқуқӣ доранд, ба вуҷуд омадааст.

Хулоса, дар чунин низом хусусияти ягонаи ҳуқуқии ба вуҷуд омадани ваколатҳо ва масъулият дар назди ҷамъият, ки ба принсипҳои оқилонаи конститутсионӣ асос ёфтааст, вуҷуд дорад. Ҷиноятҳои мансабӣ аз дигар ҷиноятҳо бо асосҳои зерин фарқ мекунанд: 1) онҳо метавонанд бинобар мавқеи хизматии ҷинояткор содир карда шаванд; 2) метавонад бар хилофи манфиатҳои хизматӣ содир шавад; 3) ба кори муътадили дастгоҳи давлат (ҷамъият)-ӣ зарари калон расонад ё ба он хавфи воқеӣ расонад.

## 3.2. Ҷавобгарӣ барои шарикӣ дар ҷиноятҳои дорои субъекти махсус

Таваҷҷуҳ ба институти шарикӣ, пеш аз ҳама, дар он аст, ки таълимот дар бораи субъекти махсус аз проблемаи шарикии шахсон дар ҷиноятҳо бо субъекти махсус инкишоф меёбад. Маврид ба зикр аст, ки таҳқиқи масъалаи субъекти махсус дар ҷиноятҳои шарикӣ бе назардошти таҳлили меъёрии ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ дар доираи танҳо як назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ғайриимкон мебошад. Ҳамзамон, барои таҳқиқи самарабахши субъекти

махсус дар ҷиноятҳои шарикӣ мушаххасан ишора намудан аз мафҳум ва муҳтавои шарикӣ дар ҷиноят ва шарикони онҳо мувофиқи мақсад мебошад.

Муқаррар кардани нақши ҳар як шарик дар ҷиноятҳои шарикӣ яке аз омилҳои муҳимтарини дигари таъйини ҷазо мебошад, яъне хусусият ва дараҷаи воқеии иштироки онҳо дар вақти якҷоя содир намудани ҷиноят мебошад. Бояд зикр кард, ки «ҳиссаи шарикон дар ҷиноят баробар нест» [221, с. 164]. Дар адабиёти ҳуқуқӣ [18; 20; 23; 31; 38; 68] мафҳуми шарикӣ дар ҷиноят ба назар мерасад, вале он қариб дар ҳама сарчашмаҳо як моҳиятро ифода мекунад. Сабаб дар он аст, ки аксари муҳаққиқон ба мафҳуми муқаррарнамудаи қонунгузории ҷиноятӣ такя мекунанд. Мутобиқи м. 35 КҶ ҶТ «иштироки якҷояи қасдонаи ду ё зиёда ашхос дар содир намудани ҷинояти қасдона шарикӣ дар ҷиноят эътироф мешавад» [1]. Мо низ ба мафҳуми муқаррарнамудаи қонунгузории ҷиноятӣ мувофиқ мебошем. Дар м. 36 КҶ ҶТ «шарикони ҷиноят муқаррар гардида, моҳияти вазифаҳои онҳо нишон дода шудааст» [1]. Тавре аз меъёри муқаррарнамудаи қонунгузорӣ бармеояд, он моҳияти нақшҳои ҳар як шарқиро равшан кардааст, вале дар меъёри мазкур ҳеҷ ишора ба субъекти махсуси ҷиноят нашудааст. Чунин ишора дар қ. 4, м. 37 КҶ ҶТ муқаррар шудааст. Аз ҷумла, «шахсе, ки субъекти ҷинояти дар моддаи Қисми махсуси ҳамин Кодекс махсус зикргардида набуда, дар содир намудани ҷинояти пешбининамудаи ҳамин модда иштирок кардааст, барои ин ҷиноят метавонад, танҳо, ба сифати ташкилкунанда, таҳриккунанда ё ёрдамчӣ ба ҷавобгарӣ кашида шавад» [1]. Чунин меъёр айнан дар қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Арманистон, Гурҷистон, Қазоқистон, Туркманистон низ муқаррар шудааст. Дар қонунгузории ҷиноятии як қатор кишварҳо меъёри ҳуқуқӣ оид ба ҷавобгарии субъекти махсус дар ҷиноятҳои шарикӣ пурра ба назар намерасад. Аз ҷумла, Кодексҳои ҷиноятии Фаронса, Ҷопон, Чин, Корея. Мавҷуд набудани муқаррароти умумӣ оид ба ҷавобгарӣ барои шарикӣ дар

ҷиноят бо субъекти махсус, вале бо ишораҳои дахлдор нисбат ба ҷиноятҳои алоҳида дар қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Беларус ва Ҷумҳурии Қирғизистон ва танзими қонунгузории имконияти ба шарикони дигар паҳн кардани аломатҳои инфиродии субъекти ҷиноят дар қонунгузории ҷиноятии Олмон, Туркия, Полша, Булғория ва Исроил ба назар мерасанд.

Новобаста аз муқаррароти қонунгузорӣ масъалаи ҷавобгарии ҷиноятии шарикони ҷиноят бо субъекти махсус дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ба таври васеъ таҳқиқ гардида, андешаҳои мухталиф дар ин хусус ҷой доранд. Бояд ба инобат гирифт, ки баҳсҳо дар бораи эҳтимолияти шарикии шахсон дар ҷинояти дорои субъекти махсус дар асри XIX оғоз ёфтаанд. Баъзе муаллифон (Н.С. Тагансев, М.Н. Меркушев, В.И. Ткаченко ва А.М. Сарегородсев) чунин мешуморанд, ки шарикии шахси алоҳида дар ҷинояти дорои субъекти махсус ғайриимкон мебошад. Дар адабиёти ҳуқуқӣ консепсияҳо, баҳсҳо ва мавқеъҳои мухталиф оид ба масъалаҳои муайяни институти шарикӣ мавҷуд мебошанд. Масъалаи мазкур то ҳол яке аз масъалаҳои пурмуаммо мебошад. Масъалаҳои ҷавобгарӣ барои шарикӣ дар ҷиноятҳои дорои субъекти махсус барои назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва амалияи татбиқи он хеле муҳиманд.

Ба андешаи мо, баҳснокии нақши субъекти махсус дар ҷиноятҳои шарикӣ дар якчанд маъалаҳо ифода мегардад, аз ҷумла, масъалаи ҷавобгарии ҷинояти субъекти махсус ба ҳайси кадом шарики ҷиноят амалӣ карда мешавад? Оё шарики ҷиноят будани субъекти махсус ҳолати вазнинкунанда ба ҳисоб меравад? Асосан, субъекти махсус дар ҷиноятҳои шарикӣ ба сифати кадом шарик (иҷрокунанда, ташкилкунанда, таҳриккунанда ва ёрдамчӣ) метавонад ҷиноят содир намояд? Саволҳои мазкур масъалаи субъекти махсусро дар ҷиноятҳои шарикӣ баҳснок намуданд.

Шарикӣ дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун шакли махсуси содир кардани ҷиноят, ки бо дараҷаи баланди хавфи ҷамъиятӣ тавсиф мешавад ва дар

чунин ҳолатҳо на бо қувваҳои оддии якчанд унсурҳои ҷиноятӣ, балки маҷмӯи рафторе, ки ба фаъолияти онҳо сифати нав мебахшад ба ҳисоб меравад. Тавре ки дар адабиёт қайд мегардад, «дар баъзе мавридҳо шарикӣ имкон медиҳад ҷиноятҳое содир карда шаванд, ки, агар ҳар яке аз шарикон дар танҳои амал мекарданд, содир кардани ҷиноят имкон надошт. Кирдорҳои аз ҷиҳати ҷамъиятӣ хавфнок, ки бо шарикӣ содир карда мешаванд, аксар вақт бо созиши пешакии байни шарикон ба амал меоянд. Ҷиноятҳои қасдона, чун қоида, боиси оқибатҳои вазнинтар гардида, дар ошкор кардани он душвориҳо ба миён меоянд» [134, с. 95]. Оид ба масъалаи мазкур зикр намудан бамаврид мебошад, ки проблемаҳои бандубасти ҷиноятҳои дорои субъекти махсус аксаран дар робита ба баҳодиҳии ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ба ҷиноятҳое, ки дар шакл ва намудҳои гуногуни шарикӣ содир шудаанд, ба миён меоянд. Одатан, ҳангоми бандубасти ҷиноятҳои бо шарикии муқаррарии содиршуда душвориҳои камтар ба миён меоянд, зеро ҳамиҷрокунанда бе тақсими нақши вазифаҳои иштирокчиён ҷиноятро баробар содир мекунад. Аммо, ин дар мавриде имконпазир аст, ки шарикони ҷиноят дорои аломатҳои якхелаи субъект мебошанд, масалан, содир кардани ҷиноят аз ҷониби ду субъекти умумӣ ё ду субъекти махсус. Дар мавриди ҷиноятe, ки аз ҷониби субъекти умумӣ ва махсус содир шудааст, дар баҳодиҳии ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ душвориҳо ба амал омада, тақсимоти нақшҳо вазъиятро боз ҳам мураккабтар мегардонад.

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ якчанд таснифоти шаклҳои шарикӣ дар асоси меъёрҳои гуногун, аз ҷумла, вобаста ба хусусияти алоқаи субъективии шарикони алоҳида пешниҳод шудааст (ва пешниҳод карда мешавад); «дар бораи хусусияти иштирок дар ҷиноятҳо ва ғ» [50, с. 160]. Ба андешаи Т.Ш. Шарипов, «шахсоне шарикони ҷиноят ба ҳисоб мераванд, ки ҷинояти қасдонаи муқаррарнамудаи Қисми махсуси КҶ-ро якҷоя содир кардаанд» [221, с. 164]. Олими дигари ватанӣ А.И. Сафарзода «асоси ҷудо намудани шарикони ҷиноят ба иҷрокунанда, ташкилкунанда,

таҳриккунанда ва ёрдамчӣ хусусияти кирдорҳои содиршавандаро меҳисобад» [93, с. 126]. Аз ин андешаҳо бармеояд, ки шарикони ҷиноят дар умум чаҳор нафар буда, дар содир кардани ҷинояти мушаххас саҳми муайян мегузоранд.

Вобаста ба шарикӣ дар адабиёти илмӣ се назария васеъ паҳн шудааст - назарияи аксессорӣ (ҷавобгарӣ барои шарикон комилан аз фаъолияти иҷрокунанда вобаста мебошад, ки ин тахминан аст), дигар назария ин назарияи ҷавобгарии мустақилона мебошад (тахмин мекунад, ки ҳар як ҳар шарик барои ҷинояти шахсан содиркардааш ҷавобгар буда, барои кирдори иҷрокунанда ҷавобгар нест) ва назарияи ҷавобгарии омехтаи шарикон. Ба андешаи Э.А. Бачури «назарияи охир он қадар маъмул нест, аммо сазовори таваҷҷуҳ мебошад» [226, с. 39]. С.С. Аветисян бошад, ин назарияро дастгирӣ намуда, қайд менамояд, ки «дар он ихтилофе нест, ки умуман таълимоти ҷавобгарии мустақили шарикон то андозае хусусияти ҳосилавии ҷавобгарии онҳоро аз амали иҷрокунанда ифода мекунад. Дар он чизе, ки назарияи иловагии шарикӣ аҳамияти мустақили ҷавобгарии шариконро комилан инкор намекунад, ҳеҷ зиддият вуҷуд надорад» [130, с. 204]. Э.А. Бачури қайд мекунад, ки «барои ҷудо кардани назарияи мустақили омехта, гарчанде ки баъзе муқаррароти он комилан асосноканд, ягон асос вуҷуд надорад. Мо инчунин медонем, ки назарияи асосноктарин ҷавобгарии мустақилонаи шарикон мебошад, ки дар шакли соддакардашуда (ҳар як шарик барои кирдори содиркардааш ҷавобгар аст) дар амал дида намешавад» [226, с. 39]. Дар ин хусус, бояд қайд намуд, ки ҳангоми муайян кардани ҷавобгарии шарикон ҳамеша таъсири амали иҷрокунанда мавҷуд аст, аммо ин таъсир ҳолати истисноие нест, ки ҷавобгарии онҳоро муайян мекунад.

Таҳлили муқаррароти қонунгузорӣ оид ба масъалаи мавриди назар имкон медиҳад, чунин хулоса бароварда шавад, ки содиркунандаи ҷиноят шахсест, ки дорои аломатҳои субъекти ҷиноят - умумӣ ё махсус мебошад.

Оё чунин талабот нисбат ба ҳамиҷрокунандагон - шахсоне дахл доранд, ки якҷоя бо шахсони дигар бевосита дар содир намудани ҷиноят иштирок кардаанд? Ба ин савол «С.В. Ананич» [134, с. 95-99] чунин посух медиҳад, ки, агар ба ҷиноят субъекти умумӣ хос бошад, он гоҳ ҳамиҷрокунандагон бояд ба аломатҳои умумии субъект мувофиқ бошанд (мукаллаф бошанд, ба синни муқаррарнамудаи қонуни ҷиноятӣ расида бошанд). Дар акси ҳол, масалан ду нафар ҷиноят содир намуданд, ки яке аз онҳо ба синни муқаррарнамудаи қонун, ки аз он ҷавобгарии ҷиноятӣ ба амал меояд, нарасидааст, шарикӣ ва баҳои ҳуқуқӣ ба кирдоре, ки аз ҷониби гурӯҳи шахсон содир шудааст, истисно карда мешавад.

Н.С. Тагансев қайд мекунад, ки «агар кирдорро танҳо шахсоне, ки дар давлат ягон вазифаи хизматиро ишғол мекунанд ё ягон уҳдадории мушаххасро иҷро мекунанд, қонунан содир карда тавонад, пас шахсоне, ки ба ин гуна кирдор ҳисса гузоштаанд, вале худашон дар шароити иҷрокунанда қарор надоранд, барои чунин кирдор ба ҷавобгарӣ кашида намешаванд, агар рафтори содиркардаи онҳо кирдори мустақили ҷиноятӣ набошанд» [98, с. 611]. Далелҳо ифодакунандаи он ҳастанд, ки шахсони алоҳида дорои аломатҳои субъекти махсус нестанд ва, аз ин рӯ, барои кирдори содиршуда бо субъекти махсус наметавонанд ҷавобгар бошанд. Олимони дигар «(С.В. Познишев, А.А. Жижиленко, Н. Попов ва В.Н. Ширяев)» [81, с. 156] чунин мешуморанд, ки шарикии шахси алоҳида дар ҷинояти дорои субъекти махсус ҳамчун қоидаи умумӣ ғайриимкон аст, вале ба таври истисноӣ дар ҷиноятҳои мансабии омехта иҷозат дода мешавад.

Тибқи андешаи сеюм иштироки шахсони алоҳида дар намуди ҷиноятҳои мансабии дорои субъекти махсус вобаста ба хусусиятҳои қонунгузории субъекти махсус ба таври гуногун ҳал карда мешавад. Ин мавқеъро «П.П. Галиакбаров ва А.Ф. Зелинский» [18, с. 298] дастгирӣ кардаанд. Боз як мавқеи дигар дар бораи эҳтимолияти шарикии шахсони алоҳида ва субъектҳои махсус ҷой дорад. То имрӯз ин мавқеъ тарафдорони

бештари худро пайдо кардааст. Ба инҳо «С.С. Аветисян, Т.Г. Макарова, С. Семёнов, В.В. Устименко, Р. Оримбаев, Б. Орлов, Л.В. Иногомова, Ю.М. Каракетов, Д. Дядкин, С.Ф. Милюков, Т.Г. Черненко, В. Алексеев, В. Голубев, Б. Волженкин, П.Ф. Телнов» [18, с. 299; 62, с. 46-47; 63, с. 80; 124, с. 68; 155, с. 12] ва дигарон дохил мешаванд. «Э.А. Бачури» [226, с. 40] низ ин мавқеъро дастгирӣ карда, онро асоснок намудааст.

Мо бо назардошти асосҳои зерин мавқеи мазкурро дастгирӣ мекунем: Якум, новобаста аз он, ки аломатҳои субъекти махсуси ҷиноятро объекти суиқасд муайян мекунанд, вале дар ҳақиқат кирдорҳои ҷиноятии дорои субъекти махсусро ҳар як шахс содир карда метавонад. Нуқтаи дигар ин аст, ки танҳо шахсе, ки ба аломатҳои махсус мувофиқ аст, метавонад иҷрокунандаи кирдори дорои субъекти махсус бошад. Аммо, дар шарикӣ, хусусияти асосӣ қобилияти шахс барои зарар расонидан ба объект мебошад. Агар шахси алоҳида ин кирдорро бо роҳи содир намудани ҳаракат (беҳаракатӣ)-и ташкилкунанда, ёрдамчӣ, таҳриккунанда ё ҳамиҷрокунанда анҷом диҳад, он гоҳ масъалаҳои зерин аҳамият пайдо мекунанд: оё давлат ҳуқуқи ба ҷавобгарӣ кашидани ин шахсро дорад, яъне оё ҳаракат (беҳаракатӣ)-и шахси алоҳида манъ аст ё не, оё гуноҳ муқаррар мешавад ва ғайра. Сониян, эҳтимоли шарикӣ аз он иборат аст, ки шарикӣ барои ҷавобгарии ҷиноятӣ шароити махсус ба вуҷуд намеорад, аз ин рӯ, ҳар як шахсе, ки кирдори ҷиноятӣ содир кардааст, вазифадор аст, ки онро ба дӯш гирад.

Ҳолатҳое имконпазиранд, ки дар ҷинояти дорои субекти махсус мавҷуд будани, ақаллан, як шахсе, ки ба аломатҳои субъекти махсус мувофиқат мекунад, кифоя аст. Дигар шарикон метавонанд танҳо аломатҳои субъекти умумӣ дошта бошанд. Ғайр аз он, агар субъекти умумӣ дар якҷоягӣ бо субъекти махсус тарафи объективии таркиби ҷиноятро иҷро кунад, он гоҳ онҳо шарики ҷиноят эътироф карда мешаванд. Бо вуҷуди ин, мухолифони ин андеша низ мавҷуд мебошанд. Мутобиқи қ. 4, м. 37 КҶ ҶТ

субъектони умумӣ дар ҷиноятҳои шарикӣ бо субъекти махсус танҳо ба сифати ташкилкунанла, таҳриккунанда ва ёрдамчӣ ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд. Дар ин хусус олимон низ изҳор назар намудаанд, аз ҷумла Н.А. Бабий чунин мешуморад, ки субъекти умумӣ наметавонад иҷрокунандаи (ҳамиҷрокунандаи) ҷиноят бо субъекти махсус бошад [142, с. 226]. М. Муллоев оид ба иҷрокунандаи ҷиноят бар он назар аст, ки «иҷрокунанда шахсе эътироф мешавад, ки дар вақти содир намудани ҷиноят иштироки фаъол намуда, бо иштироки бевоситаи худ барои бавуҷудоии оқибати ҷиноят мусоидат намудааст» [69, с. 64]. Доир ба масъалаи мазкур андешаҳои дигар низ ҷой доранд. Ба назари бисёре аз муаллифон дар ҷиноятҳое, ки «субъекти махсус доранд, шарикон метавонанд нақши таҳриккунанда ва ёрдамчиро иҷро кунанд, вале ташкилкунанда ва иҷрокунанда (ҳамиҷрокунанда) шуда наметавонанд. Ин мавқеъро В.И. Соловйев [62, с. 63] ҳангоми баррасии масъалаҳои шарикии шахсони алоҳида дар содир намудани ҷиноятҳои мансабӣ қайд намудааст. Ба назари мо, қонунгузории ҷиноятӣ дар хусуси чаҳор шарик ишора намуда, оид ба ҳамиҷрочӣ муқаррароте пешбинӣ накардааст. Бинобар ин, ҳолати мазкур масъалаи муайян намудани нақши субъекти умумиро дар ҷиноятҳои шарикӣ бо субъекти махсус ба сифати ҳамиҷрочӣ зери суол қарор медиҳад. Ба ақидаи мо, баъзан субъекти умумӣ ба сифати ҳамиҷрочӣ баромад карда метавонад. Масалан, мутобиқи м. 319 КҶ ҶТ як гурӯҳи шахси мансабдор пораро тавассути миёнарав гирифтанд. Дар КҶ ҶТ чун дигар кишварҳо ба миёнравӣ моддаи алоҳида ҷудо нашудааст ва мавқеаш номаълум аст, ки чи гуна ашхос миёнарав шуда метавонад. Дар ҷинояти мазкур миёнаравӣ ҳамчун кадом шарик (ҳамиҷрочӣ ё ёрдамчӣ) ба ҷавобгарӣ кашида мешавад? Ба назари мо, бояд ҳамиҷрочӣ бошад, зеро дар содир шудани ҷиноят нақши калонро иҷро мекунад.

Шарики дигари ҷиноят, ки метавонад дар ҷиноятҳои субъекти махсус иштирок намояд ин таҳриккунанда мебошад. Субъекти махсус метавонад

бо истифода аз мавқеи хизматии худ шахси дигарро ба ҷиноят моил созад. Дар хусуси таҳриккунанда дар адабиёт андешаронӣ гардидааст. Аз ҷумла А.И. Сафарзода чунин назар дорад, ки «ба содир намудани ҷиноят моил кардани шахси дигар дар содир намудани ҳаракатҳое ифода мегардад, ки дар иҷрокунанда майли содирнамоии ҷиноятро бо вуҷуд меоварданд. Ин ҳаракатҳо метавонанд боваркунонанда: багапдарорӣ, порадиҳӣ (харидан), хоҳиш, таклиф, ваъда; ё маҷбуркунанда: таҳдид, фармон, ба вуҷуд овардани бадбинӣ ё таҳдид бошанд» [93, с. 127]. Дар ин маврид А.А. Абдурашидзода ва У.С. Назаров ибрози андеша намудаанд, ки «таҳриккунанда иҷрокунандаро барои содир намудани ҷиноят ба гап медарорад, ӯро мехарад ва метавонад таҳдид кунад, инчунин ба ҳар гуна роҳу восита иҷрокунандаро барои содир намудани ҷиноят моил мекунад» [17, с. 133].

Р.Ҳ. Раҳимзода чунин иброз менамояд, ки «таҳриккунӣ дар кадом шакле, ки иҷро шуда бошад ҳам, он нисбати шахси мушаххас ва барои содир кардани ҷинояти мушаххас, содир карда мешавад» [85, с. 301]. Аз андешаҳои мазкур бармеояд, ки шарикони ҷиноят, махсусан таҳриккунанда барои моил кардани шахс ба ҷиноят аз усулҳои гуногун истифода мебарад.

Қонунгузории ҷиноятӣ дар айни замон аз ҳама мавқеи бартариятдошта буда, аз он иборат аст, ки шарикон-шахсони алоҳида дар ҷинояти дорои субъекти махсус метавонанд ташкилкунанда, таҳриккунанда ва ёрдамчӣ бошанд, вале иҷрокунанда (ҳамиҷрокунандагон)-и ҷиноят шуда наметавонанд. Ин мавқеъро аксарияти олимон дастгирӣ мекунанд, аз ҷумла «С.С. Аветисян, Т.Г. Макарова, С.А. Семёнов, В.В. Устименко, Р. Оримбоев, В.С. Орлов ва дигарон» [18, с. 381-382; 62, с. 63; 140, с. 29-30; 229, с. 114; 145, с. 2-5; 207, с. 45]. Ин мавқеъ то андозае дуруст ба назар мерасад. Зеро ҷинояти субъекти махсусро танҳо шахсе содир карда метавонад, ки дорои аломатҳои махсуси

иловагӣ мебошад, новобаста аз он, ки ӯ ҷиноятро дар алоҳидагӣ ва ё дар шарикӣ бо дигар шахсон содир мекунад. Ҳамзамон, қобили зикр кардан аст, ки танҳо шахсе, ки дорои аломатҳои субъекти махсус мебошад, метавонад ба муносибатҳои ҷамъиятии таҳти ҳимоя қарордошта зарар расонад, ба истисноси субъекти махсус ҳеҷ кас наметавонад тарафи объективии ҷинояти дахлдорро иҷро намояд.

С.С. Аветисян пешниҳод менамояд, ки «масъала бо роҳи ислоҳи мафҳуми «ёрдамчӣ» ҳал карда шавад, ки тибқи он амали субъектҳои ғайримахсус, ки як қисми тарафи объективии ҷиноятро бо таркиби махсус анҷом додаанд, бояд ҳамчун ёрдамчӣ арзёбӣ карда шавад» [18, с. 390]. Аммо, дар ин хусус, Э.А. Бачури қайд менамояд, ки «ба таври васеъ муайян намудани мафҳуми қонунии «ёрдамчӣ» ва ба он дохил намудани вазифаҳое, ки барои нақши ёрдамчӣ дар низоми шарикӣ хос нестанд, боиси вайрон шудани мувозинати низоми шарикӣ гардида, функсияи аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ беасос ба ҳисоб меравад. Оид ба масъалаи мазкур, мо ба ақидаи А.А. Арутюнов [226, с. 40] мувофиқ мебошем, ки тибқи он шарикӣ ин низоме мебошад, ки дар он фаъолияти муштараки шарикон нисбат ба фаъолияти якхелаи як шахс дар як шароит, вале аз якдигар дар алоҳидагӣ дараҷаи сифатан нав пайдо мекунад.

Гурӯҳи дигари олимон бар ин назаранд, ки «ҷавобгарии ҳамиҷрочӣ нисбат ба баъзе таркибҳо дар асоси сохтори қонунгузории таркиб ва ҷанбаи объективии он, имконпазир мебошад» [62, с. 86-87, 104; 155, с. 15]. Бояд қайд кард, ки дар ҳолате, ки агар дар таркиби ҷиноят танҳо субъекти махсус мавҷуд бошад, онгоҳ ҳамиҷрочии ин ҷиноят метавонад субъекти махсус набошад. Дар ҷинояти дорои таркиби махсус иҷрокунанда (ҳамиҷрокунанда) метавонад танҳо иштирокчии ин муносибатҳои махсус, яъне субъекти махсус бошад ва ба таври бояду шояд ба ин соҳаи муносибатҳо дохил карда шавад. Аз таҳлили андешаҳои мазкур бармеояд,

ки дар ҷиноятҳои шарикӣ имкон дорад, ки ҳамаи иштирокчиён субъекти махсус набуда, баъзе аз онҳо субъекти умумӣ бошанд.

Бояд тазаккур дод, ки бо ин ҳама андешаҳо доир ба субъекти махсус дар ҷиноятҳои шарикӣ ба итмом намерасад. Бинобар сабаби мураккаб будани масъалаи мазкур дар адабиёт андешаҳои мухталиф ҷой доранд. Масалан, А.А. Арутюнов масъалаи мазкурро дар мисоли таҷовуз ба номус баррасӣ карда, қайд менамояд, ки «барои ҳалли он бояд ёрдамчӣ (зан) ва иҷрокунанда (мард) бо созиши пешакӣ ҳамчун гурӯҳи шахсон эътироф карда шаванд» [139, с. 46]. Маълум мешавад, ки А.А. Арутюнов пешниҳод мекунад, ки мафҳуми гурӯҳ тағйир дода шуда, мавҷудияти он бо иштироки ёрдамчӣ ва иҷрокунанда ҳамчун аъзои гурӯҳи шахсон бо созиши пешакӣ эътироф карда шаванд. Аммо, чун анъана, дар назарияи шарикӣ гурӯҳи шахсон ҳамчун иттиҳоди ду ё зиёда шахсоне ҳисобида мешавад, ки якҷоя бевосита ба объекти ҳифзшавандаи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ таъсир расонида, тарафи объективии таркиби ҷиноятро пурра ё қисман иҷро мекунанд, яъне, иштирокчиёни ҷинояти гурӯҳӣ – ҳамиҷрокунандагон мебошанд. Бинобар ин, мо бо мавқеи пешниҳодкардаи А.А. Арутюнов розӣ шуда наметавонем.

Оид ба масъалаи мавриди назар дар ҷинояти таҷовуз ба номус В.М. Хомич қайд мекунад, ки «тарафи объективӣ хусусияти мураккаб дошта, аз ду амали ба ҳам алоқаманд – истифодаи зӯроварии ҷисмонӣ ё равонӣ нисбати ҷабрдида ва содир намудани алоқаи ҷинсии хушунатомез бо ӯ иборат мебошад. Ба ин маъно, ҳамчун ҳамиҷрокунанда эътироф намудани шахсоне, ки қисман амалҳои зикргардидаро бо шарикӣ иҷро мекунанд, мантиқӣ ва асоснок ба назар мерасад» [215, с. 50-51]. Ин андешаро С.В. Ананич дастгирӣ намуда, қайд кардааст, ки «ба назари мо, занон низ бояд ҳамчун шарики ҷинояткор эътироф карда шаванд, ки дар мавриди зӯроварии ҷисмонӣ ё рӯҳӣ нисбат ба ҷабрдида барои кӯмак ба шахсе, ки амали зӯроварии шаҳвонӣ содир мекунад, иштирок менамояд» [134, с. 95-99]. Дар адабиёти ҳуқуқи ҷиноятӣ, «амалияи прокурорӣ ва судӣ-тафтишотӣ

низ ин андеша дастгирӣ ёфта, зан ҳамчун субъекти махсуси содир намудани ҷинояти муштарак дар таҷовузи дастаҷамъӣ эътироф шудааст» [82, с. 333-334; 46, с. 72; 115, с. 106; 45, с. 215; 73, с. 339]. Аммо дар ин хусус мо ба андешаи «Б.В. Волженкин розӣ мебошем» [155, с. 12]. Ба андешаи ӯ, дар ин маврид мо ба вайроншавии меъёрҳои муқаррарнамудаи қонунгузории ҷиноятӣ дучор мешавем. Мо бо он далел андешаи муҳаққиқро дастгирӣ мекунем, ки тибқи қонунгузории ҷиноятӣ субъекти махсус (иҷрокунанда)-и ҷинояти таҷовуз ба номус танҳо мард шуда метавонад. Вале дар ҷиноятҳои шарикӣ зан метавонад ташкилкунанда, таҳриккунанда ё ёрдамчӣ бошад, аммо иҷрокунанда шуда наметавонад.

Ба андешаи А.П. Дяченко шахсоне, ки бо ҷабрдида бевосита алоқаи ҷинсии зӯроварона накардаанд, балки танҳо ба ин мусоидат кардаанд, наметавонанд ҳамиҷрочӣ ҳисоб карда шаванд, балки бояд барои шарикӣ дар таҷовуз ҷавобгар бошанд [37, с. 27-28]. А.В. Василевский қайд мекунад, ки «агар дар таркиби ҷиноят субъекти махсус пешбинӣ шуда бошад, пас шахсоне, ки субъекти махсус ба ҳисоб намераванд, новобаста аз иҷрои воқеии тарафи объективӣ на ҳамиҷрокунандагон, балки иштирокчиёни дигар эътироф мешаванд» [49, с. 121].

Таҳлили андешаҳо нишон медиҳад, ки иштироки бевоситаи шахсони дорои аломатҳои умумии субъект дар содир намудани ҷиноят на дар ҳамаи кирдорҳои содиркардаи субъекти махсус имконпазир мебошад. Масъалаи мазкур дар таҳқиқоти «Р.Д. Шарапов» [125, с. 227-228], «С.А. Семёнов» [244, с. 8], «Б.В. Волженкин» [155, с. 15], «А.В. Шеслер» [222, с. 46], «П.Ф. Телнов» [207, с. 45] ва дигарон низ ба назар мерасад.

Новобаста аз ин, баъзе муаллифон чунин мешуморанд, ки «шарик будани шахси воқеиро дар ҷиноятҳои хизматӣ ва ҳарбӣ имконпазир дониста, ҳамзамон ӯро дар ҷиноятҳое, ки ба истиллоҳ субъектҳои махсус муайян мекунанд, истисно мекунанд» [30, с. 116]. Инкори асосноки ин равишро В.В. Устименко дода [119, с. 32-33], қайд кардааст, ки қонун манъи бевоситаи шарикӣ дар ҷиноятҳои дорои субъекти махсусро дар бар

намегирад. Муқарраротии қонунгузории ҷиноятӣ дар бораи шарикӣ нисбат ба ҳамаи кирдорҳои дар қисми махсус нишондодашуда (аз ҷумла, кирдорҳои аз ҷониби субъекти махсус содиршуда) татбиқ карда мешавад, амалия имкони чунин шарикиро эътироф мекунад ва хизматчии ҳарбӣ аз рӯйи хусусияти ҳуқуқии худ субъекти махсуси ҷиноят мебошад.

Таҳлили масъалаи мазкур дар андешаҳои муҳаққиқон нишон медиҳад, ки чунин таркибҳои ҷиноят вуҷуд дорад, ки субъекти онҳо танҳо махсус мебошанд: таҷовуз ба номус, дуздии молу мулк бо роҳи суистифода аз ваколатҳои мансабӣ, тасарруф ё исрофкорӣ ва ғайра. Аммо чунин таркибҳои ҷиноят мавҷуд аст, ки дар онҳо на танҳо субъект, балки дигар унсурҳои таркибии ҷиноят, пеш аз ҳама, аломатҳои объективии таркиби ҷиноят хусусияти махсусро доро мебошанд. Масалан, аз тарафи модар кушта шудани кӯдаки навзод.

Ҷанбаи дигари баҳодиҳии ҳуқуқии кирдорҳои дорои субъекти махсус таваҷҷуҳро тақозо мекунад. Аломатҳои субъекти махсус метавонанд на дар таркиби асосӣ, балки дар таркиби бандубасткунанда ҷой дошта бошанд. Аз нуқтаи назари таълимоти ҳуқуқи ҷиноятӣ аломатҳои бандубастшавандае, ки хусусияти шахсӣ доранд, танҳо хоси шариконе мебошанд, ки ба онҳо нисбат дода мешаванд. Масъалаи мазкур аз ҷониби олимони ҳуқуқ (С.В. Ананич [134, с. 95-99], В.С. Комиссаров [58, с. 399], Б.В. Волженкин [155, с. 15], А.П. Козлов [43, с. 323] ва дигарон) таҳлил шудааст.

Мутобиқи қонунгузорӣ, агар ҷиноят аз ҷониби гурӯҳи муташаккил содир шуда бошад, шарикон ҷавобгарии баландро ба уҳда доранд. Ҳамаи аъзои чунин гурӯҳ, сарфи назар аз нақши онҳо дар ҷиноятҳои содиршуда иҷрокунанда эътироф карда мешаванд. Ин ба афзоиши дар ҷамъият хавфноки ҷиноятҳои аз ҷониби иттиҳодия (гурӯҳ ё ташкилот)-ҳои муташаккили ҷиноятӣ содиршаванда вобаста мебошад [162, с. 80]. Дар хусуси гурӯҳи муташаккил ва амалияи судӣ дар мавридҳое, ки ҷиноят аз ҷониби чунин иттиҳоди ҷиноятӣ содир шудааст, ҳамаи иштирокчиён

новобаста аз он ки дар содир намудани ҷиноят бевосита иштирок доштанд, шарикони ҷиноят эътироф карда мешаванд. Агар шахс узви гурӯҳи муташаккил набошад, вале дар содир намудани ҷиноят саҳм дошта бошад, ӯ метавонад чунин эътироф шавад: а) ёрдамчӣ, таҳриккунанда ё ташкилкунандаи ҷинояти содиршуда; б) иҷрокунанда, агар чунин рафтор дар қонунгузории ҷиноятӣ ҳамчун ҷинояти мустақил пешбинӣ шуда бошад (масалан, иштирок дар ҳуҷуми гурӯҳи мусаллаҳона). Истисно он аст, ки ҷинояти содиршуда мавҷудияти субъекти махсусро талаб мекунад ва на ҳама аъзои гурӯҳ аломатҳои мувофиқ доранд. Дар ин маврид «ҷинояткорон шахсони дорои аломатҳои субъекти махсус буда, ҳамаи боқимондаҳо ташкилкунанда, таҳриккунанда ва ёрдамчӣ ҳисоб мешаванд» [191, с. 191-195].

Дар баробари ин Б.Г. Павлов оид ба ҷиноятҳои ҳарбӣ қайд мекунад, ки «дар мавридҳое, ки иҷрокунанда шахси алоҳида буда, хизматчии ҳарбӣ нақши ташкилкунанда, таҳриккунанда ва ёрдамчиро мебозад, дар ин ҳолат доир ба ҷинояти ҳарбӣ бо субъекти махсус сухан рондан ба мақсад мувофиқ намебошад. Дар ин вазъият, ба андешаи ӯ, шаҳрвандони ғайриҳарбӣ, ки ҳамчун иҷрокунанда баромад мекунанд, бояд на барои ҷинояти ҳарбӣ, балки барои ҷинояти зидди шахс ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шаванд. Хизматчии ҳарбие, ки шахсони алоҳидаро ба содир кардани ҷиноят водор кардааст, бояд барои таҳрик карданаш ба ҷавобгарӣ кашида шавад» [77, с. 312].

Дар адабиёти ҳуқуқи ҷиноятӣ нуқтаи назари мухталифи олимонро метавон вохӯрд, ки дар «баробари субъекти махсус (иҷрокунанда)-и хиёнат ба давлат шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандӣ низ шарикони ин ҷиноят дониста шудаанд» [36, с. 41; 114, с. 612]. Ба назари дигар олимон, «шарикӣ ғайриимкон аст, ки дар он шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд метавонанд ҳамчун ҳамиҷрокунанда» [62, с. 95], «ташкилкунанда, таҳриккунанда ва ёрдамчии хиёнат ба давлат баромад

кунанд» [84, с. 271; 88, с. 470; 47, с. 90-91]. Мо бо ақидаҳои мазкур розӣ намешавем, зеро дар диспозитсияи м. 305 КҶ ҶТ танҳо ба шаҳрванди ҶТ ишора шудааст.

«Маҷбур кардани корманд барои қабули қарори ноодилона ё рад кардани талаботи қонунии ӯ метавонад барои маҷбуркунӣ зери ҷавобгарӣ қарор гирад, аммо дар содир намудани ҷиноят ё таъқибнамоӣ гунаҳгор дониста намешавад ва касе, ки аз ҳолати бемории рӯҳии нотариус ё муфаттиш истифода бурда, ҳуҷҷати қалбакиро тартиб дода бошад, на ҳамчун сохтакории хизматӣ, балки ҳамчун гунаҳгори муқаррарӣ ба ҷавобгарӣ кашида мешавад. Ин нуқтаи назарро М.И. Ковалев [42, с. 17], А.И. Лукашов ва Е.А. Саркисов [187, с. 316-317] дастгирӣ кардаанд. Аммо, М.Э. Денисюк баръакс, «мавҷуд набудани монеаҳои ҳуқуқиро барои ба ҷавобгарӣ кашидани ашхосе, ки бавосита ҷинояти дорои субъекти махсус содир кардаанд, таъкид менамояд» [164, с. 83-86]. Мо ба ақидаи М.Э. Денисюк розӣ мебошем. Сохтакории хизматӣ аз ҷониби шахси мансабдор содир мегардад, бинобар ин нотариус худаш ба сифати субъекти махсус ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

Ба андешаи П.И. Гришаев ва Г.А. Кригер, «дар мавриди кирдорҳое, ки таркиби ҷиноятҳои мансабиро доро буда, танҳо аз тарафи шахси алоҳида содир шудаанд ва шахси мансабдор ӯро ба содир намудани ин ҷиноят водор намояд ё барои иҷрои он шароит фароҳам оварад, ӯ бояд ҳамчун содиркунандаи ҷинояти мансабӣ ва шахси алоҳида бошад, ҳамчун ёрдамчӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад» [33, с. 235]. Чунин ба назар мерасад, ки тавсияи охирин бештар ба талаботи қонун ва назарияи шарикӣ асос ёфтааст. Новобаста аз ин, он ба равшанамоӣ ниёз дорад. Дар ин маврид, албатта, субъекти махсусро иҷрокунанда эътироф кардан мумкин нест, зеро чи тавре ки аллакай қайд карда шуд, иҷрокунанда наметавонад дар паси иҷрокунандаи дигар «истад», алалхусус аз он сабаб, ки ӯ амалҳоеро (бевосита ё бавосита), ки тарафи объективии таркибро ташкил

медиҳанд, иҷро накардааст [196, с. 44-49]. Мо ба андешаи мазкур розӣ шуда наметавонем. Зеро ки шахси мансабдор бо истифода аз ваколати мансабии худ чунин шароити ҷиноятиро муҳайё месозад ва шахси дигарро ба содир намудани ҷиноят ҷалб менамояд.

Ҳамин тавр, инъикоси маҳдудияти доираи иҷрокунандагон (субъектҳои махсуси ҷиноят) ва ҷавобгарии шарикони дигар (субъектҳои умумӣ) аз тавсифи қонунгузории таркиби ҷиноятҳо вобаста буда, мазмуни ҳуқуқӣ ва ҷиноятии гуногун доранд. Агар танҳо аломатҳои субъект ба сифати аломатҳои иловагии таркиб баромад кунанд – дар сурати мавҷуд будани аломатҳои иловагии таркиб (аз ҷумла, аломатҳои тарафи объективӣ: кирдор ва ғ.) ҳамиҷрочӣ бо субъектҳои умумӣ имконпазир бошад, пас танҳо шахсеро, ки аломатҳои субъекти махсус доранд, иҷрокунанда эътироф кардан мумкин аст.

Дар натиҷаи таҳлили масъалаи субъекти махсуси ҷиноят дар ҷиноятҳои шарикӣ ба чунин хулосаҳо омадан мумкин аст:

1. Масъалаи баҳодиҳии ҷиноятҳо бо субъекти махсус хеле васеъ буда, дар институтҳои гуногуни ҳуқуқи ҷиноятӣ – шарикӣ, фаъолияти ҷиноятии нотамом, радкунии ихтиёрӣ, рақобати меъёрҳо зоҳир мегардад. Таваҷҷӯҳ ба институти шарикӣ бо он шарҳ дода мешавад, ки таълимот дар бораи субъекти махсус аз проблемаи шарикии шахсон дар ҷиноятҳо бо субъекти махсус инкишоф меёбад. Ҳамзамон, барои таҳқиқи самарабахши субъекти махсус дар ҷиноятҳои шарикӣ мушаххасан ишора намудан аз мафҳум ва муҳтавои шарикӣ дар ҷиноят ва шарикони онҳо мувофиқи мақсад мебошад.

2. Инъикоси маҳдудияти доираи иҷрокунандагон (субъектҳои махсуси ҷиноят) ва ҷавобгарии шарикони дигар (субъектҳои умумӣ) аз тавсифи қонунгузории таркиби ҷиноятҳо вобаста буда, мазмуни ҳуқуқӣ ва ҷиноятии гуногун доранд. Агар танҳо аломатҳои субъект ба сифати аломатҳои иловагии таркиб баромад кунанд – дар сурати мавҷуд будани

аломатҳои иловагии таркиб (аз ҷумла, аломатҳои тарафи объективӣ: кирдор, ҳолат ва ғайра) ҳамиҷрочӣ бо субъектҳои умумӣ имконпазир бошад, пас танҳо шахсеро, ки аломатҳои субъекти махсус доранд, иҷрокунанда эътироф кардан мумкин аст. Иштирокчиёни дигари ҷиноят ҳамчун ташкилкунанда, таҳриккунанда ё ёрдамчӣ баромад мекунанд, масалан, духтуре, ки дидаю дониста ҳуҷҷати бардурӯғ омада кардааст, ки шаҳрвандро аз хизмати ҳарбӣ озод намояд, шарик дар ҷиноят эътироф мешавад.

3. Масъалаи ҷавобгарии шарикони ҷиноят бо субъекти махсус дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ яке аз масъалаҳои аҳаммиятнок ба ҳисоб рафта, натиҷаи таҳқиқоти мазкур моро водор ба чунин хулосабарорӣ кард, ки, паҳлуҳои алоҳидаи он аз ҷониби муҳаққиқон мавриди таҳқиқи илмӣ қарор гирифтаанд. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки вобаста ба нақши субъекти махсус дар ҷиноятҳои шарикии содиршуда дар байни олимон фикри ягона ҷой надорад. Новобаста аз он, ки қонунгузории ҷиноятӣ нақши субъекти махсусро дар ҷиноятҳои шарикӣ муқаррар кардааст, вале дар амалия ва назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ масъалаи мазкур то ҳол баҳснок боқӣ мондааст.

4. Ба назари мо, қонунгузории ҷиноятӣ дар хусуси чаҳор шарик ишора намуда, оид ба ҳамиҷрочӣ муқаррароте пешбинӣ накардааст. Бинобар ин, ҳолати мазкур масъалаи муайян намудани нақши субъекти умумиро дар ҷиноятҳои шарикӣ бо субъекти махсус ба сифати ҳамиҷрочӣ зери суол қарор медиҳад. Ба ақидаи мо, баъзан субъекти умумӣ ба сифати ҳамиҷрочӣ баромад карда метавонад. Масалан, мутобиқи м. 319 КҶ ҶТ як гурӯҳи шахси мансабдор пораро тавассути миёнарав гирифтанд. Дар КҶ ҶТ чун дигар кишварҳо ба миёнравӣ моддаи алоҳида ҷудо нашудааст ва мавқеаш номаълум аст, ки чи гуна ашхос миёнарав шуда метавонад. Дар ҷинояти мазкур миёнаравӣ ба ҳайси кӣ (ҳамиҷрочӣ ё ёрдамчӣ) ба ҷавобгарӣ кашида мешавад? Ба назари мо, бояд ҳамиҷрочӣ бошад, зеро дар содир шудани ҷиноят нақши калонро иҷро мекунад.

## 3.3. Ҷавобгарии ҷиноятии субъекти махсус мутобиқи қонунгузории давлатҳои пасошӯравӣ

Ҷавобгарии субъекти махсуси ҷиноят яке аз масъалаҳои мубрами назария ва амалияи ҳуқуқи ҷиноятӣ маҳсуб ёфта, таваҷҷуҳи олимони зиёдеро ба худ ҷалб намудааст. Мавриди зикр аст, масъалаи баррасишаванда на танҳо дар қонунгузории ҷиноятии миллӣ, инчунин дар қонунгузории кишварҳои хориҷӣ низ мавқеи намоён дорад. Омӯзиши қонунгузории кишварҳои хориҷӣ имконият медиҳад, ки ҷанбаҳои алоҳидаи масъалаи ҷавобгарии субъекти махсуси ҷиноятӣ дар қонунгузории кишварҳои хориҷӣ муайян карда шуда, бо қонунгузории миллӣ мавриди таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ қарор дода шавад. Бинобар ин, омӯзиши таҷрибаи қонунгузории кишварҳои хориҷӣ доир ба ҷавобгарии субъекти махсуси ҷиноят яке аз масъалаҳои мубрам ба ҳисоб меравад.

Бояд тазаккур дод, ки асоси ҷавобгарии субъекти махсуси ҷиноят дар қонунгузории кишварҳои хориҷӣ ин мавҷудияти аломатҳои он маҳсуб меёбад. Ба андешаи Ю.В. Тарасова, «аломатҳои субъекти махсус асосан ба муносибатҳои оилавӣ, ваколатҳои мансабӣ, намуди фаъолият, хусусияти кори иҷрошаванда, вазифаҳои муайяни шахс дахл доранд. Чунин аломатҳо дар диспозитсияи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ бевосита нишон дода мешаванд ё бо роҳи тафсир муқаррар карда мешаванд» [246, с. 110-111].

Зимни таҳқиқи масъалаи ҷавобгарӣ ва бандубасти ҷиноятҳои дорои субъекти махсус В.И. Терентйев чунин хусусиятҳои проблемавии бандубасти ҷиноятҳои дорои субъекти махсусро нишон додааст:

1) арзиши аломатҳои субъекти махсус барои бандубасти ҷиноят;

2) қоидаҳои махсуси таснифи ҷиноятҳои дорои субъекти махсус;

3) бандубасти ҷиноятҳои шарикӣ дар ҷиноятҳои дорои субъекти махсус [102, с. 138].

Ҳангоми бандубасти кирдори (ҳаракат ё беҳараркатӣ) барои ҷамъият хавфнок суд вазифадор аст моҳияти ваколатҳоеро, ки ба корманди дахлдор

гузошта шудаанд, баррасӣ ва таҳлил намояд. Дар айни замон, маълумоти санадҳои меъёрии идоравиро суд бояд танҳо ҳамчун яке аз далелҳои ҳалли ин ё он масъала қабул намояд. Аммо, инчунин мумкин аст, ки суд ба кирдорҳои содиркардаи шахси гунаҳгор моҳиятан баҳо дода, дар як қисмат, бо гурӯҳбандии идоравии кормандони муассиса, корхона ба таври асоснок розӣ набошад.

Таҳлилу омӯзиши қонунгузории ҷиноятӣ ва таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ дар такмили қонунгузории кишвар мусоидат менамояд. Аз ҷумла, таҷрибаи бандубасти ҷиноят ва татбиқи меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ оид ба субъекти махсус дар кишварҳои пасошӯравӣ қобили таваҷҷуҳ ва омӯзишанд. Бо назардошти таҳлил ва хулосаи мазкур, ҷавобгарии субъекти махсусро дар баъзе аз гурӯҳҳои ҷиноятҳо дар қонунгузории кишварҳои пасшӯравӣ мувофиқи мақсад меҳисобем.

**Ноболиғон ҳамчун субъекти махсуси ҷиноят.** Ноболиғон субъекти махсус ба ҳисоб намераванд, вале дар ҷиноятҳои дорои субъекти махсус иштирок карда метавонанд, аз ҷумла дар ҷинояти м. 138 КҶ ҶТ.

Дар замони муосир ҷинояткорӣ дар байни ноболиғон зиёд шуда истодааст ва танзими масъалаи баррасишаванда дар қонунгузории кишварҳои хориҷӣ низ бо суръат идома дорад. Дар сарчашмаҳо қайд карда мешаванд, ки «ҳар бисту панҷумин ҷиноят дар Россия аз ҷониби ноболиғон ё бо шарикии онҳо содир карда мешавад» [137, с. 115].

Бояд тазаккур дод, ки таҳлили масъалаи мазкур дар қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон, Белоруссия, Молдова, Қазоқистон, Қирғизистон ва дигар кишварҳои аъзои ИДМ ба мақсад мувофиқ мебошад. Мамлакатҳои зикршуда таърихи умумии инкишофи қонунгузории ҷиноятӣ доранд, зеро ҷумҳуриҳои собиқи ИҶШС ба ҳисоб мераванд. Синни умумии ҷавобгарии ҷиноятӣ дар ин кишварҳо 16-солагӣ мебошад ва дар баъзе ҳолатҳо ҷавобгарӣ метавонад аз 14-солагӣ татбиқ карда шавад. Аммо, қонунгузории ҷиноятии Ӯзбекистон оид ба масъалаи баррасишванда

махсусияти худро дорад. Дар Ӯзбекистон «ҷавобгарии ҷиноятӣ барои куштори қасдона дар ҳолатҳои вазнинкунанда (м. 17 КҶ) [12] аз синни 13-солагӣ оғоз мешавад» [141, с. 53].

Системаи ҷазоҳо барои ноболиғон дар ин кишварҳо то андозае мухталиф мебошанд. Масалан, дар Белоруссия [9] шахсе, ки то синни 18-солагӣ ҷиноят содир кардааст, нисбат ба ӯ ҷазои корҳои ҷамъиятӣ, ҷарима, маҳрум кардан аз ҳуқуқи машғул шудан ба фаъолияти муайян, корҳои ислоҳӣ, ҳабс, маҳдуд кардани озодӣ, маҳрумият аз озодӣ татбиқ мешаванд; дар Қазоқистон» [10] - маҳрум кардан аз ҳуқуқи машғул шудан ба фаъолияти муайян, ҷарима, корҳои ислоҳӣ, ҷалб кардан ба корҳои ҷамъиятӣ, маҳдуд кардани озодӣ, маҳрум сохтан аз озодӣ; дар «Ӯзбекистон» [12] - ҷарима, корҳои маҷбурии ҷамъиятӣ, корҳои ислоҳӣ, маҳдудкунии озодӣ, аз озодӣ маҳрум кардан; дар Қирғизистон - корҳои ҷамъиятӣ, корҳои ислоҳӣ, ҷарима, маҳрумият аз озодӣ ба муҳлати муайян.

Дар Кодекси ҷиноятии Молдова [11] қонунгузорӣ низоми алоҳидаи ҷазоро барои ноболиғон, дар фарқият аз калонсолоне, ки ҷиноят содир кардаанд, пешбинӣ накардааст. Як далели ҷолиб ин аст, ки дар Ӯзбекистон «татбиқ намудани ҷазои иловагӣ нисбати ашхоси то синни 18-солагӣ ҷиноятсодиркарда мумкин нест, дар ҳоле ки қонунгузории Қирғизистон баръакс, намудҳои иловагии ҷазоро дар шакли ҷарима ва маҳрум сохтан аз озодӣ, ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян нисбати ноболиғон муқаррар кардааст» [22, с. 54].

Дар ҳама кишварҳое, ки мавриди баррасӣ қарор доранд, сахттарин ҷазое, ки нисбати ноболиғон татбиқ мешавад, маҳрум сохтан аз озодӣ мебошад мебошад. Дар баробари ин, қобили зикр аст, ки дар Кодексҳои ҷиноятии Ҷумҳуриҳои Белоруссия (м. 115) [9], Қазоқистон (м. 81) [10] ва Ӯзбекистон (м. 85) [12] қонунгузорон имконияти татбиқ накардани ҷазоҳоро дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ нисбат ба ноболиғон, агар

кирдори содиркардаи онҳо ба ҷамъият хавфи калон надошта бошад, муқаррар кардаанд.

Ҳадди ақали маҳрум сохтан аз озодӣ дар Кодекси ҷиноятии Белоруссия, Ӯзбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон шаш моҳ ва дар Кодекси ҷиноятии Молдова се моҳ муқаррар гардидааст. Ҳадди ниҳоии маҳрумсозӣ дар ин кишварҳо мустақиман аз вазнинии ҷиноят вобаста мебошад.

Дар баробари ин, андозаи ҳадди аксари ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ тибқи Кодекси ҷиноятии Беларус [9] аз категорияи ҷиноят вобаста аст ва наметавонад аз меъёрҳои зерин зиёд бошад:

1) барои ҷинояти начандон вазнин - се сол;

2) барои ҷинояти вазнин - ҳафт сол;

3) барои ҷинояти махсусан вазнин - даҳ сол;

4) барои ҷинояти махсусан вазнин, ки аз суқасд ба ҳаёти шахс ё муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ, прекурсорҳо иборат аст - дувоздаҳ сол.

Ҷиноятҳои махсусан вазнин, ки аз ҷониби ноболиғ содир карда шудааст, ҳадди аксар ба муҳлати 10 сол аз озодӣ маҳрум карда мешавад (қисми 2 моддаи 115 Кодекси ҷиноятии Белоруссия [9] ва моддаи 85 Кодекси ҷиноятии Ӯзбекистон [12]). Дар қисми 7 моддаи 81 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Қазоқистон [10] муқаррар шудааст, ки маҳрум сохтан аз озодӣ барои ноболиғ ба муҳлати на бештар аз даҳ сол ва барои одамкушӣ дар ҳолатҳои вазнинкунанда ё амали террористӣ ё барои маҷмӯи ҳуқуқвайронкуниҳои ҷиноятӣ, ки яке аз онҳо одамкушӣ дар ҳолатҳои вазнинкунанда ё амали террористӣ мебошад ба муҳлати дувоздаҳ сол таъйин карда мешавад.

Дар Қирғизистон (қ. 3, м. 70 КҶ [5]) ҷазо дар шакли маҳрум сохтан аз озодӣ аз рӯйи муҳлатҳои ҷазо ба шаш категория тақсим мешавад (дар санксияи моддаҳои Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ танҳо категорияи маҳрум сохтан аз озодӣ номида мешавад):

1) категорияи I: барои ноболиғон - то як солу шаш моҳ;

2) категорияи II: барои ноболиғон - аз як солу шаш моҳ то ду солу шаш моҳ;

3) категорияи III: барои ноболиғон - аз ду солу шаш моҳ то чор сол;

4) категорияи IV: барои ноболиғон - аз чор то шаш сол;

5) категорияи V: барои ноболиғон - аз шаш то ҳашт сол;

6) категорияи VI: барои ноболиғон - аз ҳашт то даҳ сол.

Ҳамин тариқ, чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки ҳадди ниҳоии ҷазо дар шакли маҳрумият аз озодӣ барои ноболиғон дар аксари кишварҳои пасошӯравӣ 10 сол муқаррар гардидааст.

Аз гуфтаҳои боло ба хулосае омадан мумкин аст, ки синну соли шахси ноболиғе, ки ҷиноят содир кардааст, ҳудуди ҷавобгарии ҷиноятиро хеле кам мекунад, дар баробари ин ба шахси гунаҳгор татбиқи намудҳои махсуси озодкуниро аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо имкон медиҳад.

**Субъекти махсус дар таркиби ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт.** Яке аз ҷиноятҳое, ки ба муқобили ҳаёт нигаронида шуда, дорои субъекти махсус мебошад ин куштори кӯдаки навзод аз ҷониби модар маҳсуб меёбад. Бояд тазаккур дод, ки ҳуқуқи байналмиллалии муосир хурдтарин кафолатҳои ҳифзи ҳаёти кӯдаконро дар бар мегирад, вале масъалаи додани ҳуқуқи кӯдаки таваллуднашударо ба ҳаёт танзим намекунад ва ҳалли онро ба салоҳияти давлатҳои алоҳида вогузор менамояд. Дар ин росто, ягона хусусияти умумии қонунгузории ҷиноятии хориҷӣ муқаррар кардани ҷавобгарӣ барои куштори кӯдаки таваллудшуда ва исқоти ғайриқонунии ҳамл мебошад. Дар акси ҳол, танзими ҳуқуқии ин масъалаҳо дар кишварҳои гуногун бо хусусияти худ фарқ мекунад. Тамоюлҳои ташаккули меъёрҳо дар бораи ҷавобгарӣ барои куштори кӯдаки навзод аз ҷониби модари ӯ низ якранг намебошанд.

Масъалаи мазкур дар қонунгузории кишварҳои хориҷӣ танзими ҳуқуқии худро ёфтааст. Аз ҷумла, масъалаи мазкур дар қонунгузории

ҷиноятии Ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон [12], Белоруссия [9], Молдова [11], Қазоқистон [10], Қирғизистон [5], Туркманистон [14] ва Озарбойҷон [4] муқаррар шуда, барои он ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ гардидааст. Масалан КҶ Ҷумҳурии Полша [7] дар м. 149 куштори кӯдаки навзодро аз ҷониби модар ҳангоми таваллуд дар зери таъсири раванди таваллуд ҷиноят муқаррар намуда, барои он ҷавобгарии ҷиноятӣ дар шакли маҳрум сохтан аз озодӣ аз 3 моҳ то 5 сол пешбинӣ кардааст. Тамоюли мусбати инкишофи қонунгузории ҷиноятии кишварҳои хориҷӣ дар он ифода меёбад, ки ҳуқуқи кӯдак ба ҳаёт дар баробари модар ва муқаррар намудани ҷавобгарӣ барои суйиқасд ба ҷанин, махсусан аз марҳилаи муайяни инкишофи он эътироф гардида истодааст. Пурзӯр намудани ҷазо барои қатли кӯдаки таваллудшуда ҳамчун ҷабрдидаи, махсусан, осебпазир ва ворид намудани меъёрҳо ба қонунгузории ҷиноятӣ барои пешгирии ҷиноятҳои зидди ҳаёти кӯдакон то таваллуд ва баъд аз таваллуд ба принсипи манфиатҳои беҳтарини кӯдак ба муҳофизати самарабахштари он, аз ҷумла аз кирдори падару модари худ мусоидат мекунад [133, с. 31].

Бо дарназардошти он, ки амалияи тафтишотӣ ва судӣ ҳатто бо назардошти гузаронидани экспертизаи ҳамаҷонибаи судиву равоншиносӣ-равонпизишкӣ, ки барои ҳалли ҳамаи масъалаҳои дар боло зикршуда кифоят намекунад, ба баҳодиҳии куштори кӯдаки навзод аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ душворӣ эҷод намуда, зарурати мантиқии ворид намудани тағйироту иловаро ба моддаи кунунии 106 КҶ Федератсияи Россия пеш меорад. Дар акси ҳол ба мақсад мувофиқ будани мавҷудияти он ҳамчун таркиби ҷинояти сабуккунанда минбаъд ҳам ба натиҷаҳои мурофиаи ҷиноятӣ таъсир мерасонад [188, с. 7-8].

Умуман, таҳлили қонунгузории ҷиноятии кишварҳои хориҷӣ дар соҳаи ҳифзи ҳаёти кӯдак пеш аз таваллуд ва баъд аз таваллуд ба мо имкон медиҳад, ки хусусиятҳои манфӣ ва мусбати он, принсипи манфиатҳои олии кӯдакро нишон диҳем. Дар қонунгузории ҷиноятии як қатор кишварҳо

мавҷуд набудани меъёр дар бораи ҷавобгарӣ барои бисёр ҳолатҳои эҳтимолии исқоти ғайриқонунии ҳамл ба талаботи ҳуқуқи байналмилалӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқии кӯдак то таваллуд мувофиқат намекунад.

**Субъекти махсус дар таркиби ҷиноятҳо ба муқобили саломатӣ.** Истифодаи дастовардҳои илму техникаи муосир ба он мусоидат мекунад, ки муносибатҳои дар ин соҳа инкишофёфта дар танзими ҳуқуқӣ гуногун ва аксаран мураккабтар мешаванд. Бо назардошти робитаи онҳо бо арзишҳои бунёдӣ, аз қабили ҳаёт ва саломатии инсон, саволҳо дар бораи ҷавобгарӣ ҳангоми расонидани зарар торафт бештар ба миён меоянд.

Масъалаи субъекти махсус дар ҷиноятҳо ба муқобили саломатӣ дар қонунгузории кишварҳои пасошӯравӣ ба таври васеъ танзим гардидааст. Дар адабиёт қайд мегардад, ки «дар Ҷумҳурии Белоруссия чун Федератсияи Россия, таҷрибаи ба ҷавобгарии гражданӣ кашидани шахси гунаҳгор ба қадри кофӣ инкишоф ёфтааст ва васеъ паҳн шудааст. Аммо агар ин кирдор ҷиноят бошад, шахс ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад. Барои қонунгузории ҷиноятии муосир масъалаи ҷавобгарии кормандони соҳаи тиб барои вайрон кардани уҳдадориҳои касбӣ муҳим буда, зарурати гузаронидани тадқиқоти илмиро бо мақсади такмил додани қонунгузории ҷиноятӣ пешакӣ муайян мекунад» [33].

Тибқи иттилои «Маркази иттилоотии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Белоруссия дар давоми солҳои 2001 то соли 2019 дар ҷумҳурӣ ҷиноятҳои ягона, ки кормандони соҳаи тиб дар ҷараёни фаъолияти касбии худ содир кардаанд, ба қайд гирифта, тафтиш карда шудаанд. Нишондиҳандаҳои баландтарин барои исқоти ғайриқонунии ҳамл (м. 156-и КҶ Ҷумҳурии Белоруссия) ду ҷиноят дар солҳои 2001, 2002, 2005, 2014 ва барои нарасонидани ёрии тиббӣ, нигоҳубини бемор (м. 161 Кодекси ҷиноятии Белоруссия) чор ҷиноят дар соли 2002, се ҷиноят дар соли 2004, панҷ ҷиноят дар соли 2007 ба қайд гирифта шудааст» [158, с. 105-120; 180, с. 90-94; 160, с. 3-14; 247, с. 8].

Қонунгузории ҷиноятии Белоруссия [9] ҷиноятҳои дорои субъекти махсусро дар соҳаи тандурустӣ чунин муқаррар кардааст: м. 156 «Исқоти ғайриқонунӣ»; м. 159 «Дар хатар мондан»; м. 161 «Нарасонидани ёрии тиббӣ ба шахси бемор»; м. 162 «Иҷрои номатлуби уҳдадориҳои касбии корманди тиб»; м. 164 «Вайрон кардани тартиби пайвандсозӣ»; м. 178 - «Ифшои сирри тиббӣ»; м. 184 «Ҷойгиркунии ғайриқонунӣ дар беморхонаи бемориҳои рӯҳӣ»; м. 335 «Муолиҷаи ғайриқонунии тиббӣ»; м. 348 - «Ғайриқонунӣ гирифтани узвҳо ё бофтаҳо аз донори фавтида». Ҷиноятҳои номбурда ба таври шабеҳ дар қонунгузории ҷиноятии Федератсияи Россия [13], Ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон [12], Қазоқистон [10], Туркманистон [14], Озарбойҷон [4] ва ғайра низ муқаррар шудааст.

Меъёрҳои шабеҳ дар қонунгузории ҷиноятии Арманистон, Қирғизистон ва Украина ба назар мерасанд. Масалан, озмоишҳои ғайриқонунӣ дар бораи шахс, ки дар м. 127-и КҶ Ҷумҳурии Арманистон [8], м. 153-и КҶ Қирғизистон [5], м. 142-и КҶ Украина як қатор ҳолатҳо ҳамчун таркибҳои асосӣ ва бандубаст ва бандубасти махсус таҳия шудаанд, ки ҷазои то шаш соли маҳрум сохтан аз озодиро пешбинӣ мекунанд. Қонунгузори Арманистон оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои содир кардани амалҳои мамнӯъ бо ҷанин (м. 156-и КҶ) [8] меъёри дахлдор пешбинӣ кардааст, ки он дар шакли ҷавобгарӣ барои бордоркунии ғайриқонунии сунъӣ, имплантатсияи ғайриқонунии ҷанин дар м. 136-и КҶ Ҷумҳурии Озарбойҷон [4] ва м. 161-и КҶ Молдова [9] низ муқаррар шудааст.

Хуллас, аз таҳлили қонунгузории кишварҳои пасошӯравӣ чунин натиҷагирӣ кардан мумкин аст, ки ҳифзи саломатӣ ҳамчун объекти қонунгузории ҷиноятии кишварҳои пасошӯравӣ маҳсуб ёфта, ҷиноятҳои дахлдорро оид ба ҳифзи онҳо муқаррар кардаанд. Зеро ки содир шудани чунин ҷиноятҳо, ки дорои субъекти махсус мебошанд, ба ҷомеа хатари калон ворид менамоянд.

**Субъекти махсус дар таркиби ҷиноятҳо ба муқобили озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ.** Қонунгузории кишварҳои пасошӯравӣ ба ташаккули як қатор кирдорҳое, ки ҷиноятҳои зидди озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсиро ташкил медиҳанд, ба таври гуногун муносибат кардаандд. Мазмуни меъёрҳои зидди озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ дар кишварҳои гуногун ба таври назаррас фарқ мекунад. Дар аксари қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ ҷиноятҳои зидди дахлнопазирии ҷинсӣ ва озодии ҷинсии шахс дар як боб (ё воҳиди дигари сохторӣ) бо ҷиноятҳои марбут ба муомилоти маҳсулоти порнографӣ ва ҷалб намудан ба танфурӯшӣ омехта шудаанд.

Дар Кодексҳои ҷиноятии аксари кишварҳои пасошӯравӣ таҷовуз ба номус ҳамчун алоқаи ҷинсӣ бо истифодаи зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он нисбат ба ҷабрдида ё шахсони дигар, ё бо истифода аз ҳолати оҷизии ҷабрдида содиршуда фаҳмида мешавад.

М.С. Гусарова қайд мекунад, ки «ба фикри мо, сарфи назар аз характери умумии ҳуқуқии меъёрҳои зидди озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсии шахс ва як қатор кирдорҳои зиддиахлоқӣ, якҷоя дохил кардани онҳо дар боби 18 КҶ Федератсияи Россия нодуруст мебошад. Дар баробари ин, сохтор ва мазмуни меъёрҳои ин бобҳо ислоҳоти минбаъдаро талаб мекунад, ки он бояд ба таври комплексӣ ба амал бароварда шавад» [163, с. 161].

Тибқи талаботи моддаи 120 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Қазоқистон [10] таҷовуз ба номусро алоқаи ҷинсӣ бо истифодаи зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он нисбати ҷабрдида ё шахсони дигар, ё бо истифода аз ҳолати оҷизии ҷабрдида муайян кардааст.

Кирдор нисбати ноболиғон дар матни меъёрҳо, чун қоида, дар муқоиса бо ҳамин кирдорҳо нисбат ба калонсолон, ба таври муфассал ва дар айни замон шумораи бештари кирдорҳоро дар бар мегирад [163, с. 161].

Дар асоси мазмуни муқаррароти КҶ Ҷумҳурии Полша [7] мо метавонем чунин хулоса барорем, ки таҷовуз ба номус дар ин ҷо мафҳуми умумиест, ки ҳам алоқаи ҷинсӣ ва ҳам амалҳои шаҳвониро дар бар мегирад. Нисбати ноболиғон дар қонуни ҷиноятии Полша муқаррар шудааст, ки касе ки ноболиғи то 15-соларо ба алоқаи ҷинсӣ ва ё ҳолате ки вай ба содир кардани кирдорҳои шаҳвонӣ нисбат ба ӯ, ё ҳангоми содир кардани чунин кирдорҳо водор мекунад, бо маҳрум кардан ба муҳлати аз як то 10 сол ҷазо дода мешавад (м. 200).

Қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Латвия [15] низ кирдорҳои ҷиноятии баррасишавандаро дар як боб «Ҳаракатҳои ҷиноятӣ бар зидди ахлоқ ва дахлнопазирии ҷинсӣ» муттаҳид мекунад. Ин боб ҳаракатҳои марбут ба таҷовуз ба номус, танфурӯшӣ ва маҳсулоти порнографиро дар бар мегирад. Тавсифи муқаррароти ин меъёрҳо мухтасар буда, дар матни қонун ягон мафҳум ифода нашудааст.

Дар КҶ Ҷумҳурии Белоруссия [9] ҷиноятҳои зидди озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ дар боби 20 мутаҳид шудаанд, ки бар иловаи таҷовуз ба номус ва дигар ҳаракатҳои зӯроварии шаҳвонӣ, дорои як меъёрест, ки нигоҳдории фоҳишахона, даллагӣ ва занҷалобиро манъ мекунад. Дар боби 21 бошад ҷиноятҳо бар зидди муносибатҳои оилавӣ ва манфиатҳои ноболиғон, аз ҷумла паҳн кардани мавод ё ашёи порнографӣ пешбинӣ шудаанд. Қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Молдова [11] чунин кирдорҳоро дар боби 4 «Ҷиноятҳои марбут ба соҳаи ҷинсӣ» муттаҳид кардааст.

Ҳамин тавр, зимни таҳлили меъёрҳои дахлдори қонунгузории давлатҳои хориҷӣ ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки субъекти кирдорҳои мавриди назар, чун қоида, дорои аломатҳои махсус мебошанд. Дар кишварҳои пасошӯравӣ алоқаи ҷинсӣ бо ноболиғ ва дигар ҳаракатҳои дорои хусусияти шаҳвонӣ таркиби ягонаро ташкил медиҳанд. Дар асл, ҷиноятҳои зӯроварии ҷинсӣ дар дохили оила аз ҷониби шахси фаъол,

одатан мард содир карда мешавад. Дар бисёре аз кишварҳои хориҷӣ барои ҷиноятҳои шаҳвонӣ нисбат ба ноболиғон аз ҷониби хешовандон, намояндаи қонунӣ ё шахси дигаре, ки ноболиғ дар ҳолати вобастагӣ қарор дошт, ҷавобгарии зиёд пешбинӣ шудааст.

Кодексҳои ҷиноятии як қатор кишварҳо, аз ҷумла Федератсияи Россия [13], Ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон [12], Туркманистон [14], Озарбойҷон [4] ва ғайра низ масъалаи субъекти махсусро дар ҷиноятҳои шаҳвонӣ ба таври шабеҳ муқаррар кардаанд. Аз ҷумла, масъалаи мазкур дар м. 149 КҶ Ҷумҳурии Озарбойҷон, м. 166 КҶ Ҷумҳурии Белоруссия, м. 152 КҶ Украина ва дигар кишварҳо муқаррар шудааст.

Таҳлили қонунгузории ҷиноятии давлатҳои пасошӯравӣ нишон медиҳад, ки дар маҷмӯъ дар онҳо манъи алоқаи ҷинсии хешутаборӣ пешбинӣ нашудааст. Аммо, дар баробари ин дар кодексҳои ҷиноятии як қатор кишварҳо (масалан, Украина, Молдова ва Ӯзбекистон) чунин меъёрҳо мавҷуд мебошанд. Дар қонунгузории ҷиноятии ин кишварҳо муқаррар намудани чораҳои баланд бардоштани ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳои ҷинсӣ дар байни хешовандони наздик (инцест) ё бо истифода аз нашъамандӣ содиршуда (нисбат ба васоят ё шахсе, ки барои тарбияи ҷабрдида ё нигоҳубини ӯ масъул аст) асоснок ба назар мерасад, зеро он хавфи баланди ба ҷамъият хавфнокии ин гуна кирдорҳоро инъикос мекунад. Бинобар ин, пешниҳод мегардад, ки дар КҶ ҶТ ба ҷинояти мазкур моддаи алоҳида ҷудо карда шавад, зеро аломати хешутабори субъекти онро махсус мегардонад.

Дар ҳамин ҳол, дар кишварҳои пасошӯравӣ байни алоқаи ҷинсӣ бо ноболиғ ва таҷовуз ба номус бо истифода аз ҳолати оҷизонаи ҷабрдида маҳдудияти синну соли дақиқ муқаррар нашудааст. Дар ин кишварҳо масъалаи бандубасти кирдорро суд дар ҳар як ҳолати мушаххас мувофиқи принсипи хираднокӣ ҳал мекунад: «агар ҷабрдида маъно ва моҳияти кирдорҳои бо ӯ содиршударо дарк накарда бошад кӯдакӣ ё заифии рӯҳии

ӯ, ҷинояти содиркардаи ҷинояткор бояд ҳамчун таҷовуз ба номус ё ҳаракатҳои зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ бо истифода аз ҳолати оҷизонаи ҷабрдида баҳо дода шавад» [55, с. 262].

Таҳлили қонунгузории пасошӯравӣ дар соҳаи ҳифзи озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсии шахс, нишон медиҳад, ки аз рӯйи санксияҳо байни таҷовузи ҷинсӣ нисбат ба калонсолон ва ноболиғон тафовут ҷой дорад. Дар баробари ин, бо назардошти аломатҳои объективии зикргардидаи ин меъёрҳо зарур аст, ки аз рӯйи асосҳои субъективӣ тавзеҳоти иловагӣ анҷом дода шавад.

Ҳамин тариқ, ба ақидаи А. Хоменко, танҳо шахси болиғ метавонад дар содир намудани ҷинояти зӯроварӣ нисбат ба ноболиғ аз рӯйи аломатҳои бандубаст гунаҳгор дониста шавад [214, с. 15]. А. Мартиросян чунин меҳисобад, ки «гунаҳгор сохтани шахс дар содир кардани ҷиноятҳои зӯроварии ҷинсӣ нисбати ноболиғон бояд ба шарте сурат гирад, ки ҷинояткор аз ҷабрдида калонтар (ду сол) бошад» [236, с. 11-13]. Мо ба андешаи мазкур розӣ шуда наметавонем. Зеро зуровари ҷисмонию шаҳвонӣ аз синну сол нею, балки аз инкишофи ҷисмонию равонӣ ва ақлонии шахс вобаста мебошад.

Ҳамин тавр, зимни таҳлили қонунгузории ҷиноятии як қатор мамлакатҳои пасошӯравӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятии субъекти махсус ба хулосаҳои зерин омадан мумкин аст:

Якум, ҷиноятҳои шаҳвонӣ (таҷовуз ба номус, амалҳои ношоиста ва ғ.) дар аксари қонунгузориҳое, ки мо баррасӣ кардем, ҳамчун ҷиноятҳои марбут ба танфурӯшӣ ва маҳсулоти порнографиро дар ҳамон як боб мутаҳид кардаанд. Табиати умумии ҳуқуқии ин кирдорҳо дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ низ ҷой дорад.

Дуюм, ҳолатҳое, ки дар меъёрҳои қонунгузории давлатҳои пасошӯравӣ оид ба ҷиноятҳои дорои хусусияти шаҳвонӣ, инчунин оид ба ҷиноятҳои танфурӯшӣ ва паҳн кардани маводҳои порнографӣ муқаррар

шудаанд, вобаста ба ақаллияти ҷабрдида хусусиятҳои назаррас доранд. Баъзе кирдорҳо (масалан, паҳн кардани маводи порнографӣ ё ҷалб намудан ба танфурӯшӣ) танҳо дар сурате ҷазо дода мешаванд, ки онҳо алайҳи ноболиғон равона шуда бошанд. Дар як қатор қонунгузорӣ меъёрҳои баррасишуда ин кирдорҳое ба ҳисоб мераванд, ки нисбати ноболиғон содир шуда, як воҳиди мустақили сохториро ташкил медиҳанд, ки ин имкон медиҳад, ки махсусияти ҷиноятҳои зидди ноболиғон ҳамчун категорияе, ки ҳифзи бештарро талаб мекунанд, равшантар ифода карда шаванд.

Сеюм, дар қисми зиёди қонунгузории давлатҳои пасошӯравӣ барои ҷиноятҳои ҷинсӣ нисбат ба ноболиғон аз ҷониби хешовандон, намояндаи қонунӣ ё шахси дигаре, ки ноболиғ дар тобеъияти онҳо қарор дорад, ҷавобгарии бештар пешбинӣ шудааст.

Чорум, дар доираи боби «Ҷиноятҳо бар зидди озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ», бояд як қатор меъёрҳои мустақил оид ба ҷиноятҳои ҷинсӣ нисбати ноболиғон таҳия карда шаванд, ки имкон медиҳад, манъи ҷиноятӣ-ҳуқуқии содир намудани кирдорҳо дар соҳаи дахлнопазирии ҷинсӣ бо назардошти хусусияти ҷабрдидагон муқаррар карда шаванд.

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки дар қонунгузории ҷиноятии аксари кишварҳои пасошӯравӣ муқаррар намудани чораҳои баланд бардоштани ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳои ҷинсӣ дар байни хешовандони наздик (инцест) ё бо истифода аз нашъамандӣ содиршуда (нисбат ба васоят ё шахсе, ки барои тарбияи ҷабрдида ё нигоҳубини ӯ масъул аст) асоснок ба назар мерасад, зеро он хавфи баланди ба ҷамъият хавфнокии ин гуна кирдорҳоро инъикос мекунад. Бинобар ин, пешниҳод мегардад, ки дар КҶ ҶТ ба ҷинояти мазкур моддаи алоҳида ҷудо карда шавад, зеро аломати хешутаборӣ субъекти онро махсус мегардонад.

**Субъекти махсус дар таркиби ҷиноятҳои мансабӣ.** Дар доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ диққат ба он ҷалб шудааст, ки «дар давлатҳои пасошӯравӣ

ба бисёре аз масъалаҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ягонагии муносибатҳо ҷой доранд. Дар баробари ин, таҳлили низоми сохташудаи ҷиноятҳои мансабӣ ба чунин хулосае асос медиҳад, ки ба масъалаи ягонакунии онҳо ва ба расмият даровардани аломатҳои ҳуқуқии ҷиноятҳои мансабӣ дар қонун муносибати ягона вуҷуд надорад. Дар ин хусус, таҳлили муқоисавии унвонҳои бобҳое, ки ҷиноятҳои мансабиро муттаҳид менамоянд, равшан шаҳодат медиҳад. Ҷиноятҳои мансабӣ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ дар тамоми кишварҳои ҷаҳони муосир вуҷуд доранд ва мушкилоти ҷавобгарии ҷиноятии шахсони содиркунандаи ин ҷиноятҳо дар кишварҳои хориҷӣ, сарфи назар аз сохтори сиёсии онҳо, аҳаммияти худро нигоҳ медорад» [128, с. 53].

Мафҳуми суистифода аз мақоми хизматӣ дар м. 301 Кодекси ҷиноятии намунавӣ, ки санади қонунгузории моделӣ (тавсиявӣ)-и ИДМ ба ҳисоб меравад, чунин муқаррар гардидааст, яъне аз ҷониби хизматчии давлатӣ истифода бурдани ваколатҳои ба ӯ додашуда бар хилофи манфиатҳои хизматрасонӣ, агар он аз рӯйи манфиатҳои ғаразноки дигари шахс ё гурӯҳ содир шуда бошад ва боиси ба таври назаррас поймол шудани ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, ташкилот, ҷамъият ё давлат гардида бошад [200, с. 151-158]. Мафҳуми мазкур барои муайян намудан ҷинояти суистифода аз мақоми хизматӣ, ҷиҳати такмили қонунгузории ҷиноятии кишварҳои аъзои ИДМ меъёри роҳнамосозанда мебошад.

Масъалаи субъекти махсус дар ҷиноятҳои мансабӣ танзими васеъи ҳуқуқии худро дар қонунгузории ҷиноятии кишварҳои пасошӯравӣ ёфтааст. Масалан, боби 29 КҶ Арманистон «Ҷиноятҳо бар зидди хизмати давлатӣ», боби 33 КҶ Литва [6] «Ҷиноятҳо ва кирдорҳои ҷиноятӣ бар зидди хизмати давлатӣ ва манфиатҳои ҷамъиятӣ», боби 24 КҶ Латвия «Кирдорҳои ҷиноятӣ дар соҳаи хизмати муассисаҳои давлатӣ», боби 15 КҶ Молдова «Ҷиноятҳое, ки шахсони мансабдор содир мекунанд» ном доранд. Номи бобҳои қонунгузории кишварҳои пасошӯравиро оид ба ҷиноятҳои

мансабӣ таҳлил намуда, А.В. Грошев қайд мекунад, ки «ҳамаи унвони бобҳои қонунгузории кишварҳои пасошӯравӣ категорияи «давлатӣ»-ро истифода мебаранд, ки боиси хулосаи мазмуни объекти ҷиноятҳои мансабӣ, яъне манфиатҳои хизмати давлатӣ мегардад» [161, с. 15-24].

Агар мо қонунгузории ҷиноятии Федератсияи Россияро назар афканем, дар боби 30 («Ҷиноятҳо бар зидди ҳокмияти давлатӣ»), фасли 10 Кодекси ҷиноятиаш ба ҷиноятҳо ба зидди ҳокимияти давлатӣ мансабӣ бахшида шудааст. Бо назардошти ин, ҷиноятҳои мазкурба манҷиатҳои ҳокимияти давлатӣ, ки объекти умумиашон муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки ба муқобили ҳокмияти давлатӣ равон гардидаанд.

Дар қонунгузории аксарияти мамлакатҳои кишварҳои пасошӯравӣ дар мафҳуми ҷиноятҳои мансабӣ кормандони дастгоҳи маъмурии ташкилоти тиҷоратӣ ҳамчун субъект, ки дар иҷрои вазифаҳои хизматиашон ба суиистифода роҳ додаанд, шомил шуда, вале дар мавқеи эътироф намудани роҳбарони корхонаҳои давлатӣ ҳамчун шахсони мансабдор боқӣ мондааст [208, с. 175-177]. Мисли қонунгузории ҷиноятии Федератсияи Россия, КҶ Ҷумҳурии Қазоқистон дар самти ҷиноятҳои мансабӣ аз ду боби алоҳида иборат аст: боби 8 «Ҷиноятҳо бар зидди манфиатҳои хизмат дар ташкилотҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳо» ва боби 13 «Ҷиноятҳо бар зидди манфиатҳои хизмати давлатӣ».

Масалан, дар КҶ Латвия танҳо унсурҳои умумии суистифода мутаносибан «Суистифода аз мақоми хизматӣ» (м. 318) ҷудо карда шудааст. Бо вуҷуди ин, КҶ Арманистон ду унсури алоҳидаи суистифодаро ҷудо мекунад: м. 308 «Суистифода аз ваколати мансабӣ» ва м. 375 «Суистифода аз ҳокимият, зиёдатӣ ё беамалии ҳокимият». Дар КҶ Молдова ба ҷуз аз таркиби умумии суистифода аз ҳокимият ё мақоми хизматӣ (м. 327) як меъёри махсус «Ба даст овардани фоида аз таъсиррасонӣ» (м. 326) муқаррар карда шудааст.

Дар хусуси мафҳуми шахси мансабдор муносибати оқилона ба КҶ Ҷумҳурии Белоруссия хос мебошад, зеро мафҳуми шахси мансабдор дар қисми умумии он қайд карда шудааст. Масалан, тибқи қ. 4, м. 4-и Кодекси мазкур ба шахсони мансабдор дохил мешаванд:

1) намояндагони мақомоти ҳокимият, яъне вакилони Палатаи намояндагони Маҷлиси миллии Ҷумҳурии Беларуссия, аъзои Шӯрои ҷумҳуриявии Маҷлиси миллии Ҷумҳурии Беларуссия, вакилони Шӯроҳои маҳаллии вакилон, инчунин хизматчиёни давлатӣ, ки ҳуқуқ доранд дар доираи салоҳияти худ нисбат ба шахсоне, ки дар хизмат тобеи онҳо нестанд, фармон ё амр диҳанд ва қарор қабул кунанд;

2) намояндагони ҷамъият, яъне шахсоне, ки дар хизмати давлатӣ нестанд, вале бо тартиби муқарраршуда ваколати намояндаи ҳокимият дар иҷрои вазифаҳои ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ, мубориза бар зидди ҳуқуқвайронкуниҳо ва ба амал баровардани адолати судӣ ба онҳо дода шудааст;

3) шахсоне, ки дар муассисаҳо, ташкилотҳо ё корхонаҳо (сарфи назар аз шакли моликият), дар Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Беларуссия, дигар қӯшунҳо ва воҳидҳои ҳарбии Ҷумҳурии Беларуссия вазифаҳои вобаста ба иҷрои вазифаҳои ташкилӣ-тартиботӣ ё маъмурӣ-хоҷагидорӣ ё шахсоне, ки ба таври бояду шояд ба иҷрои амалҳои аҳамияти ҳуқуқӣ дошта ваколатдор шудаанд;

4) шахсони мансабдори давлатҳои хориҷӣ, яъне шахсоне, ки мутобиқи қонунгузории ин давлатҳо дорои ваколатҳое мебошанд, ки ба ваколатҳои дар сархатҳои 1-3 ҳамин қисм пешбинишуда баробаранд, аз ҷумла ҳакамон ва судяҳо, инчунин шахсони мансабдори ташкилотҳои байналмилалӣ, аъзоёни ассамблеяҳои байналхалқии парламентӣ, судяҳо ва шахсони мансабдори судҳои байналхалқӣ.

Боби 35 Кодекси ҷиноятии Белоруссия «Ҷиноятҳо ба бар зидди манфиатҳои хизматӣ» ном гирифта, дорои 10 модда аст: суистифода аз

ваколат ё мақоми хизматӣ ( м. 424), беамалии шахси мансабдор (м. 425), суистифода аз ваколат ё мансаб (м. 426), сохтакорӣ (м. 427), хунукназарӣ (м. 428), иштироки ғайриқонунӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ (м. 429), гирифтани пора (м. 430), додани пора (м. 431), миёнаравӣ дар порахӯрӣ (м. 432), гирифтани мукофоти ғайриқонунӣ аз тарафи корманди дастгоҳи давлатӣ (м. 433).

Дар адабиёти ҳуқуқӣ аз нигоҳи назарявӣ таснифоти шахсони мансабдор муайян шудааст. Аз ҷумла, «номгӯйи шахсони мансабдорро иборат аз чор гурӯҳ Б.В. Волженкин қайд кардааст» [155, с. 13]. Новобаста аз ин, қонунгузории кишварҳои пасошӯравӣ тартиби хоси худро муқаррар кардаанд. Масалан, қонунгузории ҷиноятии Озарбойҷон низ ба чунин категорияҳо, аз қабили «вазифаҳои намояндаи ҳокимият», «маъмурӣ-иқтисодӣ» ва «функсияҳои ташкилию маъмурӣ» асос ёфтааст (м. 308.2 КҶ Ҷумҳурии Озарбойҷон). Мутобиқи қ. 3, м. 308-и КҶ Арманистон ба субъектҳои суистифода аз ваколатҳои мансабӣ инҳо дохил мешаванд:

1) шахсоне, ки вазифаи намояндаи ҳокимиятро доимӣ, муваққатӣ ё бо ваколати махсус иҷро мекунанд;

2) шахсоне, ки дар мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, ташкилоти онҳо, инчунин дар Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Арманистон, дигар қӯшунҳо ва воҳидҳои ҳарбии Ҷумҳурии Арманистон ба таври доимӣ, муваққатӣ ё бо ваколатҳои махсус вазифаҳои ташкилӣ, маъмурӣ, хоҷагидориро иҷро мекунанд.

Бояд тазаккур дод, ки КҶ Ҷумҳурии Ӯзбекистон боби алоҳида оид ба ҷиноятҳои мансабӣ муқаррар накардааст. Ҷиноятҳои мансабӣ ба боби «Ҷиноятҳо бар зидди тартиботи идоракунӣ» дохил карда шуда, ин ҷиноятҳоро дар бар мегирад: суистифода аз ваколати мансабӣ (м. 205), суистифода аз ҳокимият (м. 206), хунукназарии хизматӣ (м. 207), беамалии мақомот (м. 208), сохтакорӣ (м. 209), гирифтани пора (м. 210), додани пора

(м. 211), миёнаравӣ дар додани пора (м. 212), пора додан ба корманд (м. 213), тамаъҷӯӣ, мукофотҳои пулӣ (м. 214).

Дар мавриди КҶ Ҷумҳурии Қирғизистон бошад, он дар фасли «Ҷиноятҳо алайҳи ҳокимияти давлатӣ» боби 30 - «Ҷиноятҳои мансабӣ» пешбинӣ шудааст. Субъекти ин ҷиноятҳо шахсони мансабдор мебошанд. Мафҳуми шахси мансабдор аз ҷиҳати мазмун ба мафҳуми шахси мансабдоре, ки дар КҶ Федератсияи Россия дода шудааст, шабоҳат дорад, танҳо ҳангоми тавсифи вазифаҳо, дар баробари вазифаҳои ташкилӣ, маъмурӣ ва хоҷагӣ, инчунин вазифаҳои назоратӣ ва санҷишӣ низ ном бурда мешаванд, ки ба фикри мо, хислатҳои шахси мансабдорро оқилона тавсиф мекунад.

Дар КҶ Украина ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти хизматӣ дар фасли 17 пешбинӣ гардидаанд, аз ҷумла: сӯиистифода аз ваколат ё мақоми хизматӣ (м. 364), суистифода аз ҳокимият ё ваколати мансабӣ (м. 365), сохтакории хизматӣ (м. 366), хунукназарии хизматӣ (м. 367), гирифтани пора (м. 368), додани пора (м. 369), иғво ба додани ришва (моддаи 370).

Ба андешаи А.В. Грошев, «хусусияти бархӯрди қонунгузории ҷиноятии Эстония дар он зоҳир мешавад, ки вай бар хилофи аксари қонунҳои ҷиноятии дигар давлатҳо шахсони мансабдореро эътироф мекунад, ки вазифа ва уҳдадориҳои дар боло зикршударо ҳам дар муассисаҳои давлатӣ ва ҳам хусусӣ иҷро мекунанд. Дар баробари ин, нишондоди монанд дар эзоҳи м. 364-и КҶ Украина ба назар мерасад. Аммо, бар хилофи дигар сарчашмаҳои ҳуқуқи ҷиноятии пасошӯравӣ дар қ. 2 ин ёддошт шахсони мансабдор «...хориҷиён ё шахсони бешаҳрвандиро, ки уҳдадориҳои дар б. 1 ҳамин ёдошт зикршударо иҷро мекунанд» дохил мешаванд" [161, с. 15-24].

Шарҳи ҳуқуқии категорияи «хизматчии давлатӣ» КҶ Литва дар як меъёри алоҳида муқаррар кардааст (м. 230). Тибқи он гурӯҳи хизматчиёни давлатӣ инҳо шомиланд: «шахсоне, ки вазифаҳои хизмати давлатиро иҷро

мекунанд - сиёсатмадорони давлатӣ, кормандони мақомоти идоракунии давлатӣ, инчунин дигар шахсоне, ки дар муассисаҳои давлатӣ кор мекунанд, ҳамзамон шахсоне, ки дар мақомот ё муассисаҳои ҳокимияти маҳаллӣ, дар мақомоти судӣ, ҳифзи ҳуқуқ ё дар мақомоти назорати давлатии ба онҳо баробаркардашуда, баробари номзадҳои мансабдорони ин вазифаҳо вазифаи намояндаи мақомот ё ваколатҳои маъмуриро иҷро мекунанд» [161, с. 21-22]. Илова бар ин, кормандони давлати хориҷӣ, ташкилоти ҷамъиятии байналмилалӣ ё судҳои байналмилалӣ, инчунин номзадҳои расмии ин вазифаҳо ба ин шахсон баробар карда мешаванд. Мавқеи қонунгузории Литва бо қонунгузории ҷиноятии Латвия ва Украина дар ин қисм мувофиқ мебошад.

Дар натиҷаи таҳлили масъалаи ҷавобгарии ҷиноятии субъекти махсус мутобиқи қонунгузории кишварҳои пасошӯравӣ чунин хулосаҳо баровардан мумкин аст:

1. Ҷавобгарии субъекти махсуси ҷиноят яке аз масъалаҳои мубрами назария ва амалияи ҳуқуқи ҷиноятӣ маҳсуб ёфта, таваҷҷуҳи олимони зиёдеро ба худ ҷалб намудааст. Мавриди зикр аст, масъалаи баррасишаванда на танҳо дар қонунгузории ҷиноятии миллӣ, балки дар қонунгузории кишварҳои хориҷӣ низ мавқеи намоён дорад. Қонунгузории кишварҳои хориҷӣ имконият медиҳад, ки ҷанбаҳои алоҳидаи масъалаи ҷавобгарии субъекти махсуси ҷиноятӣ дар қонунгузори кишварҳои хориҷӣ аниқ карда шуда, бо қонунгузории миллӣ мавриди таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ қарор дода шавад. Бинобар ин, омӯзиши таҷрибаи қонунгузории кишварҳои хориҷӣ доир ба ҷавобгарии субъекти махсуси ҷиноят яке аз масъалаҳои мубрам ба ҳисоб меравад.

2. Сарфи назар аз он ки муайян кардани равиши ягонаи ташаккули мафҳуми шахси мансабдор дар давлатҳои пасошӯравӣ ғайриимкон буд, то ҳол як қатор муқаррароте мавҷуд мебошад, ки ба мо имкон медиҳанд хулосаи умумӣ барорем. Пеш аз ҳама, муносибати функсионалии муайян

кардани аломатҳои шахси мансабдор боқӣ мемонад. Шарҳи васеи иҷрои уҳдадориҳои хизматӣ бо назардошти иҷрои доимӣ, муваққатӣ ё иҷрои онҳо дар доираи салоҳияти махсус истифода мешавад. Тамоюли ба шахсони мансабдор тасниф намудани на танҳо субъектҳои хизмати давлатӣ, балки хизматрасонӣ дар сохторҳои хусусӣ низ вуҷуд дорад. Дар қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ гурӯҳи ҷиноятҳои мансабӣ чун анъана ҷудо карда шудаанд. Барои номгузории ин боб (фасл)-ҳо муносибати умумӣ ташаккул наёфтааст, аммо мазмуни муносибатҳои ҷамъиятии ҳифзшаванда, манфиатҳои хизмати давлатӣ дар онҳо унсури муттаҳидкунанда мебошад.

3. Баррасаии қонунгузории ҷиноятии кишварҳои хориҷӣ, аз ҷумла кишварҳои аъзои ИДМ ба монанди Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Беларуссия, Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Қирғизистон, Ҷумҳурии Молдова, Ҷумҳурии Латвия, Ҷумҳурии Литва, Ҷумҳурии Украина ва дигарон нишон медиҳад, ки масъалаи ҷавобгарии субъекти махсус дар қонунгузории онҳо ба таври шабеҳ танзим гардидааст.

4. Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки дар қонунгузории ҷиноятии аксари кишварҳои пасошӯравӣ муқаррар намудани чораҳои баланд бардоштани ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳои ҷинсӣ дар байни хешовандони наздик (инсест) ё бо истифода аз нашъамандӣ содиршуда (нисбат ба васоят ё шахсе, ки барои тарбияи ҷабрдида ё нигоҳубини ӯ масъул аст) асоснок ба назар мерасад, зеро он хавфи баланди ба ҷамъият хавфнокии ин гуна кирдорҳоро инъикос мекунад. Бинобар ин, пешниҳод мегардад, ки дар КҶ ҶТ ба ҷинояти мазкур моддаи алоҳида ҷудо карда шавад, зеро аломати хешутаборӣ субъекти онро махсус мегардонад.

# ХУЛОСА

Дар асоси омӯзиши паҳлуҳои назариявӣ ва амалии субъекти махсуси ҷиноят чунин хулосаҳои илмӣ ба даст омаданд:

1. Дар ҳуқуқи ҷиноятӣ субъекти ҷиноят шахси воқеие ҳисобида мешавад, ки ба шартҳои муайян ҷавобгӯ буда, барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан имкон медиҳад. Ин шартҳо фарогири расидан ба синни муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ва қобилияти дарк кардани хусусияти кирдори худ (мукаллафӣ) мебошанд. Чунин шахс бояд кирдори барои ҷомеа хавфнокеро анҷом диҳад, ки бо муқаррароти қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ бевосита манъ гардидааст.

Бо вуҷуди ин, дар меъёрҳои Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон истилоҳи «субъекти ҷиноят» маъмулан истифода намешавад. Қонунгузор ин истилоҳро бевосита зикр намекунад, балки ба ҷои он ибораҳои гуногунро истифода мебарад, ба монанди: «шахси дар содир кардани ҷиноят гунаҳгор», «шахси ҷазоро адокунанда», «шахси ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидашуда» ва дигар ифодаҳои ба онҳо монанд.

Ғайр аз ин, дар санадҳои меъёрӣ истилоҳоти махсусе истифода мешаванд, ки нақши шахсро дар кирдори ҷиноятӣ муайян мекунанд, аз ҷумла: «иҷрокунанда», «ташкилкунанда», «таҳриккунанда», «шарик», «маҳкумшуда», «гунаҳгор». Ин мафҳумҳо нақши функсионалии субъектро дар доираи ҷинояти мушаххас таъкид мекунанд **[5–М]**.

2. Субъекти ҷиноят робитаи ногусастанӣ бо унсурҳои дигари таркиби ҷиноят, аз ҷумла объект, тарафи объективӣ ва тарафи субъективӣ дорад. Танҳо дар маҷмӯъ ин унсурҳо муҳтаво ва моҳияти хавфи ҷамъиятии кирдори содиркардаи чунин шахсро муайян менамоянд.

Тамомияти механизми ин робита дар он зоҳир мегардад, ки субъект тавассути ҳаракат ё беҳаракатии худ, ки бо мақсад ва ангезаҳои ӯ муайян шудаанд, ба объекти мушаххас таъсир мерасонад. Ҳамин тавр, субъект дар якҷоягӣ бо объект, тарафи объективӣ ва тарафи субъективӣ таркиби пурраи ҷиноятро ташкил медиҳад. Ҷой надоштани яке аз ин унсурҳо, новобаста аз

мавҷуд будани субъекти ҷиноят дар кирдори содиршуда, таркиби ҷиноятро истисно мекунад **[13–М]**.

3. Таҳқиқи таърихии масъалаи субъекти махсус нишон медиҳад, ки он марҳилаҳои мухталифи таърихи тай намуда, сарчашмаи худро аз низомҳои таърихӣ-ҳуқуқии Тоҷикистон мегирад. Аммо, ба маънои имрӯза ва дар шакли меъёрии ҳуқуқӣ дар низоми ҳуқуқии шуравӣ мустаҳкам гардидааст. Масъалаҳои таърихию ҳуқуқии қонунгузории Тоҷикистонро омӯхта, ба муҳимтарин ёдгориҳои ҳуқуқии низомҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ, инчунин сарчашмаҳои сершумори ҳуқуқии Тоҷикистони таърихӣ дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ таваҷҷуҳ намуда, масъалаи субъекти махсуси ҷиноятро таҳқиқ намудан барои илми ҳуқуқшиносии муосир яке аз масъалаҳои мубрам ба ҳисоб меравад. Дар баробари ин, аҳаммият ва арзиши сарчашмаҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, ки марҳилаҳои муайяни рушди Тоҷикистонро тавсиф намуда, институти субъекти махсуси ҷиноятро танзим менамуданд, дар айни замон мубрамияти худро гум накардаанд. Онҳо имконият медиҳанд, ки ҳар як ҳодиса, дигаргуниҳои дар сохти ҷамъиятию давлатӣ ва аз ин ҳам бештар дар қонунгузории ҷиноятӣ баамаломада чуқур ва пурмазмунтар дарк карда шаванд **[4–М], [6–М]**.

4. Мавҷудияти номгӯйи дақиқи аломатҳои иловагии субъекти махсуси ҷиноят ва таснифоти онҳо барои назария ва амалияи ҳуқуқи ҷиноятӣ аҳамияти калон доранд. Аз дараҷаи дақиқ будани тавсифи чунин аломатҳо дар қонунгузории ҷиноятӣ имконпазирии бандубасти дурусти кирдори ҷиноятӣ мустақиман вобаста аст. Дар ҳолати нокифоя ва ё нодуруст нишон додани аломатҳои иловагии субъекти махсус метавонад вазъияте ба вуҷуд ояд, ки рафтори ҷинояткорона ё умуман ҷиноят эътироф намегардад ва ё он тибқи меъёрҳои дигари ҳуқуқи ҷиноятӣ бандубаст карда мешавад, ки ин фаъолияти ҳуқуқтатбиқкуниро ба таври ҷиддӣ мушкил мегардонад.

Бо назардошти ин, хеле муҳим аст, ки ба таҳияи дақиқ ва муқаррарсозии аломатҳои махсуси субъекти ҷиноят дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бодиққат муносибат карда шавад. Мавҷудияти чунин аломатҳои

иловагӣ имкон медиҳад, ки субъекти умумии ҷиноят аз субъекти махсус равшан фарқ карда шавад. Чунин аломатҳо боиси маҳдуд шудани доираи шахсоне мегарданд, ки барои содир намудани ҷинояти мушаххас метавонанд гунаҳгор эътироф шаванд, субъектҳои умумиро истисно намуда, ҷавобгариро танҳо ба шахсоне равона месозанд, ки дорои аломатҳои махсуси дар қонуни ҷиноятӣ пешбинишуда мебошанд [2–А].

5. Таҳлили ҷавобгарии ҷиноятии субъекти махсус тибқи қонунгузории ҷиноятии ҶТ нишон дод, ки қонунгузории ҷиноятии кишвар намудҳои алоҳидаи субъекти махсуси ҷиноят чун давлатҳои пасошуравӣ ҷавобгарии мухталифро муқаррар кардааст. Новобаста аз ин, баъзе аз масъалаҳои ҳалталаб дар ин самт ҷой доранд. Масалан, таҳлили м.105 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба кудаки навзоди худро куштани модар бахшида шудааст, як қатор масъалаҳои баҳснокро нишон медиҳад, ки ба татбиқи амалии он таъсир мерасонанд. Ба мушкилоти асосӣ номуайянии мафҳумҳо («тифли навзод», «модари биологӣ», «ҳолати рӯҳӣ»), норавшан будани давраи навзодӣ, муддати ҳолати харобии асаб, тарафи субъективии кирдор ва хусусиятҳои ҳолати равонии гунаҳгор дохил мешаванд. Ин ҳолатҳо яксон тафсир намудани меъёр ва татбиқи амалии онро ба таври назаррас мушкил мегардонанд. [7–А].

6. Таҳлили ҷавобгарии ҷиноятии субъекти махсуси ҷиноят мутобиқи қонунгузории кишварҳои хориҷӣ, аз ҷумла давлатҳои пасошуравӣ нишон дод, ки субъекти махсус яке аз масъалаҳои мубрами назария ва амалияи ҳуқуқи ҷиноятии кишварҳои хориҷӣ маҳсуб ёфта, таваҷҷуҳи олимони зиёдеро ба худ ҷалб намудааст. Омӯзиши қонунгузории кишварҳои хориҷӣ имконият фароҳам овард, ки ҷанбаҳои алоҳидаи масъалаи ҷавобгарии субъекти махсуси ҷиноятӣ дар қонунгузори кишварҳои хориҷӣ муайян карда шуда, бо қонунгузории миллӣ мавриди таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ қарор дода шаванд. Бинобар ин, омӯзиши таҷрибаи қонунгузории кишварҳои хориҷӣ доир ба ҷавобгарии субъекти махсуси ҷиноят яке аз масъалаҳои мубрам ба ҳисоб меравад [12–М].

# ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

Дар натиҷаи омӯзиш, баррасӣ ва таҳқиқи масъалаи субъекти махсуси ҷиноят таклифҳо ва тавсияҳои илмию амалии зерин пешниҳод карда мешаванд:

1. Дар Қисми умумӣ ва махсуси КҶ ҶТ дар ивази ибораҳои гуногун истилоҳи «субъекти ҷиноят» истифода карда шавад.

2. Пешниҳод мегардад, ки меъёрҳои м. 22 КҶ ҶТ дар таҳрири нав таҳия гардида, номи он бо «таркиби ҷиноят» иваз карда шуда, қисми якуми он чунин муқаррар карда шавад: «шартҳои умумии ҷавобгарии ҷиноятиро мавҷудияти унсурҳои таркиби ҷиноят ташкил медиҳанд, ки аз инҳо иборат мебошанд: объект, субъект, тарафи объективӣ, тарафи субъективӣ». Дар қисми дуюми моддаи мазкур мафҳум ва аломатҳои объекти ҷиноят, дар қисми сеюм бошад мафҳум ва аломатҳои субъекти ҷиноят; баъдан дар қисми чорум мафҳум ва аломатҳои субъекти махсуси ҷиноят, дар қисми панҷуми моддаи зикргардида мафҳум ва аломатҳои тарафи объективии ҷиноят, дар қисми шашум мафҳум ва аломатҳои тарафи субъективии ҷиноят муқаррар карда шаванд.

3. Беҳтар мебуд, ки мафҳуми субъекти ҷиноят дар қ. 2 м. 22 КҶ ҶТ дар шакли зерин ворид карда шавад: «Субъекти ҷиноят – шахси ҷиноятсодирнамудае мебошад, ки ба яке аз объектҳои муқаррарнамудаи Қисми махсуси Кодекси мазкур таҷовуз намуда, мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс дар вақти содир намудани ҷиноят дорои аломатҳои зерин мебошад: шахси воқеӣ, мукаллафӣ, расидан ба синну соли муайянгардидаи қонуни ҷиноятӣ».**[5–А].**

4. Дар қ. 3 м. 22 КҶ ҶТ мафҳуми субъекти махсуси ҷиноят дар шакли зерин илова карда шавад: «Субъекти махсуси ҷиноят шахсе эътироф мегардад, ки илова бар аломатҳои ҳатмии дар моддаи 22 ҳамин Кодекс пешбинишуда, инчунин дорои аломатҳои иловагии бевосита дар қонуни

ҷиноятӣ муқаррargardida ё мантиқан аз моҳияти ҳуқуқии таркиби мушаххаси ҷиноят бармеомада мебошад».

5. Дар м. 128 КҶ ҶТ қисми якум ибораи «мутобиқи қонун ё қоидаҳои махсус» нофаҳмо буда, шарҳи он дар эзоҳ оварда нашудааст. Зеро ибораи мазкур ҳангоми бандубасти ҷиноят аҳамияти калон дошта, субъекти махсуси ҷиноятро муайян мекунад. Аз ин рӯ, беҳтар мешуд, ки ибораи мазкур дар мазмуни модда ва ё дар эзоҳи он равшан карда мешуд. Ҳамзамон дар қисми якуми моддаи мазкур илова намудани меъёри зерин зарур мебошад: «...шахси дорои таҳсилоти миёна ё олии касбии тиббӣ ё дорусозӣ...».

6. Дар м.м. 23, 24 КҶ ҶТ дар хусуси синну сол ва мукаллафию номукаллафӣ сухан меравад, вале оид ба аломати якум - шахси воқеӣ дар ягон меъёри алоҳида дақиқ гуфта нашудааст. Бинобар ин, пешниҳод мегардад, ки ба масъалаи шахси воқеӣ як моддаи алоҳида ҷудо карда шавад. Дар моддаи мазкур метавон махсусиятҳои шахси воқеиро зикр намуд, ки чӣ гуна ашхос шахси воқеӣ буда, дар кадом ҳолат шахси воқеӣ субъект ба ҳисоб меравад.

7. Бо назардошти он, ки аломати субъекти ҷиноят на номукаллафӣ, балки мукаллафӣ ба шумор меравад ва аз мафҳуми номукаллафӣ баровардани мафҳуми мукаллафӣ нодуруст мебошад, беҳтар мешуд, ки моддаи 24 КҶ ҶТ ба мукаллафӣ бахшида шуда, масъалаи номукаллафӣ дар қисмҳои ниҳоӣ ва ё дар моддаи алоҳида муқаррар карда шавад.

8. Ба андешаи мо, дар қонуни ҷиноятӣ фаъолияти равонпизишк ва равондармон ва ё равоншинос, ки боиси бад шудани ҳолати равонии шахс, гирифтори мушкилот ва ё бемориҳои психологӣ намудани ӯ ва монанди инҳо мегардад, муқаррар нашудааст. Бинобар ин, ба ақидаи мо, мафҳуми корманди тиб аз нигоҳи ҳуқуқӣ бояд дақиқу равшан зикр гардад. Зеро ки кадом корманди тиб (аз ҷумла, тибқи м. 129 КҶ ҶТ) ба ҷавобгарӣ ҷиноятӣ кашида мешавад, аз ҳамин масъала вобаста мебошад. Бо ин назардошт,

пешниҳод менамоем, ки дар моддаи алоҳида ва ё дар бахши мафҳумҳои асосии КҶ ҶТ ҳолатҳои саломатии равонӣ низ муқаррар карда шаванд.

9. Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки дар қонунгузории ҷиноятии аксари кишварҳои пасошӯравӣ муқаррар намудани чораҳои баланд бардоштани ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳои ҷинсӣ дар байни хешовандони наздик (инсест) ё бо истифода аз нашъамандӣ содиршуда (нисбат ба васоят ё шахсе, ки барои тарбияи ҷабрдида ё нигоҳубини ӯ масъул аст) асоснок ба назар мерасад, зеро он ба ҷамъият ниҳоят хавфнок буда, ин гуна кирдорҳоро инъикос мекунад. Барои ҳамин, пешниҳод мегардад, ки дар КҶ ҶТ ба ҷинояти мазкур моддаи алоҳида ҷудо карда шавад, зеро аломати хешутаборӣ субъекти онро махсус мегардонад.

# НОМГӮЙИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)

## I. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ

[1]. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 маи соли 1998, №574 [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 30.03.2023).

[2]. Консепсияи пешгӯйии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 феврали соли 2011№ 1021 тасдиқ шудааст [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 30.03.2023).

[3]. Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028. Бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «6» феврали соли 2018, №1005 тасдиқ шудааст [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 30.03.2023).

[4]. Уголовный кодекс Азербайджанской Республики от 30 декабря 1999 г. № 787-IQ [Текст]. – 196 с.

[5]. Уголовный кодекс Кыргызской Республики от 2 февраля 2017 г. №19 [Текст]. – 136 с.

[6]. Уголовный кодекс Литовской Республики 26 сентября 2000 г. №VIII-1968 [Текст]. – 280 с.

[7]. Уголовный кодекс Польша [Текст]. – СПб: Изд-во «Юридический центр Пресс», 2001. – 234 с.

[8]. Уголовный кодекс Республики Армения от 29 апреля 2003 г. № ЗЗ-528: в ред. от 18 мая 2021 г [Текст]. – 136 с.

[9]. Уголовный кодекс Республики Беларусь от 9 июля 1999 года № 275-З [Текст]. – 204 с.

[10]. Уголовный кодекс Республики Казахстан от 3 июля 2014 года № 226-V ЗРК [Текст]. – 194 с.

[11]. Уголовный кодекс Республики Молдова от 18 апреля 2002 года № 985-XV (с изменениями и дополнениями по состоянию на 02.02.2023 г.) [Текст]. – 196 с.

[12]. Уголовный кодекс Республики Узбекистан от 22 сентября 1994 г., № 2012–XII [Текст]. – 173 с.
[13]. Уголовный кодекс Российской Федерации от 13 июня 1996 г. № 63-ФЗ [Текст]. – 334 с.
[14]. Уголовный кодекс Туркменистана от 12 июня 1997 года N222-1 [Текст]. – 185 с.
[15]. Уголовный кодекс Латвийской Республики от 17 июня 1998 г [Текст]. – 66 с.

## II. Монографияҳо, китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ

[16]. Абдуллозода, Ш. Асосҳои диншиносӣ [Матн] / Ш. Абдуллозода. – Душанбе, 2002. – 392 с.
[17]. Абдурашидзода, А.А., Назаров У.С. Ҳуқуқи ҷиноятӣ (қисми умумӣ). Курси лексияҳо [Матн] / А.А. Абдурашидзода, У.С. Назаров. – Душанбе: ЭР-Граф, 2017. – 350 с.
[18]. Авестисян, С.С. Соучастие в преступлениях со специальным составом [Текст] / С.С. Аветисян. – М., 2004. – 467 с.
[19]. Авесто. Китоби 1 [Матн]. – Душанбе: Бухоро, 2014. – 784 с.
[20]. Агапов, А.П. Проблемы противодействия организованной преступной деятельности [Текст] / А.П. Агапов. – М., 2010. – 312 с.
[21]. Азимов, Н.Б. Преступления против нормального развития несовершеннолетнего и интересов семьи [Текст] / Н.Б. Азимов. – Душанбе, 2011. – 145 с.
[22]. Антонова, Е.Ю. Субъект уголовной ответственности [Текст]: монография / Е.Ю. Антонова. – Хабаровск, 2000. – 104 с.
[23]. Арутюнов, А.А. Институт соучастия: системный подход и проблемы квалификации [Текст] / А.А. Арутюнов. – М., 2002. – 236 с.
[24]. Батычко, В.Т. Уголовное право. Общая и особенная часть [Текст] / В.Т. Батычко. – М., 2006. – 668 с.
[25]. Боровиков, В.Б. Уголовное право. Общая часть: учебник для прикладного бакалавриата [Текст] / В.Б. Боровиков, А.А. Смердов;

под ред. В. Б. Боровикова. – 4-е изд., переруб, и доп. – М.: Издательство Юрайт, 2017. – 249 с.

[26]. Бобохонов, Ф.А. Таъсири қувваи фикр ва сухан дар фаъолияти кормандони муассисаҳо [Матн] / Ф.А. Бобохонов: монография. – Душанбе: «Ашуриён», 2024. – 208 с.

[27]. Будякова, Т.П. Несовершеннолетний преступник как особая жертва [Текст] / Т.П. Будякова // Вопросы ювенальной юстиции. – 2011. – № 4. – С. 6-9.

[28]. Буриев, И.Б. История государства и права Таджикистана [Текст] / И.Б. Буриев. Т. 1, ч. 1-2 (от древнейших времен до начала XX века). – Душанбе: Ирфон, 2007. – 244 с.

[29]. Габеев, С.В. Убийство: проблемы квалификации и уголовной ответственности [Текст] / С.В. Габеев, А.В. Чернов. – Иркутск: ВСИ МВД России, 2017. – 272 с.

[30]. Галиакбаров, Р.Р. Уголовное право Российской Федерации. Общая часть [Текст] / Р.Р. Галиакбаров. – Краснодар: «Издательство Кубанского государственного аграрного университета», 1999. – 444 с.

[31]. Галиакбаров, Р.Р. Борьба с групповыми преступлениями. Вопросы квалификации [Текст] / Р.Р. Галиакбаров. – Краснодар, 2000. – 200 с.

[32]. Гельфер, М.А. Состав преступления [Текст] / М.А. Гельфер // Советское уголовное право. Часть Общая, IV выпуск. – М., 1960. – 389 с.

[33]. Гражданско-правовая и уголовно-правовая ответственность в медицине [Текст] / Е.В. Епифанова, О.А. Цыганова, И.В. Ившин, Е.А. Мартынов. – Москва: Юрлитинформ, 2011. – 272 с.

[34]. Дагель, П.С. Учение о личности преступника в советском уголовном праве [Текст] / П.С. Дагель. – Владивосток, 1970. – 132 с.

[35]. Дагеяь, П.С., Михеев Р.И. Установление субъективной стороны преступления [Текст] / П.С. Дагеяь, Р.И. Михеев. – Владивосток, 1972. – 36 с.
[36]. Дьяков, С.В., Игнатьев А.А., Карпушин М.П. Ответственность за государственные преступления [Текст] / С.В. Дьяков, А.А. Игнатьев, М.П. Карпушин. – М., 1988. – 223 с.
[37]. Дьяченко, А.П. Уголовно-правовая охрана прав граждан в сфере сексуальных отношений [Текст] / А.П. Дьяченко. – М., 1995. – С. 27-28.
[38]. Епифанова, Е.В. Становление и развитие института соучастия в России [Текст] / Е.В. Епифанова. – Краснодар, 2003. – 221 с.
[39]. Иванов, В.Д. Уголовное право. Общая часть. Учебник. – Ростов-на-Дону: «Феникс», 2002. – 320 с.
[40]. История Халифата. Ислам в Аравии [Текст]. – М., 1989. – Т. 2. – 310 с.
[41]. Камолов, З.А. Система наказаний по Уголовному кодексу Республики Таджикистан [Текст] / З.А. Камолов. – Иркутск, 2009. – 193 с.
[42]. Ковалев, М.И. Соучастие в преступлении [Текст] / М.И. Ковалев. – Екатеринбург, 1999. – 204 с.
[43]. Козлов, А.П. Соучастие: традиции и реальности [Текст] /А.П. Козлов. – СПб., 2001. – 362 с.
[44]. Козлов, А.П. Соучастие: традиции и реальность [Текст] / А.П. Козлов. Учеб. пособие / Краснояр. гос. уи-т. – Красноярск, 2000. – 233 с.
[45]. Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации [Текст] / Под ред. А.И. Рарога. – М., 2004. – 819 с.
[46]. Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации с постатейными материалами и судебной практикой [Текст]. – Ростов н/Д, 2002. – 720 с.

[47]. Корнеева, А.В. Теоретические основы квалификации [Текст] /А.В. Корнеева: Учебное пособие. – М., 2006. – 176 с.
